30
1990
2020
Овози Самарқанд

Рӯзномаи Шӯрои намояндагони
халқ ва ҳокимияти вилояти
Самарқанд

# 30
# НОМАИ
# РӮЗНОМА

ТОШКАНД
«VNESHINVESTPROM»
2020

**30 номаи рӯзнома** [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо. / Ҳайати таҳрир: Б.Раҳмонов (ва дигарон). – Тошканд. «VNESHINVESTPROM», 2020 – 148 саҳифа.

**Ҳайати таҳрир:**
**Б.Раҳмонов (раис), Тошқул Азимов, Комил Ҷӯразода**

*Баъди шинондан ҳар як ниҳол реша давонда, сабзу хуррам мегардад. Бо гузашти солҳо шоху навда пайдо карда, сербору серҳосилтар мешавад.*

*Ниҳоли бо орзуву умедҳои зиёд парвардаи халқи мо-рӯзномаи "Овози Самарқанд" дарахти 30-сола шуд. Ба ҳамин муносибат аз ҳар як шохи ин дарахти пурбор яктои мева - мақоларо интихоб карда, ҳамчун армуғон ба хонандагони арҷманд пешкаш мегардонем.*

**Таҳиягарон:**
Бахтиёри Ҷумъа, Беҳрӯз Маъруфӣ

Китоби мазкур аз ҷониби ҷамоаи эҷодии таҳририяти рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба нашр тайёр карда шуд.

1990

# БАЧАҲОРО КУҶО БУРДА ИСТОДАЕМ?

Бегоҳӣ. Дар чойхонаи гузар одами бисёре ҷамъ шуда буд. Чи масъаларо ҳал мекунанд, касе намедонист. Яке ба чойхона корманди милитсия оид ба корҳои ноболиғон даромада омад. Воқеа худ аз худ равшан гардид. Мардум медонистанд, ки чанд рӯз пеш аз ин хонандаи синфи нӯҳуми мактаби гузарашон, писари фалонӣ оинаи пеши мошини сабукрави як одамро дуздида, ба даст афтодааст. Худи ҳамин нарасидагӣ барин хонандаи синфи шашум, писари бисмадонӣ велосипеди фарроши гузарро савор шуда, ду рӯз ин ҷониб ғайб задааст. Ӯро аз ҳеҷ куҷо намеёфтанд. Ба ин гапҳо баъзеҳо бовар мекарданд. Баъзеҳо бо ҳайрат китфонашонро ба ҳам мекашиданд. Майори милитсия дар миёнҷо, дар курсие нишасту воқеаи аз ин ҳам мудҳиштарро гуфта дод. Аз рӯйи нақлаш маълум гардид, ки дар яке аз ноҳияҳои вилоятамон ду бачаи дувоздаҳсола посбони мағозаеро куштаанд.

Мардум як қад парида ба ҷунбиш омаданд. Чашмонашонро калон-калон кушода, бо ҷиддият ба даҳони майор менигаристанд. Вай ба тафсилоти воқеа гузашт.

– Ҷӯраҳо аз хурдиашон нос мекашиданд. Сонӣ ба сигоркашӣ гузаштанд. Онҳо ҳар рӯз аз сигорқуттии падарашон сигор медуздиданд. Ба пушти хона гузаштаю ба халоҷо даромада мекашиданд. Оҳиста-оҳиста ба ҳамин бало гирифтор шуданд.

Рӯзе сигорашон намонд. Пул ҳам надоштанд, ки бихаранд. Сарҳояшон гаранг, як-як қадам монда ба мағозаи деҳа омаданд. Он маҳкам буд. Посбони он дар рӯйи суфача, бар болини чиркинаш такя намуда, фиш-фишкунон пинак мерафт.

Бачаҳо аз паси мағоза бар болои бом баромаданд. Аз лаби

он хишти пухтаро канда гирифтанду бо тамоми қувва ба сари посбон заданд. Вай садое набароварда дар ҷойи нишастагиаш ҷон дод. Бачаҳо оинаро шикаста даруни мағоза даромаданд. Ин ҳолро роҳгузаре мебинаду омада ба чойхона хабар медиҳад. Одамон фавран баромада, қотилони ноболиғро ба даст мегиранд, ки кисаҳояшон пури сигор буд.

Муфаттиш аз бачаҳо:

– Ба ин кори мудҳиш чӣ хел ҷуръат кардетон? – гӯён пурсидааст. – Магар аз қонуну қоидаҳо натарсидетон?

– Чаро метарсидаем? – беибоёна ҷавоб доданд қотилон. – Дар фалон филм бачаҳо қаровулро кушта, кассаи амонатиро мезананд-ку? Мо фақат ду кисагӣ сигор гирифтем.

Баъд аз ҳамин дар чойхона гап рӯида рафт. Дурусттараш, ба маънои томаш демократия, ошкорбаёнӣ буд. Ҳар яке фикру мулоҳизаашро рӯйи рост мегуфт. Аз майор ҳам, аз шахсони дигар ҳам ибо намекарданд.

Ба одамон ҳаминаш аламовар буд, ки чаро бачаҳо рӯз аз рӯз бемеҳру оқибат, танбалу коргурез шуда истодаанд. Хурду калонро назару писанд намекунанд. Сигор мекашанд, арақ менӯшанд. Ниҳоят ба дуздӣ, ғоратгарӣ ҳам даст задаанд. Фардо ба воя расанд, боз ба чи корҳои мудҳишу нанговар даст мезада бошанд?

Ду-се нафар муаллимон баромада, ҳама айбу иллатро ба гардани падару модарон бор карданд, ки бо тарбияи фарзандонашон дилсӯзона машғул намешаванд. Бачаҳо баъди мактаб дар кӯчаҳо мегарданд, бо чи корҳо машғул мешаванд, намедонанд. Ҳамин хел шудан пас, бачаҳои беназоратмонда аз ҳамдигар хислатҳои бад, корҳои ношоямро меомӯзанд. Сигору нос мекашанд. Пул ёфта, арақ менӯшанд. Ин рафтор оҳистаоҳиста ба дуздӣ, ба ғоратгарӣ мебарад, ки оқибаташ маълум.

Аммо падару модарон ҳам одамони аноӣ нестанд. Мулоҳизаи муаллимонро фавран қабул намекарданд. Баръакс, онҳо даъво доштанд, ки бачаҳояшон то ба мактаб рафтан хушодо-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

бу гапдаро буданд. Кори фармудаашонро мекарданд. Росту дурӯғ намегуфтанд. Нисбат ба падару модар, додару хоҳар меҳру муҳаббати бепоён доштанд. Панҷумро тамом карда, ба синфи шашум гузаштанду... Охир муаллимон барои таълиму тарбия пули калон мегиранд. Аз тарафи давлат имтиёзҳои бисёр доранд. Чаро ба одобу ахлоқи бачаҳо аҳамият намедиҳанд? Ҳозир ҳамаамон шунидем, ки писари фалонӣ оинаи пеши мошинаи сабукравро дар рӯзи равшан, дар вақти дарс туздидаast. Роҳбари синф, муаллимон куҷо буданд? Ба ин маъмурияти мактаб чӣ мегӯяд? Муҳокима торафт ранги ҷиддӣ мегирифт. Одамон як-як дилашонро мекафонданд.

– Гуфтаҳои шуморо шунида, давраи бачагиам ба ёдам расид, – як одами ришу бурутдор ба майор рӯ овард. – Шаш ё ҳафтсола будам. Зангӯлаи баррачаи ҳамсояамон ба ман басо маъқул буд. Медидаму ҳавасам меомад. Дуру дароз нигоҳ карда мемондам.

Рӯзе баъди пешин ба ҳавлии ҳамсояамон гузаштем, ки касе нест. Баррачаи зангӯладор дар рӯйи ҳавлӣ гурс-гурскунон бозӣ карда мегашт. Онро як навъ карда доштаму зангӯлаашро кушода гирифтам. Як чашм ба пеш, як чашм ба пушт давон-давон омадам. Онро акнун ба гардани бузғолачаам бастанӣ будам, ки аз куҷое модарам омада монд. Вай зангӯлачаро диду рангу рӯ, феълу атвораш якбора дигар шуд. Рост ба болои сарам омад.

– Падару модарат дузд набуд-ку, Азим? – бо ҷазава мепурсид модарам. – Ин ҳунарро аз кӣ омӯхтӣ?

Ман саросема шуда мондам. Чӣ гуфтанамро намедонистам.

– Чаро гап намезанӣ? – аз пешина ҳам шиддат мекард модарам. – Росташро гӯй, ин зангӯлаи баррачаи ҳамсояамон ёки аз они каси дигарро дуздида омадӣ?

Сарамро хам кардам. Ба ҷавоб додан забонам намегашт.

– Аз они ҳамсояамон, – гуфтам базӯр.

– Зангӯлачаро гиру пеш даро! – амр дод модарам.

Илоҷи дигар набуд. Пеш-пеши модарам ба ҳавлии ҳамсо-

яамон омадем. Кампири хамидақомате аз хона баромад.

– Ин зангӯлаи баррачаи шумо-а? – пурсид модарам.

– Ҳа, – ҷавоб дод кампир, – чӣ гуна кушода гирифтааст, бехабарам. Бача-дия… Шояд нағз дида…

Модарам гӯши ростамро дошта чунон сахт кашид, ки ба хаёлам, аз таги бунаш канда шуд. Чанд дақиқа сӯзишу дардашнамонд. Беихтиёр аз чашмонам об баромаданд.

– Тавба кардам гӯй, тавба кардам гӯй, – такрор мекард модарам. – Бубахшед, гашта хаси касеро намедуздам, гӯй.

Ман гуфтаҳои ӯро ду маротибагӣ такрор кардам. Баъди ҳамин модарам гӯшамро сар дод. Дуямон ба хона омадем. Гашта ба хаси мардум даст намерасонидагӣ шудам.

Аз ҳама боло, дар пешгаҳи чойхона пирамарди нуроние менишаст. Мӯйсар, ришу бурутҳояш сап-сафед буданд.

– Дар хусуси тарбияи бачаҳо мушоҳидаҳои бисёр дорам, – арз мекард пирамард. – Даҳ сол пеш аз ин онҳоро ба коғазе навишта, ба идораи рӯзнома бурда будам. Аммо чоп накарданд. «Шумо бачаҳои мактаби шӯравиро «беодобӣ, дуздӣ мекунад» гуфта, навиштед. Ин мумкин нест. Мо чунин маколаҳоро чоп карда наметавонем», гуфтанд.

– Ман ба гуфтаҳоятон сад фоиз бовар мекунам, падар, – майор пирамардро ҳимоя мекард. – Ҳамаи бадбахтиҳо, паст шудани сифати таълиму тарбия, ба роҳҳои бад даромадани бачаҳову навҷавонон аз руст кардан, дурӯғ гуфтанҳо авҷ гирифтанд. Ҳозир замони бозсозӣ, демократия фикрҳоятонро бемулоҳиза гуфтан гиред. Заррае бошад ҳам, барои солим кардани корҳои таълиму тарбия ёрӣ мерасондагист.

Аз афти кор, пирамард баъд аз ҳамин гапҳо хеле далер шуд. Як ҷунбиду дурусттар нишаста гирифт. Воқеаҳои гузаштаву имрӯзаро бо ҳамдигар омехта, вазнин, мулоҳизакорона ба сухан даромад.

– Соли ҳазору нӯҳсадум ба дунё омада будам, – саҳифаҳои ҳаёташро варақ мезад пирамард. – Панҷ солашро давраи кӯда-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

киам гӯям, ҳаштоду панҷ солаш чун дирӯза дар пеши назарам истодааст. Аввал дар мактаби кӯҳна, се сол дар мадрасаи Шер-дор, сонӣ дар курси муаллимтайёркунӣ хонда будам. Касбам омӯзгор. Чилу ду сол бо корҳои таълиму тарбия машғул шуда, бо хоҳиши худам ба нафақа баромадам.

Акнун ба гапи асосӣ мегузарем. Дар ин ҷо мардум бисёр ҳарф заданд. Маълум шуд, ки дар хусуси тарбия намудани бачаҳо ҳамаамон дилсӯзона гап мезанем. Маслиҳат медиҳем. Вале ба он чизҳо худамон амал намекунем. Аз ин ҷост, ки ба вайрон шуда истодани таълиму тарбияи бачаҳо пеш аз ҳама худамон гунаҳкорем. Аммо онро ба гардан намегирем.

Акнун ба гуфтаҳоям далел мебиёрам. Баъзеҳо ҳарф заданд, ки бачаҳо дар гузашта дуздӣ намекарданд. Не, ин фикр нодуруст. Бачаҳо пештар ҳам дуздӣ мекарданд. Ман солҳои бисту му чилӯмро дар назар дорам. Падару модарон, мардум ба ору номус, ҳушёру зирак буданд. Вазъи бачаро ба зудӣ мефаҳмиданд. Ӯро ҳама назорат мекарданд.

– Қадаммонии писари фалонӣ беҷо, – мегуфтанд онҳо ба ҳамдигар. – Дасташ каҷ шудагӣ барин. Ба падару модараш фаҳмондан даркор, токи вай ба ин ҳунар одат накунад. Вагарна дузд мешавад. Обрӯйи гузарамонро мерезад.

Ниҳоят хислатҳои бади фарзандашро ба ӯ мегуфтанд. Падару модар аз ин кори онҳо миннатдор мешуданд ва ҳамагӣ ба як фикр омада, бачаро аз ин роҳ мегардонданд. Вай ба роҳи дуруст медаромад. Ин гуна корашро гашта такрор намекард.

Ҳоло замон дигар шудааст. Аз хусуси рафтори бади бачааш гап кушоед, падараш фавран карасин барин оташ мегирад. Аз гиребонатон маҳкам медорад. Шуморо то ба таги дари суд кашола мекунад.

Ба назари ман, дасти бача аз бепарвоии падару модар каҷ мешавад, яъне аввал қалами ранга, китобчаи суратдор, тангаро медуздад. Ба ин касе аҳамият намедиҳад. Вай сони ба худ шарик мекобад. Ду-се нафар мешаванд. Байни худ маслиҳат

карда, баъд ба дуздии калонтар сар мекунанд.

Пештар одамон аз дуздиву ғоратгарӣ сахт ор мекарданд. Ба дасти милитсия афтидану ҳабс шудан нангу номус буд. Ҳоло шахсоне ҳастанд, ки аз хусуси дуздиашон дар чойхонаву тӯйхонаҳо бо фахру ғурур нақл мекунанд. Таъриф менамоянд, ки посбони таги дари комбинати гӯштро чи гуна фиреб додаанд. Ҳатто, аз дасти корманди милитсия ҳам ба осонӣ халос хӯрдаанд. Падару модар ҳамин тавр шудан пас, аз фарзандони онҳо чиро умед мекунед? Зоғ дар хона дидаашро мекунад-дия.

Бачаҳои замони пеш тухми мурғ, сагчаи хушрӯ, хурӯс, харбузаву бодиринг медуздиданд. Бачаҳои ҳозира ин чизҳоро назару писанд намекунанд. Ба онҳо оинаи пеши мошинҳои сабукрав, қисмҳои зарурӣ, магнитафон, кассетаҳо лозиманд. Зеро он молҳо харидоргир, пулаш ҳамеша дар болояш. Ба устохонаҳо арзону гарон мефурӯшанду пас сигор, нашъа мехаранд. Дар ошхонаву ресторанҳо нишаста кайфу сафо мекунанд. Реҷаҳои нав мекашанд.

Саволе ба миён меояд, ки чунин бачаҳои гиёҳманд пештар ҳам буданд. Не, набуданд. Бо қатъият мегӯям, ки бачаҳо сигору нашъа он тараф истад, ҳатто нос намекашиданд. Инро одамони аз чил, панҷоҳсола боло нағз медонанд.

Дар ҳамин ҷо як чизи бисёр муҳимро гуфтаниам, ки дар шаҳрҳоямон хонаҳои бисёрқабата набуданд. Аксари занҳо бо тарбияи фарзандон машғул мегардиданд. Бачаҳоро аз хурдиашон ба кор, ба меҳнати фоиданок одат мекунонданд. Онҳо аз ҳавзи гузар об мекашонданд, ҳезум мекафонданд. Рӯйи ҳавлиро мерӯфтанд. Онро рӯзе ду-се маротиба об мезаданд. Рафта, аз бозор нону мева харида меомаданд. Аммо аз мактаб, аз дарсҳо дер намемонданд. Зеҳнашон тез, саводашон баланд буд. Илова бар ин, онҳо аз ҳама навигариҳои дохиливу хориҷӣ бохабар буданд. Дар дил орзуву ҳавасҳои нек доштанд. Аз ин ҷост, ки ба носу папирос, нашъакашӣ вақташон намерасид. Падару модар, хурду калони гузар онҳоро ҳамеша назорат

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

мекарданд.

Ҳоло гап дигар шудааст, як қисми мардум дар иморатҳои бисёрошёна истиқомат мекунанд. Ҳама ҳавливу хонаҳо газу водопровод доранд. Ташвиши обкашониву ҳезумшиканӣ аз байн рафт. Илова ба ҳамаи ин, бисёрии модарон дар фабрикаву завод, корхонаву муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд. Пеш аз торик шудан ба хона меоянду аз паси зиндагӣ бо тайёр кардани таоме машғул мегарданд.

Баъди мактаб бачаҳо ба хона меоянд. Ягон чиз мехӯранду мурвати оинаи ҷаҳоннаморо метобанд. Агар кинои ҷанг бошад, онро то охир тамошо мекунанд, чизи дигар бошад, фавран хомӯш карда, кӯча мебароянд. Аҷабо, чаро ба киноҳои ҷанг иштиёқи бачаҳо ин қадар калон?

Аз хизмати оинаи ҷаҳоннамо ҳама мамнун. Ҳатто модароне, ки бачаҳои шӯхашонро саришта карда наметавонанд, мурвати оинаи ҷаҳоннаморо метобанд. Баробари пайдо шудани акс бачаҳо дар пеши телевизор қатор мешинанд. Ду чашм аз он намекананд. Модари бечора каме нафаси осуда мекашад. Вай беихтиёр: «Телевизорро баровардагӣ барака ёбад» мегӯяд.

Яке баъди он кинои ҷанг сар мешавад. Гӯё ҳама девона барин. Душманро пеш мекунанд, мегурезанд, мебинед, ки яке дигареро мепарронад. Зи ибтидо то охираш одам мекушанд, хун мерезанд. Ба хонаҳо оташ мезананд.

Ба фикри ман, бачаҳо на фақат бо по гаштану гуфтугӯ кардан, балки хислатҳои неку бади инсонӣ, дурусттараш ниҳолшинониву тирпаррониро низ аз калонҳо меомӯзанд. Ба онҳо ҳамеша тақлид мекунанд. Аҷаб нест, ки сангдилӣ, бераҳму бешафқатӣ, молдуздиву одамкушии ноболиғон аз тамошои чунин кинофилмҳо сар зада бошанду мо аз чизҳои дигар гумон карда мегардем.

Филмҳои ҷанг, duздиву ғоратгариро чаро ин қадар бисёр намоиш медиҳем? Аз ин бачаҳо, махсусан ноболиғон, ки со-

атҳои дароз аз пеши телевизор намехезанд, чи баҳра мегиранд?

Мардум аз кӯҳансолонро ҳурмат накардани ҷавонон, рӯз аз рӯз кам шуда истодани меҳру оқибат бисёр гап мезадагӣ шудаанд, ин дуруст аст. Вақтҳои пеш ба ҳамдигар меҳру оқибати мардум баланд буд. Нафақат хешу табор, ҳатто одамони беши бегонаро ба худ падархонд, модархонд мехонданд. Ба хонааш равуо менамуданд. Оқибат, аз хешу ақрабо зиёдтар шуда мерафтанд.

Онҳо фарзандҳояшонро низ ба меҳмонӣ, ба хонаи хешовандонашон мебурданд. Бо писару духтаронашон шинос мекарданд. «Меҳр дар ду чашм» мегуфтанд кӯҳансолон. Ҳамдигарашро дидан гирад, меҳраш меафзояд. Баъд аз сари падару модараш ҳам рафту омадашро намеканад.

Ин ҳол дар рӯзҳои мо ранги дигар гирифтааст. Кори давлатро баҳона карда, ба хонаи хешу табор кам мераванд. Фарзандонашон ҳамдигарро намешиносанд. Аммо остонаи дари сардор, амалдорро охурча мекунанд. Рӯзи таваллуди худаш, занаш, духтару писараш, авлоду аҷдодаш, бобову бобокалонашро баҳона карда мераванд. Ба ҳамаашон тӯҳфа мебаранд.

Ин ҷо як муаллим аз хусуси бесаводии шогирдонаш сӯхтаву пухта гап зад. Гуфтаҳояш сад фоиз ростанд. Ман ҳаминро илова мекунам, ки агар гуфтан ҷоиз бошад, замони бесаводӣ сар шудааст. Зеро дар бисёр ҷойҳо номи кӯча, номи деҳаро ғалат менависанд. Дар рӯзномаву маҷалла, ҳатто дар китобҳои дарсӣ ба хатоҳои имлоӣ роҳ медиҳанд, ки авфнопазир аст.

Ба қарибӣ роҳам ба қабристон афтида буд. Давлатманде бар болои сари қабри падараш санги сиёҳ гузоштааст. Гуфтанд, ки қимати он панҷ ҳазор сӯм. Тааҷҷуб, ки даҳони ҳама возу ҳушашон рафта буд. Баъзеҳо онро дошта медиданд. Ман рӯйи сангро хондам. «Марупов Муқум» навиштааст сангтарош. Дар ду калима сето хатои имлоӣ гуфтам дар дилам.

Ду ҷумла аз хусуси ахлоқ гуфтаниам. Дар боло ҳарф задем,

ки кинофилмҳои бемаънӣ шарму ҳаёи бачаҳоро меронад. Зеро дар онҳо муҳаббат аз бӯсо-бӯсӣ сар мешавад. Аксбардорон ҳам дар чунин лаҳзаҳо вақтро дареғ намедоранд. Гӯё лабҳои ҷавонон ба ҳамдигар часпида бошанд, ба осонӣ ҷудо намешаванд. Дар толор ҳаёҳуй, суханҳои беодобона садо медиҳанд.

Худи ҳаминҳо нарасидагӣ барин, вақтҳои охир видеофилмҳо, кассетаҳои хориҷӣ пайдо шудаанд, ки аз тамошо мӯйсаратон рост мешаванд. Толорро ҷавонону ноболиғон пур мекунанд. Махсусан ҳаминаш ба кас алам мекунад, ки баъзеҳо дар хонаашон шабнишиниҳои пинҳонӣ ороста, ана ҳамин кассетаҳои беҳаёёнаро то саҳар ҳамроҳи ҷӯраҳояшон тамошо мекунанд. Пагоҳ мехезанд, ки ҳамон кассетаву видео нест. Дамаш ба дарун меафтад. Мурғи посӯхта барин ба чор тараф медаванд. Вале ёфт намешавад.

Баъди се рӯзаш маълум мегардад, ки кассетаву видеоро писараш гирифтагӣ будааст. Онҳо ҳам дар хонаи ҷӯраашон шабнишинии пинҳонӣ ороста, аз нисф зиёдтари кассетаро тамошо мекунанду ба даст афтида фош мегарданд.

Хӯш, ҳамаи нишастагон фарзанд доретон. Аз рӯйи инсоф худатон гӯетон, ки мо бачаҳоро куҷо бурда истодаем. Охир, вақти ҷиддитар фикр кардан, пеши ин камбудиву нуқсонҳоро гирифтан расидагист?

Омӯзгори пир рост мегӯяд. Суханҳояш муболиғае надоранд. Гапро кам карда, ба кори амалӣ гузаштан даркор.

Болта ОРТИҚОВ.

(«Овози Самарқанд», 3-5-уми апрели соли 1990, № 27-28)

# НОБИҒАИ НОБИНО

Дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллои Рӯдакии Самарқандӣ яке аз масъалаҳои асосӣ нобиноии шоир аст. Ин масъала махсусан дар рӯдакишиносии шӯравӣ дар давоми 30-40 соли охир баҳсҳои доманадори илмиро дар байни муҳаққиқони шоир ва умуман аҳли илму адаб ба вуҷуд овард, аммо то ҳол ҳалли қатъии худро наёфтааст. Дар рӯдакишиносӣ дар ҳақиқат ин масъалаи принсипиалӣ буда, аҳамияти фавқулоддаи амалӣ ва назарӣ дорад.

Вале, мутаассифона, баҳс пиромуни масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар адабиётшиносии тоҷик бештар яктарафа, бар хилофи ҳуҷҷату далелҳои боэътимоди сарчашмаҳои қадим ҷараён гирифта, аз ҳақиқат дур шудааст. Ин ҳақиқат аз он иборат аст, ки Рӯдакӣ дар замони зиндагиаш ва баъд низ чун шоири нобино маълуму машҳур шудааст. Аз гуфтаҳои шоироне, ки дар замони Рӯдакӣ ва баъд аз ӯ зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ҳамин нукта ба равшанӣ аён мегардад, ки султони шоирони тоҷику форс ҳанӯз дар айёми хизмати худ дар дарбори подшоҳони Сомонӣ нобино будааст. Ин ҳақиқат, аз ҷумла аз суханони Фирдавсии бузург, ки ҳамзамони хурди Рӯдакӣ буда, ба назми «Шоҳнома»-и безаволи худ андаке баъдтар аз вафоти ӯ шурӯъ кардааст, маълум мегардад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» сареҳан қайд кардааст, ки Балъамӣ – вазири Сомониён назм кардани китоби машҳури «Калила ва Димна»-ро ба Рӯдакӣ фармуд ва барои иҷрои ин кор ноқил (гузоранда)-ро дар рӯ ба рӯйи шоир нишонданд, то китобро барои ӯ хонад. Рӯдакӣ аз рӯйи гузориши ӯ китобро ба назм даровард:

*Гузорандаро пеш бинишонданд,*
*Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.*
*Бипайваст гӯё парокандаро,*
*Бисуфт инчунин дурри огандаро.*

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

Аз мазмуни ин гуфтаҳои Фирдавсӣ равшан мегардад, ки ба сабаби нобино будани Рӯдакӣ китоби «Калила ва Димна»-ро барои назм кардан ба ӯ хонда додаанд, вагарна шоир китобро худаш хонда ба назм меовард.

Шоири ҳамзамони Фирдавсӣ Абӯзироаи Гургонӣ ҳам дар як шеъраш таъкид кардааст, ки Рӯдакӣ бо вуҷуди нобиноӣ он ҳама молу сарвати дунё (гетӣ)-ро ба даст овард:

*Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷиб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи бахри гетӣ ман кӯр буда натвонам.*

Ин молу давлати фаровонро, чунон ки маълум аст, Рӯдакӣ дар хидмати подшоҳони Сомонӣ ба даст оварда ва аз сухани Абӯзироа маълум мешавад, ки ҳанӯз дар он айём нобино будааст.

Умуман бисёр шоирон ва муаллифони ҳамасру қарибулаҳди Рӯдакӣ дар бораи нобиноии ӯ ишораҳои равшан кардаанд. Аммо касе аз онҳо дар хусуси сababи нобиноии шоир, аниқтараш, гӯё дар охири хизмати худ дар дарбор кӯр карда, аз дарбор ронда шудани ӯ, ки ҳоло ҳама гумон мекунанд, ишорае накардааст. Дар ин бора фақат дар сарчашмаи мансуб ба даврҳои сонӣ (асри XIV) – «Шарҳи «Таърихи Яман»-и Наҷотии Нишопурӣ сухан рафтааст. Аммо ахбороти сарчашмаи мазкур доир ба кӯр карда, аз дарбор ронда шудани Рӯдакӣ бо гуфтаҳои муаллифони ҳамзамон ва қарибулаҳди шоир мувофиқат намекунанд. Ин ахбор, бинобар он ки ба асрҳои сонӣ тааллуқ дорад, нисбат ба гуфтаҳои ҳамзамонони шоир дар ин масъала қобили эътимод буда наметавонад. Барои мо нисбат ба ахбороти Наҷотӣ масъалаи навиштаи муаллифи сарчашмаи хеле қадимтар – тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (аввали асри XIII) дар бораи нобинои модарзод будани

Рӯдакӣ боварибахштар менамояд, зеро ин муаллиф, ки худ аз Мовароуннаҳр буд, бешубҳа аҳволи шоирони гузашта ва муосири сарзамини худро беҳтар медонист.

Дар асоси маълумоти чунин сарчашмаҳои мӯътамад донишманди бузурги адабиёти классикии форс-тоҷик устод Садриддин Айнӣ кӯри модарзод будани Рӯдакиро тасдиқ мекард. Ӯ дар рисолаи худ бахшида ба Рӯдакӣ (таълифаш соли 1940) асосе надоштани шубҳаи оиди кӯри модарзод будани Рӯдакӣ ба вуҷуд омадаро таъкид карда истода, дар таърихи шеъру шоирӣ дида шудани мисоли шоирони тирачашмро далел овардааст.

Иштибоҳи маҳз будани ахбори Наҷотиро дар бораи ба чашмонаш мил кашида кӯр карда шудани Рӯдакӣ шарқшиноси ленинградӣ А. Тоҳирҷонов дар тадқиқоти бисёр ҷиддӣ ва пурарзиши худ «Рӯдакӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт» (1968) ба хубӣ собит кард. Аз тадқиқоти ӯ маълум гардид, ки Наҷотӣ воқеаи ба чашмонаш мил кашида кӯр карда шудани Абӯҷаъфар Муҳаммад – яке аз шоҳзодагони Сомониро барғалат ба Рӯдакии шоир, ки дар баъзе сарчашмаҳо бо кунияту номи Абӯҷаъфар Муҳаммад зикр шудааст, нисбат додааст.

Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони Рӯдакӣ ба ахбори Наҷотӣ бовар карда буданд. Ин бовар аз Саид Нафисӣ, олими мӯътабари Эрон ва аввалин муҳаққиқи ҷиддии аҳволу осори Рӯдакӣ сар шуда буд. Ин муҳаққиқ гуфтаҳои шоирони ҳамзамон ва қарибулаҳди Рӯдакиро дар бораи нобиноии шоир оварда ва аз ишораҳои Фирдавсӣ оиди назми «Калила ва Димна» аз тарафи Рӯдакӣ дар хусуси нобиноии шоир ҳангоми назми ин китоб хулосаи дуруст гирифта истода, вале бар хилофи ин ахбори Наҷотиро пазируфтааст. Ӯ чунин пиндоштааст, ки бинобар он ки Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён махсусан бо Балъамии вазир бисёр наздик буд ва вазири мазкур соли 927 аз вазорат дур карда шуд, наздикону дӯстони ӯ, аз ҷумла Рӯдакӣ мавриди хашми амир Наср бинни Аҳмад қарор гирифта, ба чашмони ӯ мил кашида шудааст.

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

Ба ин пиндори Саид Нафисӣ А. Мирзоев ва дигар муҳаққиқони тоҷик пайравӣ карданд. Умуман, пиндори сустбунёди мазкур дар адабиётшиносии тоҷик барои ривоҷи худ заминаи мувофиқ пайдо карда буд. Вай ба сотсиологизме, ки махсусан дар он давр дар адабиётшиносии мо бартарӣ дошт, хеле созгор афтод: пиндори кӯр карда, аз дарбор ронда шудани Рӯдакӣ конфликти шоирро бо дарбори подшоҳӣ ва синфи ҳоким ба вуҷуд меовард. Ин конфликт мақоми Рӯдакиро гӯё чун шоири пешқадам хеле баланд мебардошт. Бинобар ин ба он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешуд, чунон ки филм ва драма дар бораи Рӯдакӣ ба ҳамин конфликт бунёд шуда буданд.

Аҳли илму адаби тоҷик ба тақозои сотсиологизм дар тадқиқ ва тасвири ҳаёту эҷодиёти Рӯдакӣ ба конфликти шоир ва муҳити дарбор саргарм шуда, дар масъалаи нобиноии ӯ як нуктаи фавқулодда муҳимро сарфи назар карданд: нобиноии модарзод будани Рӯдакӣ ё дар кӯдакӣ оҷиз шудани ӯ мақому мартабаи ӯро чун доҳии шеър боз ҳам баланд мебардорад. Бо вуҷуди нобиноӣ, дар дарбори подшоҳон хизмат карда, ба ин дараҷаи олии шоирӣ расидани Рӯдакӣ, бо табъи саршори беназир ба ин миқдори афсонавӣ (як миллиону сесад ҳазор байт) асарҳо офаридани ӯ на танҳо аз истеъдоди бемислу монанди ӯ дарак медиҳад, балки намунаи дурахшоне аз ақлу заковат ва истеъдоду ҳунари инсон аст. Дар ҳолати кӯрии чашм дар шеър шӯҳрати оламгир пайдо кардани Рӯдакӣ симои ӯро чун соҳиби истеъдоди мӯъҷизавие, ки назираш дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ дида мешудааст, ҷилвагар менамояд. Фақат шоири бузурги араб Абдулло ал-Муаарриро (асри XI), ки дар овони кӯдакӣ оҷиз шуда, ба туфайли истеъдоди фавқулодда ба ин пояи шоирӣ расидааст, як дараҷа бо Рӯдакӣ муқоиса кардан мумкин аст. Дар ин сурат Рӯдакӣ воқеан мӯъҷизаи ҳунар ва иқтидору тавоноии ҳайратангези инсон аст. Аз ин рӯ ба хотири сотсиологизм пазируфтани ягона ахбороти ғайримӯътамади сарчашмаи мутааллиқ ба асарҳои сонӣ оиди дар поёни умр

кӯр карда шудани Рӯдакӣ ва ба эътибор нагирифтани суханони боварибахши бисёр муаллифони қадим роҷеъ ба нобинои модарзод ва кӯр будани шоир дар хизмати подшоҳони Сомонӣ фақат чашм пӯшидан аз ҳақиқати зиндагии шоир ва роҳ додан ба сохтакорӣ дар таҳқиқи аҳволи ӯ нест. Бадтараш ин аст, ки сотсиологизми мазкур дар тасвири рӯзгори Рӯдакӣ мақоми беназири ӯро чун нобиғаи мӯъҷизавиаш мекунад. Бинобар ин вай ба манфиати Рӯдакӣ хизмат намекунад. Зеро шоире, ки дар ҳолати бинoӣ ба мартабаи олии шеър расида, фақат дар поёни умр кӯр шудааст, бо шоире, ки бо вуҷуди нобиноӣ чунин пойгоҳро ба даст овардааст, аз назари қобилияту истеъдоди фитрӣ қобили муқоиса буда наметавонад.

Садрӣ САЪДИЕВ,
доктори илми филология, устоди
Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессор.
(«Овози Самарқанд», 3-юми сентябри соли 1991, № 106)

1992

# ТАНТАНАИ ҲАҚИҚАТ

Дар солҳои истибдоди сталинӣ миллионҳо бегуноҳон дар маҳбасхонаву зиндонҳо бо азобу уқубат, бо шиканҷаву зулм қурбони беадолатӣ шуданд.

Онҳоро ваҳшиёна куштанд, парронданд, овехтанд... Ҳазорон афсӯс, ки ҳадафи ин беадолатӣ бештар шахсони маорифпарвару пешқадами замон гардиданд. Онҳо гунаҳкорони бегуноҳ буданд. Солҳои пурошӯби истибдод ба сари фарзандони беҳтарини шаҳри бостониамон ҳам кулфатҳои гӯшношунид овард. Тақдири Саидризо Ализода, Обид Исматӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Камол Шарифов барин даҳҳо фарзандони беҳтарини Самарқанд ҳанӯз касро ба ларза меорад...

Қисмати марди фозил, арбоби ҷамъиятиву давлатӣ, шоир, рӯзноманигор, аввалин муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Абдулқаюм Қурбӣ низ басо талху фоҷиавӣ аст. Гирдоби беадолатӣ ӯро низ ба коми худ кашид.

Соли 1937 ӯро ба ҳабс гирифтанд. Дигар тақдираш норавшану номаш сиёҳ шуд. Аниқтараш, ӯро қатл карданд.

Чаро? Барои кадом гуноҳаш... Касе онро аниқ намедонист. Хонаву ҷояш, тамоми боигарии маънавияш – китобу ашъорашро толону тороҷ ва ғорат карданд... Оилаву хешу таборашро аз хонаву ҷой пеш карда зери таъқиб гирифтанд.

Бо гузашти айём ӯро фаромӯш карданд...

Ӯ сокини гузари Боғимайдони шаҳри кӯҳани Самарқанд буд. Соли 1886 дар оилаи заргар ба дунё омад. Дар мадрасаи Тиллокорӣ, дар мактаби русӣ таҳсил кард. Ба ғайр аз забони модарӣ, забонҳои ӯзбekиву русӣ ва форсиву арабиро омӯхт. Аввалҳо бо касби падар машғул шуд, заргариву саҳҳофӣ намуд.

Фаъолияти иҷтимоиву давлатии Абдулқаюм Қурбӣ аз соли 1918 оғоз ёфт. То соли 1924, то ба вазифаи муҳаррири рӯзномаи

«Овози тоҷик» таъин шуданаш дар вазифаҳои ҳизбию давлатӣ кор кард. Ҳамчун рӯзноманигор ва муҳаррир барои ривоҷи маданияти халқи тоҷик саҳм гузошт.

Беадолатии таърихиро бинед, ки ӯро фаромӯш карданд. Аз назди дарвозаи ӯ мегузаштанду на ҳама медонистанд, ки дар ин гузар, дар ин ҳавлӣ муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Абдулқаюм Қурбӣ зиндагонӣ ва эҷод кардааст. Ба ин ҳавлӣ Туғралу Ҳоҷибобо, Айниву Лоҳутӣ, Зеҳниву Пайрав, Деҳотиву Ҳабиб Юсуфиҳо равуо доштанд. Замоне дар ин хонадон базмҳои адабӣ барпо буд. Оре, солҳост, ки ӯро фаромӯш карданд…

– Ман пас аз ба ҳабс гирифтани падарам ба дунё омадам, – мегӯяд фарзанди Қурбӣ Ӯлмасой-апа Ҳамроева. – Падарам борҳо соҳиби фарзанд шудаанд. Аммо ҳамаи онҳо дар хурдсолӣ вафот кардаанд. Ман фарзанди яккаву ягонаи падар мебошам. Беадолатии даврон моро аз ҳамдигар ҷудо кард ва мо дидори ҳамдигарро надидем. Кулфатҳои зиёди зиндагӣ ба дӯши мо афтод. Солҳои зиёд мо ва хешу таборонамон бо «гуноҳи» падарам бадном будем, азият мекашидем. Ҳама медонистем, ки ин беадолатии таърих аст. Падарам гуноҳ надоранд. Аз ин ҷост, ки паи ҳам ба ташкилотҳои дахлдор муроҷиат кардем. Ниҳоят аз ҳуҷҷатҳои архив маълум гардид, ки падарам низ чун ҳазорон ҷабрдидагон қурбони тӯҳмати ноҳақ шудаанд, ҳеҷ гуноҳ надоштаанд. Баръакс дар кӯи муроди халқ ҷонфидоиҳо кардаанд.

Фарзанди ягонаи Қурбӣ Ӯлмасой бо духтараш Муборак солҳои зиёд дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буд. Ба идораҳои зиёд сар халонданд. Ба архивҳо муроҷиат карданд. На ҳама вақт кор пеш мерафт. Баъзеҳо аз ин кори хайр худро канор мегирифтанд. Шахсони хайрхоҳ, кам набуданд. Онҳо барои тантанаи ҳақиқат ва собит сохтани бегуноҳ будани Қурбӣ мадад расонданд.

Заҳматҳои кашидаи духтар ва набера бенатиҷа намонд. Дар

бораи бегуноҳ будани Абдулқаюм Қурбӣ ҳуҷҷатҳои зиёдро ба даст овარданд. Суди вилояти Самарқанд ба аризаи онҳо 31 октябри соли 1986 ба чунин мазмун ҷавоб фиристод:

«Суди вилоятӣ ба шумо хабар мерасонад, ки кори ҷиноии Қурбӣ (Ҳамроев) Абдулқаюм Ҳамроевич, яъне падари шумо, ки бо моддаи 66-и қисми 1-и Кодекси Ҷиноии Ӯзбекистон айбдор шудааст ва бо ҳукми Тройкаи НКВД-и Ӯзбекистон 28 октябри соли 1937 маҳкум шудааст, бекор карда шудааст. Дар ҳаракати падари шумо ҷиноят набудаст ва пурра сафед шудааст. Раиси суди вилоятии Самарқанд А. Мардиев (имзо)».

Оре, ҳақиқат тантана кард. Фурсати он расид, ки акнун боғимайдониҳо бо ин фарзанди худ фахр кунанд.

Комиссияи номгузорӣ ва абадигардонии ҳокимияти шаҳр барои абадӣ кунонидани хотираи ӯ қарор қабул кард.

Ба кӯчаи Тайлоқи гузари Боғимайдон (назди растаи Заргарон), ки ӯ 51 сол дар ин ҷо зиста ба халқу ватани худ хизмат намудааст, номи ӯро гузоштанд ва лавҳаи ёдгорӣ монданд. Ба ин муносибат дар ин ҷо митинги серодам шуда гузашт. Дар он рӯзноманигорону адибон, роҳбарони шаҳру ноҳия, аҳли гузарҳои Боғимайдону сокинони шаҳр ва меҳмонон аз дуру наздик ширкат доштанд.

Маросими тантанавиро ҷонишини ҳокими ноҳияи Сиёб Марҳабо Назарова кушод:

– Рафиқон, имрӯз фурсати он расидааст, ки номи фарзандони бузургамонро чун Абдулқаюм Қурбӣ, ки барои халқу ватанамон хидмат намудаанд, абадӣ гардонем. Абадӣ гардониданӣ хотираи чунин шахсони нек кори хайру савоб аст. Имрӯз мо назди рӯҳи поки онҳо таъзим мекунем.

Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рауф Маъруфӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти Абдулқаюм Қурбӣ маърӯза карда, аз ҷумла гуфт:

– Мо, самарқандиён, нисбати гузари Боғимайдон бо эҳтиром менигарем. Дар ин ҷо Ҳабиб Юсуфӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Бек-

тош ва Қурбӣ барин шахсони бузургу донишманд ба камол расидаанд. Имрӯз номи Қурбӣ пас аз солҳои зиёд аз нав зинда карда шуд. Ин тантанаи ҳақиқат аст.

Дар тантанаи онрӯза вакили рӯзномаи «Овози тоҷик», шоир Абдулло Субҳон ширкат намуда, барои эҳтиром ба рӯзноманигор ва муҳаррири аввалини рӯзномаи «Овози тоҷик» ба самарқандиён изҳори миннатдорӣ кард.

Набераи Қурбӣ, донишҷӯи бахши филологияи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд Муборак Ҳамроева, донишҷӯйи ҳамин бахш Бахтиёр Ҳусейнов аз шеърҳои шоир намунаҳо қироат карданд.

Сипас устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд, профессорон Раҳим Муқимов ва Ботурхон Валихоҷаев зери кафкӯбӣ пардаро аз рӯйи лавҳаи ёдгорӣ бардоштанд. Дар он чунин сатрҳо сабт ёфта буданд: «Қурбӣ Абдулқаюм Ҳамроев 1886-1937 шоир, адиб, арбоби ҷамъиятӣ, рӯзноманигор, муҳаррири аввалини «Овози тоҷик».

Меҳмонон баъди тантана хонаи ӯро зиёрат намуда, дар нишасти ёдбуд ширкат намуданд.

Дар маросими абадигардонии хотираи муҳаррири нахустини рӯзномаи ҷумҳуриятии «Овози тоҷик» Қурбӣ Абдулқаюм Ҳамроев ҷонишини ҳокими вилоят А.Худойқулов, М. Боқиева, котиби матбуоти ҳокимияти вилоят Ҳ.Худойқулов ва дигар шахсони расмӣ иштирок доштанд.

Мирсафо КАМОЛӢ.
(«Овози Самарқанд», 24-уми ноябри соли 1992, № 140)

# ШОҲИДОН ҲИКОЯ МЕКУНАНД

Дар бораи ҷанги «афғон» ақидаву фикрҳои гуногун ҳастанд. Дар ин бора бисёр навиштанд ва боз менависанд. Бо гузашти солҳо пардаҳои «махфӣ» ва «мутлақо махфӣ» аз рӯйи ҳақиқати аслии он ҷанг бардошта мешавад. Дар ин кор иштирокчиёни ҷанги «афғон» – шоҳидони бевоситаи он рӯзҳои мудҳишу ғамангез низ саҳм хоҳанд гирифт. Сӯҳбати мо бо яке аз онҳо буд.

Саъдулло Муҳаммадқулов зодаи Самарқанд аст. Баъди хатми факултети математикаи ДДС дар Кумитаи бехатарии давлатӣ (КБД) дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Иштирокчии ҷанги Афғонистон. Ҳоло ба нафақа баромадааст.

Мухтасари воқеаҳоеро, ки вай ҳикоя кард, меорем.

## ДАВРУ ВАҚТ ҲАКАМИ ОДИЛ АСТ

Мо хабари 27-уми декабри соли 1979 ба хоки Афғонистон даромадани ҳайати маҳдуди Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС собиқро рӯзи дигар шунидем. Ҳис мекардем, ки воқеаҳои калон ва даҳшатнок дар пешанд.

## АВВАЛИН ҚУРБОНИҲОИ ҶАНГИ «АФҒОН»

29-уми декабри соли 1979 мошинаи навбатчӣ маро ба тайёрагоҳ овард. Дар ин ҷо самолётҳои санитарии ИЛ-76 ва ҳарбӣ – нақлиётии АН-26 меистоданд. Ин самолётҳо аз Афғонистон парвоз карда, аз сабаби обу ҳавои номусоид ба тайёрагоҳи Тошканд нею ба тайёрагоҳи Самарқанд маҷбуран фуруд омадаанд.

Самолёти ИЛ-76 барои ярадорон мувофиқ буда, дар он наздики 70 замбари санитарӣ буд. Дар самолёти АН-26 бошад ҷасадҳои ҳалокшудагон – полковник, майор, лейтенант ва боқи-

монда аскарон буданд. Онҳо якумин нишонаҳои шуми ҷанги Афғонистон – аввалин қурбониҳои он буданд.

### ДАР ДИЁРИ АФҒОНҲО

Аз рӯйи иҷрои вазифа соли 1986 ба Афғонистон рафтам. Он чиро, ки дар он ҷо аз сар гузаронидаму дидаму шунидам, ба ёд овардан бароям азиятовар аст. Вале барои дар оянда такрор нашудани чунин ҷангҳо ва пешгири қурбониҳои ин гуна сиёсати моҷароҷӯёна (авантюристона), дар бораи ҷанги ноҳақу нодурусти «афғон» ҳикоя карданро зарур мешуморам.

### ЯКБОРА 23 ҶАНОЗА!

Ман дар вилоятҳои шимолии Афғонистон ду сол адои хизмат кардаам. Дар мақолаи хурде дар бораи воқеаҳои дар ин солҳо аз сар гузаронида, нақл кардан душвор аст. Барои ҳамин танҳо дар бораи лаҳзае, ки якбора риштаи умри 23 нафар одамони бегуноҳ, аз ҷумла зан ва кӯдаконро канд, ҳикоя карданиам. 10-уми апрели соли 1987 самолёти АН-26 барои вилояте, ки ман дар он ҷо хизмат мекардам, сӯзишворӣ овард. Сипас бо 26 мусофир ба Кобул парвоз кард. Ба баландии 2000 метр нарасида, муҷоҳидон тайёраро бо маҷмӯи сайёри зенитӣ-ракетавӣ (ПЗРК) зада ғалтонданд. Дар натиҷа чашм пӯшида – накушода, 6 аъзои экипаж, 23 мусофир, аз ҷумла 3 кӯдак ва 8 зан ҳалок шуданд.

Дар атрофи самолёти порча-порчашуда, дасту по, калла ва дигар узвҳои одамон пароканда хоб мерафтанд. Онҳое, ки дар даруни самолёт монданд, сӯхта ба хокистар мубаддал гаштанд.

Аз сар то охир дар пеши назари мо рӯй додани воқеа даҳшатовар шуд. Дар байни мусофирон арӯси ба наздикӣ тӯяш гузашта, модар, додар ва чор хоҳари ҷавонмарди афғони ба ман шинос ҳам буданд.

Рӯзи дигар дар шаҳр якбора ҷанозаи 23 одамро хонданд!

Ва ҳар яки мо даҳшати «ҷанг» ном вабоеро боз як бор амиқ ҳис намудем! Дар ин самолёт ман, ҳамкасб ё ки дигар рафиқонам ва ниҳоят ҳар одами тасодуфӣ ҳам буданаш мумкин буд охир!

### ДАВЛАТИ СЕРМИЛЛАТУ ОЗОДИДӮСТ

Чунин воқеаҳои даҳшатовар дар хоки ҷабрдидаи Афғонистон дар давоми даҳ сол бисёр маротиба рӯй доданд.

Дар ин бора хеле навиштанд. Баҳоҳои сатҳӣ доданд. Дар асл бошад, Афғонистон давлати сермиллату озодидӯст аст. Дар ин сарзамин қавмҳои паштун, тоҷик, ӯзбек, ҳазора, туркман, нуристонӣ ва дигар зиндагӣ мекунанд.

Барои хусусият (характер) ва психологияи халқи афғонро фаҳмидан се ҷанги бо англисҳо барои истиқлолияти ватан бурдаашро ба ёд овардан кифоя аст. Таҳлили оддӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар се ҷанг ҳам англисҳо талафотҳои калон дода, аз Афғонистон шармандавор баромада рафтаанд.

Афсӯс, ки роҳбарони ИҶШС собиқ аз ин сабақи таърихӣ хулоса набаровардаанд.

Ғайр аз ин, дар ҳайрат мемонед, ки дар давлати 98 фоизи аҳолиаш ба дини ислом эътиқод дошта ғояи маҷбуран сотсиализм сохтанро чӣ хел ба миён гузоштаанд?!

### «АФҒОН»-ҲО

Имрӯз дар бораи «афғон»-ҳо ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Вале ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳамаи онҳо адои хидмати касбӣ ё ки ҳарбӣ карданд ва гуноҳе надоранд. Зиёда аз ин, бо хоҳиши худашон ба хоки давлати ҳамсоя надаромадаанд.

Ёрӣ ва имтиёзҳое, ки имрӯз барои «афғон»-ҳо муайян шудааст, дастгирӣ нисбати ҷанги Афғонистон набуда, танҳо эъ-

тибор ва илтифот барои осебдидагон ва қурбониёни ин ҷанги беандешона аст.

Бори дигар мегӯем: ҷанг даҳшат аст. Онро дар кино дидану аз китоб хондан аз бо чашми худ дидан фарқи калон дорад. Иштирок дар он, дидани ҳалокшудагону маҷрӯҳон, ба онҳо ҳеҷ ёрӣ дода натавонистанро ҳис кардан азоби сахти рӯҳӣ кашидан аст.

Ҳайати маҳдуди Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС собиқ дар диёри афғонҳо ба мисоли «меҳмонони нохонда» буд. Бинобар он, дӯстии байни халқҳои шӯравии собиқу Афғонистонро халалдор кард. Барои барқарор кардани ин дӯстӣ кӯшиши зиёд лозим аст. Танҳо вақту давр ҳаками одил мебошад. Вай ҷароҳатҳоро малҳам, дардҳоро дармон мебахшад.

Мо тарафдори сулҳу тинҷием. Бигзор ҷанг ҳеҷ гоҳ такрор нашавад!

Тошқул АЗИМЗОДА.
(«Овози Самарқанд», 13-уми феврали соли 1993, № 19)

# ХОҶА ИСҲОҚИ ВАЛӢ

Шоёни хотир аст, ки дар шаҳрҳои марказии ҷумҳуриятамон, аз ҷумла шаҳри бостонии Самарқанд анҷумани илмӣ-адабӣ бахшида ба ҳаёт ва фаъолият, осори илмию адабии яке аз асосгузорони номвари тариқати нақшбандия, олим ва фақеҳи барҷастаи охири асри XV ва аввали асри XVI Сайид Аҳмад ибни Ҷалолиддин Мавлоно Хоҷагии Косонӣ машҳур ба Махдуми Аъзам баргузор мегардад. Доир ба ҳаёт ва фаъолият, мақоми ӯ дар ҳаёти илмӣ ва мадании Туркистон дар рӯзномаҳои вилояту ҷумҳурият чанд мақола пешкаши хонандагон шуданд. Аммо нияти мо аз иншои мақолаи зер маълумот овардан оид ба ҳаёт ва фаъолияти баъзе аз шогирдону пайравони ин олими номдор аст, зеро он барои батафсил шоён кардани ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, динии эшон, тадқиқ кардани фаъолияти шогирдонаш самараи дилхоҳ хоҳад дод.

Яке аз шогирдон ва пайравони бонуфузи он зоти бобаракат, фарзанди арҷманди ӯ Хоҷа Исҳоқи Валӣ ал-Даҳбедианд. Ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Валӣ аз Бибичаи Қошғарӣ ном завҷаи мутаҳарраи ҳазрати Хоҷагӣ Аҳмади Косонианд. Баъд аз вафоти падари бузургвор ба шогирди он кас мавлоно Лутфуллои Чустӣ байъат карданд. Дар бораи ҳаёт ва мақомоти Хоҷа китобе таълиф карда шудааст, ки муаллифи он шогирди хоси он муқтадои замон Муҳаммад Аваз аст. Номи китоб «Зиё-ул-қулуб» («Ҷилои дилҳо») буда, бо рақами инвентарии 71 дар маъхази Институти ховаршиносии Академияи улуми Ӯзбекистон маҳфуз аст. Муаллиф ҳамчун шогирд пеш аз тақсим кардани китоб ба фаслҳо дар ибтидои он чанд байт ба васфи устоди олиқадр ба қалам меорад:

*Ба номаш мекунам ширин даҳонамро,*
*Ба васфаш мекунам мушкин забонамро.*
*Буд ӯ муқтадои аҳли олам,*
*Дуояш мекунам то ҳаст ба тан дам.*

Дар матн ба Хоҷа Исҳоқи Валӣ бо лафзи «Ҳазрати эшон» ишорат карда мешавад. Китоб аз шаш фасл иборат аст.

1. Фасли аввал – «Дар баёни зоти шарифи ҳазрати эшон».
2. Фасли дуюм – «Дар баёни султононе, ки дар иродати ҳазрати эшон камари хидмати бандагӣ дар миён бастаанд».
3. Фасли сеюм – «Дар баёни уламо, фузало ва шайхоне, ки бо ҳазрати эшон муносибат доштанд».
4. Фасли чаҳорум – «Дар баёни хулафои ҳазрати эшон».
5. Фасли панҷум – «Дар баёни силсилаи ҳазрати эшон».
6. Фасли шашум – «Дар баёни ёроне, ки дар қайди иродат ва бандагӣ даромаданд бо эътибори дидани вақоеъ (кароматаз) ҳазрати эшон».

Сабаб бар тартиби ин китоб он буд, ки мегӯяд муаллиф Муҳаммад Аваз, рӯзе рисолаи Мавлоно Лутфуллоро аз назар мегузаронидам. Ба якбор ба инояти кирдикор дар назари ин фақир гузор кард, ки ман низ китобе аз воқеъоти ҳазрати эшон менавиштам, бисёр хуб мешуд. Баъд аз он вузӯъ сохтам ва ду ракаат намоз гузоридам ва ба рӯҳи шарифи ҳазрати эшон таваҷҷӯҳ намудам. Шаби душанбе – чаҳоруми моҳи муҳаррами санаи ҳазору дувоздаҳи ҳиҷрӣ буд, ки ҳазрати эшонро дар хоб дидам, ки ба ман якто нон доданд. Баъд аз он дар шаби панҷшанбеи ҳамон ҳафта сураи ҳазрати Муҳаммад алайҳиссаломро хонда, ба рӯҳи шарифи ҳазрати эшон бахшидам ва таваҷҷӯҳ намуда, дар хоб дидам, ки ҳазрати эшон ба ман қалам ва қаламтароше доданд. Аз ин ваҷҳ таваҷҷӯҳи ман зиёд шуд. Дар шаби ҷумъа боз дидам, ки ҳазрати Хоҷа хандон пайдо шуданд ва ба ман чанд тахта коғази сафед доданду гуфтанд, ки таваҷҷӯҳ намо ва бинавис, аммо он чӣ аз мо бар навиштани ӯ ишорат воқеъ шавад, бинавис. Пагоҳии он рӯз буд, ки ҷамоате аз ёрон ва хулафои ҳазрати эшон ба хонаи фақир ташриф карданд ва ман воқеаро ба ёрон арз кардам. Ҳама дар ҳаққи фақир фотиҳа хонданд ва он чӣ маълуми онон буд, баён карданд. Ҳазрати эшонро дар хоб дидам, ки ба ман гуфтаанд: Ин

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

китобро «Зиё-ул-қулуб» ном ниҳодем ва ҷилди ӯро зард соз. Махфӣ нест, ки ҳоло китобе, ки дар маъхази Институти ховаршиносии Академияи улуми Ӯзбекистон маҳфуз аст, ҷилди зард дорад. Аз эҳтимол дур нест, ки ин ҳамон нусхаи аслӣ, дастнависи худи муаллиф бошад.

Дар фасли аввали китоб чанд далели возеҳ бар бузургии шаън ва камоли валоятӣ (валигии) ҳазрати эшон оварда шудааст, ки ба вилояти қирғиз ва қазоқ рафта, мардуми он вилоятро ба дини мақбули ислом хонда, яксаду ҳаштод ҳазор мардуми бутпарасти он сарзаминро мусулмон сохтанд. Дар фасли мазкур, инчунин чанд нақл аз асҳоби кибори ҳазрати эшон оид ба камоли валояти он валии бонуфуз оварда шудааст. Чунончи, нақл аст аз Муҳаммад Қосим, ки аз маҳрамони роз ва махсусони хоси ҳазрати Махдуми Аъзам буданд, гуфтаанд: рӯзе дар мулозимати ҳазрати Махдуми Аъзам нишаста будам ва ҷамоати бисёре дар мулозимати он зоти шариф ҳозир буданд. Дар он замон ҳазрати эшон, ки даҳсола буданд ва сари зонуи ман нишаста буданд, гуфтанд:

– Эй бобо, ман кафши биҳиштиёнро аз дӯзахиён ҷудо созам? Ман гуфтам: вақти ин сухан нест. Баъд аз он ба ҳазрати Махдум арз кардам. Он зоти шариф гуфтанд: ба ӯ нони бозор бидиҳед! Нони бозор доданд, баъд аз он ҳазрат гуфтанд: ин бор биҳиштиро аз дӯзахӣ ҷудо созед! Ҳазрати эшон сари худро поён карданд ва чизе нагуфтанд. Аз ин воқеа шоён шуд, ки тановули хӯроки шубҳанок касро аз неъмати валоят (валигӣ) маҳрум месохтааст. Ин мулоҳиза, яъне барои барқарории ҳаёт луқмаи ҳалолро васила кардан аҳамияти фалсафӣ – тарбиявӣ дорад ва барои камолоти шахс дар ҳаёти имрӯза низ лоиқи ибрат аст.

Дар фасли дуюм чанд лавҳае аз воқеоти ҳазрати эшон бо ҳукмдорони замон, ташриф овардани эшон ба вилояти Балх бо таклифи ҳокими он, ҷаноби Пирмуҳаммадхон, илтифот ва ниёзмандии он, мулозимони он баъд аз озмоиши қувваи вало-

яти ҳазрати эшон, воқеоти сафароти он муҷоҳиди майдони муҷоҳада ба ҷавониби Туркистони Шарқӣ, Қошғар, Рум, Бадахшон то сарҳади кӯҳҳои Тибет ва дигар шаҳр ва қишлоқҳои қазоқ, қирғиз, қалмиқ барои интишори дин ва тарғиб кардани сокинони он вилоятҳо ба сулҳу амниёт, дӯстии байни ҳамдигарӣ акс ёфтааст.

Дар фаслҳои сеюм ва чоруми «Зиё-ул-қулуб» баёни воқеоти ҳазрати эшон ва муносибати он ваҳии замон бо уламо ва фузалои номдори давр акс меёбад, чанд нақл аз баъзеи махсусони эшон оварда шудааст. Чунончи, нақл аст аз Хоҷа Ҳошим, ки гуфтаанд: дар замоне, ки ҳазрати эшон дар деҳаи худ Асфидук ташриф доштанд, ҷаноби Абдуллохон ба мо ва ҳазрати эшон дар ғазаб шуд. Аз ҳар дуи моро дар ҳавлие ҳабс карданд ва ҳар кадом дар хонае будем ва масофаи байни мо хеле буд ва ман ба хатм ва хондани сураи ихлос мутаваҷҷеҳ будам. Порае хонда будам, ки дар хотири фақир гузошт, ки бояд ба хондани сураи «Лӣ илофӣ қурайшин» таваҷҷӯҳ намуд, ки ба иҷобат наздиктар аст. Ба хатми он мутаваҷҷеҳ шудам. Дар ҳамин замон ҳазрати эшон фарёд карданд ва гуфтанд, ки ё хоҷа, ихлосро аз даст надиҳед ва ба ихлос таваҷҷӯҳ намоед ва ман аз ин сухани ҳазрати эшон ҳайрон шудам, ки ман дар куҷо ва ҳазрати эшон дар куҷо, ҳоли ман маълуми ҳазрати эшон чун шуд. Баъд аз он ба пеши ҳазрати эшон омадам, ҳазрати эшонро ба сурати ғарибе дидам. Ҳазрати эшон гуфтанд: «Эй хоҷа, дил ба дил оина аст». Аз ин ҳикояти ҳазрати эшон шавқе дар ман пайдо шуд ва беихтиёр ба ҳазрати эшон таваҷҷӯҳ кардам ва дар қайди иродати ҳазрати эшон даромадам. Ҳазрати эшон гуфтанд: хотир ҷамъ шавад, ки касе бе инояти ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мӯе аз сари шумо ва мо натвонад кам кардан.

Дар фасли панҷум баёни силсилаи ҳазрати эшон ба эътибори тариқати сӯфия акс ёфтааст, ки силсилаи он олинуфуз ба воситаи устоди олиқадр Мавлоно Лутфулло, падари бузургвор Ҳазрати Махдуми Аъзам, Муҳаммад Қозӣ ва Хоҷа Убайдуллоҳи

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

Аҳрор ба ҳазрати Хоҷа Баҳо-ул-ҳақ вад-дин мерасад.

Китоб бо зикри чанд воқеоти дигар, ки нисбати ҳазрати эшон доранд ва аз ҷониби шогирдони он зот, муқтадиёни замон, шаҳбозони хоси силсилаи нақшбандия, ки дар ҳалқаи шайхияи ҳазрати эшон мулозимат дошта, ба тарбияи маънавияи он муршиди роҳи ҳақиқат мушарраф гаштаанд, хотима меёбад.

Мақсади мо аз навиштани ин мақола тавзеҳоти китоб набуд, балки шоён кардани тараққиёти тасаввуф ва амалиёти ӯ дар мисоли пайрав ва давомдиҳандаи назариёти ӯ ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Валӣ ад-Даҳбедӣ ибн Мавлоно Хоҷагӣ Аҳмади Косонӣ ё Махдуми Аъзам буд, ки дар таърихи тараққиёти тариқати Нақшбандия саҳми бузурге гузоштааст.

Марқади ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Валӣ дар самти шарқии шаҳри Самарқанд – дар деҳаи Боғи Баланд аст.

Аҳмадхон ОБЛОҚУЛОВ,<br>ходими калони илмии Музейи таърихи<br>маданият ва санъати ба номи А. Икромов.

(«Овози Самарқанд», 12-уми июли соли 1994, № 54)

# ХОТИРАИ ДИЛ

Ҳоҷиқурбон Ҳамидов – журналист, Ходими хизматнишондодаи маданияти Ӯзбекистон. Факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм намудааст. Баъди хатми он дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») чун ходими эҷодӣ ба кор шурӯъ менамояд. Дар аспирантура таҳсил гирифтааст. Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва Институти хоҷагии қишлоқ аз фанни фалсафа дарс додааст. Дар собиқ кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд кор кардааст. Муддате дар рӯзномаи вилоятии «Ленин йӯли» (ҳоло «Зарафшон») фаъолият дошт. То дами вопасин котиби шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон буд. Ҳикоя ва ҳаҷвияҳояш дар китоби «Хотираи қалб» ва «Гулдаста» дар нашриёти «Ёш гвардия» чоп гардиданд.

«Аз ҳалокаташ солҳо гузаштаанд: аммо дар ҳар анҷуман ё нишасте, ки аз хусуси одамият, қадрдонӣ, ростқавлию нозукбаёнӣ сухан равад, ӯро, албатта, ёд мекунанд. Ёд мекунанду афсӯс мехӯранд, ки барвақт аз ин ҷаҳон рафт.

Ӯ шахсе буд, ки сӯҳбаташ ҳам бо донишҷӯ, ҳам бо профессор, ҳам бо коргар, ҳам бо шахси соҳибмансаб ба як маром мегузашт. Ҳамсӯҳбатро роми худ мекард. Хусусан ин сӯҳбати муаллими мӯҳтарами самарқандӣ дар ёдам боқӣ мондааст, ки ҳар дам паси гӯшам садо медиҳад:

– Ҳамин Ҳоҷӣ, худ як аспиранти номурод, бинед, ба домлои профессор адаб ёд медиҳад. «Шумо инро дуруст гуфтеду онро не» мегӯяд. Домло ба профессор буданаш нигоҳ накарда, гапи ӯро маъқул мекунад ва мегӯяд: «Ҳоҷӣ ақли закӣ дорад, гапи росту зарурро хуб мегӯяд, суханаш беғараз. Вай муаллими мо, мо бояд инро тан гирем».

Оре, дар гуфтаи профессори мӯҳтарами самарқандӣ асос буд. Ҳоҷиқурбон таърихшиносу одамшинос, ростгӯю ҳақ-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

гӯй буд, манфиати шахсиро дар манфиати умум медид. Ӯ метавонист одамонро ба кори неку хайр муттаҳид кунад, худшиносиро талқин кунад.

Солҳои 1960-ум дар кӯчаи Регистони Самарқанд бояд иморатҳои бисёрқабата месохтанд. Сохтмон сар шуда, иморатҳои панҷқабатаи навбунёд қад рост карда, ҳавлиҳои яккабатаи шаҳри қадимро рӯпӯш мекарданд. Чӣ қадар ҳавлиҳо ба нестшавӣ маҳкум шуда буданд. Ана дар ҳамин қатор ҳавлии якошёнае, ки дар он Садриддин Айнӣ зиндагӣ карда буд, бояд ба замин ҳамвор мешуд. Хуб шуд, ки аз ин воқеа Ҳоҷӣ дарак ёфт. Заковати фарҳангӣ, зиракӣ имкон медоданд, ки Ҳоҷӣ воқеаро пеш аз вуқӯъ муайян намояд. Ӯ ба Иттифоқи нависандагони СССР телеграммаи таъҷилӣ ирсол намуд. Роҳи хонаи адабиётшинос Р. Муқимовро пеш гирифт, имзояшро сабт намуду ба Москва равона кард. Ҳама ба по хест, ҳавлии оддии Самарқанд дар байни иморатҳои бошукӯҳ боқӣ монд. Ҳоҷӣ хонаи қадимаи асосгузори адабиёти нави тоҷикро наҷот дод. Бо ҳамадонии худ ба «бузургони шаҳр» «маҳмадоногӣ» кард...».

Ҳангоми ҷамъ намудани материалҳои мақола назди модарам рафтам, он кас ҳамон даме, ки номи Ҳоҷиқурбон Ҳамидзодаро шуниданд, аз рӯйи кори мизии падари шодравонам Рауф Маъруфӣ коғазеро бароварда ба дастам доданд.

– Писарам, – гуфтанд он кас, – ин навиштаҳоро падарат пеш аз рафтан ба шифохона, пеш аз марг навишта буданд. Ман пурсида будам, ки чи навишта истодед? Гуфтанд, ки дар бораи Ҳоҷӣ чизе навистаниам. Сад афсӯс, ки мақолаи зерин чала мондааст. Падарат ва Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода бо ҳам дӯсти наздик буданд. Он кас тез-тез ба хона омада меистоданд. Ба ҳавлӣ даромада омада, як рост шуда, дам мегирифтанд. «Рауф, Рауфҷон» – гӯён нидо мекарданд. Чеҳраи кушодашон то ҳол дар пеши назарам...

Албатта, банда бо Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода ҳамсӯҳбат на-

шудаам. Вақти фавти он кас фақат 6-сола будаму халос. Вале падарам оиди шахсияти ин инсон ҳамин қадар бисёр гуфтааст, ки симою рафторҳои неки устод пеши назари кас меояд. Баъди дарёфти навиштаҳои падар ба рафиқашон Абдусалом Саидҷонов – профессори Институти меъмории Самарқанд, журналисти боистеъдод занг задам. Он кас гуфтанд, ки ҳуҷҷате дорам, наздам биё. Абдусаломака маро интизор нишаста буданд. Баробари дидан ба оғӯш кашида, гарм вохӯрӣ карданд.

– Ҳоҷӣ, – гуфтанд баъди андешаи дуру дароз, – инсони комил буд. Ман ҳеҷ гоҳ ӯро аз хотирам намебарорам. Борҳо оиди ӯ хотирае навиштанӣ будам, вале наметавонам.. Фикр мекунам, ки ӯ то ҳол зинда аст. Медонед, рӯзҳои хушбахттарини ҳаётам, ҷавониам бо Ҳоҷӣ гузаштааст. Вақти таҳсил дар Тошканд, мо ҳамсӯҳбатони ҷудонашаванда будем. Бо ҳам нишаста, ба рӯзномаю маҷаллаҳо мақолаҳо менавистем. Ман бароятон як воқеаро нақл карданӣ ҳастам, – гуфтанд А. Саидҷонов, – хеле ҷолиби диққат мебошад.

Соли 1966 дар шаҳри Панҷакент чун сармуҳандиси иттиҳодияи бинокорию меъморӣ фаъолият мебурдам. Шабона ба хонаи зистам Ҳоҷӣ, Рауф ва Пӯлодӣ (саркитобдори китобхонаи Донишгоҳи Самарқанд, мудири шӯъбаи дастхатҳо – Б.М.) омаданд. Мақсади Ҳоҷӣ он буд, ки ба кофтуковҳои археологии канори шаҳр рафта, репортаже барои рӯзнома таҳия намоянд.

Баъди сӯҳбатҳои гарму ҷӯшони шабона, ба манзили кофтуковҳо роҳ гирифтем. Ҳоҷиқурбон дар он ҷо бо профессор ва олимони археолог сӯҳбатҳои дуру дароз намуда бошад, Рауф суратҳо гирифт. Дере нагузашта дар рӯзномаи ҷумҳурии «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») тахти сарлавҳаи «Дар диёри Деваштич» репортаже бо суратҳои Рауф чоп шуд. Баъди чанде боз як мақолаи дигар «Бозёфтҳои нав дар диёри Деваштич» (30-юми октябри соли 1966, «Ҳақиқати Ӯзбекис-

тон») дарҷ ёфт. Агар эътибор дода бошед, дар мақолаи аввал Ҳоҷӣ номи қаҳрамони суғд (тоҷик)-ро чун «Диваштич» муаррифӣ карда бошад, сони «Деваштич» номидааст. Ин ҳақиқатро ӯ аз бостоншиноси машҳур, донандаи забони суғдӣ, олими рус Александр Белинский муайян намуд. Белинский эътироф кард, ки номи Деваштич маънои девмонанд, мисли дев пурзӯрро дорад ва калимаи «дев» дар суғдӣ низ ҳамин тавр истифода мешавад. Дар яке аз суратҳо камина ба кадр афтодаам. Вақти эзоҳи сурат аз додани ному фамилиам худдорӣ карда, маро «ҷавони панҷакентӣ» номидаанд. Баъд аз ин ҳар ду ба тарзи ҳазлу мутоиба маро «ҷавони панҷакентӣ» меномиданд...

Оре, баъди ин саёҳат Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода таассуроти худро менависад:

«Дар кӯчаи марказии шаҳри асри VII истодаем. Бари он тақрибан 2-2,5 метр аст. Аз ин кӯча як ароба бемалол мегузарад. Дар ду тарафи кӯча иморатҳо қад рост кардаанд...

...Духтари сарвқомату соҳибҷамоле дар даст шамшеру сипар дорад. Вай ҷавшан ба бар кардааст. Либосҳои хуш ба ҳаракати чолоконааш мувофиқ дӯхта шудаанд. Чунин аст симои суғдидухтаре, ки онро рассоми қадим кашидааст. Ин духтари ватанпарварест, ки бар зидди душмани ғаддор баробари мардон бархостааст. Таърихи санъати ҷаҳонӣ расмҳоро мисоли ин портрет кам медонад. Аз ҳавлӣ ба ҳавлӣ, аз хона ба хона гузашта, мо расмҳои гуногун мебинем. Дар як қисми он симои Рустам ва Сиёвуш акс ёфтааст...» («Ҳақиқати Ӯзбекистон». 21-уми сентябри соли 1966).

Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода яке аз журналистони забардаст буд. Мавзӯъҳои мақолааш ҳатто имрӯзҳо, баъди 20 соли гузаштани рӯзи фавт ҳам, қимат доранд. Узви вобастаи АФ Ӯзбекистон, профессори шинохта Ботурхон Валихоҷаев Ҳоҷиқурбон Ҳамидзодаро ёдоварӣ карда, мегӯянд:

– Ҳоҷиқурбон – инсони ростқавлу хоксор, инсони пурғай-

рат, босавод буд. Ӯ ба ҳар се забон: ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ менавишт. Услуби ба худ хосе дошт, ки ин чиз ба хонданбоб гардидани мақолаҳояш сабаб мегаштанд. Одате дошт, ки баъди навиштани мақолаҳо ҳатман бо ин ё он забоншиносу олим маслиҳат мекард, фикрашро мепурсид. Баъд, агар маъқул гардад, мақолаашро боз пурратар мегардонид. Ҳоҷиқурбон бо падарам робитаи зич дошт. Ҳар гоҳ, ки ба ҳавлиамон даромада меомад, падарам аз хурсандӣ болида, кайфияташон хеле баланд мегашт.

Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода баробари одами босавод будан хеле бомаданият буд. Ин буд, ки аз ҳар табақаи мардум дӯстону наздикон дошт. Ман оиди як мақола, яъне очерки Ҳамидзода – «Ҳоҷӣ там-там» гуфта гузаштанӣ ҳастам. Ин мавзӯъро пеш аз ӯ ҳеҷ кас равшан накардааст. Зеро «Ҳоҷӣ там-там» яке аз одамони машҳури Самарқанд ба шумор рафта, илми мусиқишиносиро аз Ҳоҷӣ Абдулазизи машҳур омӯхтааст. Дар очерк баробари равшан кардани фаъолияти писари носфурӯши кӯлободӣ «Ҳоҷӣ там-там» муаллиф оиди сӯҳбатҳои адабӣ, мушоира ва шеъру сурудхониҳои одамони шаҳри қадимро гуфта мегузарад.

Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода баробари ин дар очеркҳояш сифатҳои хуби олим, духтур, академик ва аҳли ҳунарро тараннум мекунад.

Фикри профессори мӯҳтарам Б. Валихоҷаевро давом дода мегӯем, ки ӯ яке аз ватанпарварони асил буд. Мақсад дошт, ки оиди куҳаншаҳр «1001 ҳақиқат дар бораи Самарқанд» ном асаре нависад. Оиди услуби нависандагӣ ва журналистии Ҳ. Ҳамидзода дӯстони ҳамкасбаш А. Мухторов ва Х. Қӯлдошев дар очерки «Соҳиби қалами Фучикона» («Ҳақиқати Ӯзбекистон», 28-уми июли соли 1987) менависанд:

– Усули эҷоди Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода ҳамаро ба ҳайрату ваҷд меовард. Ба сифати журналист тезкор буду ба сифати нависанда қадре сусткор. Ҳангоме ки сабаб пурсед, мегуфт»:

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

«Мақола умри якрӯза дорад ва дар он саҳве кунед, газетхонон мебахшанд, лекин асари бадеӣ чизи дигар аст. Дар ин ришта иштибоҳ кардан хатои маҳз аст, ки авлоди оянда касро намебахшанд». Борҳо гувоҳи он будем, ки Ҳоҷиқурбон дар ҳақиқат пеш аз навиштани ҳикоя мазмуни онро ба дӯстонаш нақл менамуд, фикри онҳоро мепурсид, баъди пухтани мавзӯъ ба навиштан шурӯъ менамуд. Гуфтан мумкин аст, ки Ҳоҷиқурбон дар мавзӯъҳои дӯстии халқҳо, тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон, таърихи қадимаи Самарқанд, одамони шӯҳратёру сарбаланди он мақолаҳои зиёди публитсистӣ, очеркҳо ва лавҳаҳо навишта буду онҳоро дар рӯзномаҳо чоп мекард.

Албатта, дар як мақола акс кардани эҷод ва зиндагии серпаҳлӯи чунин инсон корест номумкин. Ҳоло аз ҳалокати фоҷиавии Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода 20 соли тамом гузашта аст. Ба наздикӣ дар толори маҷлисгоҳи ҳокимияти ноҳияи Боғишамол конференсияи илмӣ-амалии муаллимони ноҳия шуда гузашт. Дар он оиди муаммоҳои таълиму тарбия, маориф ва маданият бисёриҳо маърӯзаҳо карданд. Дар байни баромадкардагон нутқи котиби якуми Иттиҳодияи ҷавонони шаҳри Самарқанд Далер Ҳамидзода диққат ва эътибори ҳамаро ба худ ҷалб намуд. Яке аз бошандагон муаррифӣ кард, ки «Ин писари Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода аст». Аз ҳамон рӯз сар карда, ман бо ӯ шинос гардидам. Як қисми маводе, ки дар мақола истифода шуд, Далер бароям муҳайё сохт.

Гуфтан ҷоиз аст, ки имрӯзҳо падар ва модари Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода ҳаётанд. Ҳар боре, ки сухан оиди Ҳ. Ҳамидзода меравад, падари ӯ Ҳамидака ашк рехта, воқеа ва рӯзҳои мудҳиши фоҷеаро нақл карда медиҳад. Вале чӣ илоҷ?! «Тақдир» гӯён оби сард ба дил мезанад инсон. Бедили бузург мегӯяд:

*Хуршед хиромиду фурӯғе ба назар монд,*
*Дарё ба канори дигар афтоду гуҳар монд.*

Оташкада рафту зи кӯра рехт шароре,
Дил об шуду қатраи хуне зи ҷигар монд.
Он соя гузашт, аз асари дасти навозиш,
Ин нақши қадам доғ шуду хок ба сар монд.

Беҳрӯз МАЪРУФӢ,
узви Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон.
(«Овози Самарқанд», 5-уми декабри соли 1995, № 14)

1996

# ХОКИ МУҚАДДАСИ АҶДОД

Инсон ба ҳаёт меояд ва баъди гузаштани вақту соати муайян «амонатро супорида» аз дунёи фонӣ чашм мепӯшад. Ин ҳол табиист. Зеро, чунон ки дар урфият мегӯянд, ҳеҷ кас дар ин дунёи бевафо сутун намешавад.

Зиёрат кардан қабристонро, шод намудани рӯҳу арвоҳи марҳумон вазифаи зиндаҳост. Вале дар давоми солҳои дуру дароз аз сабабҳои фориғболӣ, тарсу ваҳм ва беэътибории мо даҳҳо қабристон, зиёратгоҳ, мазор ва хонақоҳҳо вайрон карда шуданд. Ҳатто вақтҳое шуд, ки қабри падару модарро пинҳонӣ зиёрат намуда, тарсида-тарсида дар дил дуои фотиҳа мехондем. Ҳазорҳо шукр, ки бо кароматии Худованд ба сарзамини мо, аз ҷумла худшиносиро тӯҳфа намуд. Истиқлол ба равнақу ривоҷи маънавият имкониятҳои бузург муҳайё кард. Вақташ расид, ки олимон ба навиштани таърихи бойи мо камар бастанд. Аз ин ҷиҳат китоби нави профессори Донишгоҳи Самарқанд М.Абрамов «Қабристонҳои Самарқанд», ки ба қарибӣ нашриёти «Суғдиён» аз чоп баровард, аҳамияти бузург дорад.

Китоб ба ду забон: ӯзбекӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст. Олим дар он кам-кам бошад ҳам, дар хусуси қабристонҳо, мазорҳо ва мақбараҳои шаҳри Самарқанди қадим ва берун аз сарҳади он маълумотҳои диққатангез гирд овардааст.

«Гӯристонҳои қадимтарини дар қаламрави Самарқанд ёфтшуда, ки анъанаҳои исломӣ ҳангоми дафни майит риоя шудаанд, – менависад олим, – ба асрҳои IX-XII тааллуқ доранд. Инҳо қабристонҳои Шоҳи Зинда, Ҳазрати Хизр ва Чокардиза мебошанд.

Бо тараққиёти минбаъдаи ҳаёти шаҳрӣ дар асрҳои XIV-XV гӯристонҳои Хоҷа Ғулом, Хоҷа Абдуи Дарун, Хоҷа Абдуи Берун, Султонховандбика (Ишратхона) ва Хоҷа Аҳрор пайдо гаштанд. Дар худи ҳамин вақт мақбараҳои авлодӣ (дахма) ва

ёдгорӣ ба мисли Хоҷа Муҳаммад Санграсон, Қутби Чаҳордаҳум, Рӯҳобод, Гӯри Мир, Суфаи Шайбониён ва дигарҳо сохта шуданд.

Дар асрҳои XVI-XVIII қабристонҳои Себзор, Панҷоб, Сарвиёғоч, Севалиато, Боғишамол, Хоҷа Юсуф, Янги Работ ва дар асри XIX гӯристонҳое, ки дар онҳо ҳангоми дафн анъанаҳои дини яҳудӣ (гӯристони яҳудиёни бухороӣ) ва насронӣ (гӯристонҳои «Братский») аврупоӣ риоя мешаванд, пайдо гаштанд».

Дар рисола нишон ва масоҳати қабристонҳо, мазорҳо, хонақоҳҳо ва инчунин номи шарифи олиму фозилон, ба мисли Абӯ Мансур Муҳаммад ибн Аҳмад Низомиддин Мотрудӣ, Абӯҳафс Наҷмиддини Насафӣ ал-Самарқандӣ (муаллифи «Китоби ал-қанд фи таърихи Самарқанд»), аллома Бурҳониддин Марғинонӣ, олимони ҳуқуқшинос Абӯлайси Самарқандӣ (асри X), Абӯлайс Хоҷа Фазлуллоҳи Самарқандӣ (устод ва дӯсти Алишер Навоӣ), шоир Фитрати Зардӯзии Самарқандӣ, ки дар қабристони «Чокардиза» ба хок рафтаанд, гирд оварда шудаанд.

Муаллиф ба туфайли меҳнати илмии бисёрсола ва омӯхтани манбаи ҳуҷҷатҳо ном ва нишони бисёр мазорҳои гузарҳои шаҳри Самарқанд ва берун аз ҳудуди он: Фақеҳ Абӯлайс, Хоҷа Абдулфайзи Бағдодӣ, Дониёрбек, Масҷиди кабуд, Кӯшҳавз, Зудмурод, Пули сафед, Зингарон, Кулолон, Нисбатдор, Мадрасаи Сафед, Маҳмуди Хоразмӣ, Зардӯзон, Луччакон, Булбулак, Зоминӣ, Мотрудӣ, Ёминӣ, Каварзор, Хавосӣ, Харротон, Чармгарон, Сӯфи Розиқ, Хоҷаҷон Хоҷа, Ялангбек, Даҳбедӣ, Халифа Иброҳим, Вайсул Қорӣ ва дигар мазорҳоро як-як номбар кардааст.

Бояд қайд кард, ки рисола хато, камбудӣ ва норасоиҳо дорад. Муаллиф дар хусуси қабристони Қутби Чаҳордаҳум Шайх Нуриддин Басир маълумот оварда, чунин менависад. «Қабристони Қутби Чаҳордаҳум соли 1372 дар ҷойи Арки Темур дар Самарқанд ба вуҷуд омадааст. Аз рӯйи шаҳодати манбаъҳо мақ-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

бараи Қутби Чаҳордаҳум, ки бо фармони Амир Темур сохта шудааст, ба мақбараи Рӯҳобод монанд будааст. Дар мақбара боқимондаи ҷасади шайхи поксиришт Нуриддин Басир (соли 1248 вафот карда, дар қисми шимолу шарқии Афросиёб, дар соҳили дарёчаи Новадон ба хок супорида шуда буд) гӯронида шудааст. Мақбара – хонақоҳ соли 1870 (дар дигар манбаъҳо соли 1880 – А.У.) аз тарафи истилогарони Россия вайрон карда, аз байн бурда шудааст».

Хоки табарруки пири маънавии соҳибқирон Амир Темур, донишманди бузург, инсони ба Худо наздики даври худ Қутби Чаҳордаҳум Шайх Нуриддин Басир дар куҷо монд? Аз китоб ба ин савол ҷавоб ёфта натавонистем. Ба ин савол эзоҳи олими ҷавон Комилхон Каттаев, ки дар охири китоби Абулҳакими Самарқандӣ «Қандия», (Самарқанд, «Суғдиён», 1994) оварда шудааст, ҷавоби дуруст ҳаст: «Амир Темур бо маслиҳати Шайх Абӯсаъид ибн Бурҳониддин Соғарҷӣ дар паҳлӯи ҷӯйи Новадон (ҳоло паҳлӯи театри опера ва балет) мақбараи ин шайхро (Нуриддин Басир – А.У.) созондааст. Августи соли 1880 бо тазъиқи маъмурияти рус ҷасади Шайх Нуриддин Басир ба наздикии масҷиди Хоҷаи Хизр кӯчонида, мақбара бо 10 пуд борут (порох) тарконда шудааст» (саҳ. 85).

Бо мақсади боварӣ ҳосил намудан ба ин фикри Комилхон Каттаев мо дар қабристони Хоҷаи Хизр шуда, бо сокинони атрофи он гуфтугӯ кардем. Бо маслиҳати онҳо мо бо гӯркоби дерина, нафақахӯр, сокини деҳаи Галаосиёи ноҳияи Самарқанд Ашӯрака Раҳматов ҳамсӯҳбат шудем. Аз гуфтаҳои ин мард маълум шуд, ки таърихи қабристонро хуб медонад. Зеро падараш Раҳмати Абулхайр то дами марг дар ин ҷо гӯркобӣ кардааст. Вай дар хусуси тақдири ҷасади Шайх Нуриддин Басир сухан ронда, борҳо таъкид намудааст, ки писараш қабри шайхи бузургро фаромӯш накунад. Мо ба одамгарӣ ва вафодории Ашӯрака миннатдорӣ изҳор намуда, бахшида ба рӯҳу арвоҳи Шайх Нуриддин Басир дуои фотиҳа кардем. Афсӯс, қабр – ха-

роба, мӯҳтоҷи таъмир аст.

Чӣ тавре ки муаллиф дар саҳифаи 5 қайд кардааст, қабристони Хоҷа Аҳрор дар асрҳои XIV-XV пайдо шудааст. Ин фикр аз ҳақиқат дур аст. Зеро аъзои вобастаи Академияи улуми Ӯзбекистон Ботурхон Валихоҷаев дар китоби худ «Хоҷа Аҳрори Валӣ» (Самарқанд, «Суғдиёна», 1992) ин тавр навиштааст: «Хоҷа Убайдуллоҳ... 21-уми феврали соли 1490 дар деҳаи Камонгарони ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд вафот карда, дар маҳалли Хоҷаи Кафшӣ (дар баъзе манбаъҳо «Кафшер» – А.У.), ки баъдҳо қисме аз он номи Хоҷаи Аҳрорро гирифтааст, мадфун аст (саҳ. 22). Олим дар китоби дигари худ «Хоҷа Аҳрор тарихи» (Тошканд, «Ёзувчи», 1994) ин фикрашро пурқувват карда менависад: «Бино ба маълумоти манбаъҳо, аз ҷумла «Таърихи касира» Хоҷа Аҳрор моҳи раҷаби соли 895 ҳиҷрӣ – рӯзи 21-уми феврали соли 1490 дар Камонгарон аз олам чашм пӯшид. Ҷасади табарруки ӯ дар мазори Хоҷа Кафшӣ (ҳоло мазори Хоҷа Аҳрор) дафн карда шудааст (саҳ. 72). Ба ғайр аз ин хатҳои дар рӯйи даҳҳо сангҳо навишташуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки қабристони Хоҷа Кафшер ва як қисми он Хоҷа Аҳрори имрӯза дар асрҳои IX-X пайдо шудаанд.

Боз дар хусуси қабристони Хоҷа Аҳрор дар саҳифаи 38-и китоби М.Абрамов навишта шудааст: «Дар қабристон барои дафни эшонҳо ҷойи алоҳида мавҷуд буда, марду занҳо алоҳида-алоҳида ба хок супурда мешуданд». Дар ҳақиқат, дар асри XV баъди дафни Хоҷа Аҳрор дар паси қабри ӯ барои дафни марҳумаҳо қӯрғони хиштин сохта шудааст. Қӯрғон ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Вале қӯрғон на барои эшонзанҳо, балки фақат барои дафни авлоди Хоҷа Аҳрор – хоҷазанҳо сохта шудааст.

Дар саҳифаи 44 муаллиф дар ҳаққи Хоҷа Бурҳони обрез маълумот дода, менависад, ки нишонии мазор гӯё дар рӯйи ҳавлии 24-и кӯчаи Оҳалик аст, хатост. Нишонии мазорот ин аст: ноҳияи Самарқанд, маҳаллаи Хоҷа Аҳрори Валӣ, кӯчаи Усмон Самеев, рақами 19.

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

Ба ғайр аз ин, китоб як қатор хатоҳои имловӣ дорад ва номи якчанд маҳалла хато навишта шудааст. Масалан, дар саҳифаи 39 ба ҷойи «Ҳафт зағора» (номи гузар) «Хоҷа Зағора» омадааст.

Сарфи назар аз ҳамаи ин китоби профессор М.Абрамов дар омӯхтани таърихи қабристонҳо, зиёратгоҳҳо, мазорот, мақбараҳо ва аниқ кардани хоки муборакӣ бисёр аҷдодонамон: алломаҳо, арбобони давлатӣ, шоирон, намояндагони илму фан дастури муҳим аст.

Акбар УСМОНОВ,
Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
(«Овози Самарқанд», 9-уми октябри соли 1996, № 82)

# БУХОРО АЗ МОСТ, МО АЗ БУХОРОЕМ!

Имрӯзҳо дар ҷумҳурияти соҳибистиқлоли Ӯзбекистон аҳли қалами тоҷик низ дар ҷодаи адабиёт қадамҳои мустақилона мениҳанд. Аз насими демократия ва ошкорбаёнӣ рӯҳ, илҳоми тоза мегиранд, ба оянда некбинона дида медӯзанд. Оре, имрӯзҳо баъди гузаштани солҳои зиёде дар хусуси вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва мадании халқамон дар ибтидои садаи бист баҳси доманадоре сурат мегирад ва саҳифаҳои норавшани таърихамон равшан мешавад. Ва ҳар боре сухан аз боби ҷараёни ҷадидия равад, номи яке аз намояндагони барҷастаи ин ҷараён, нигорандаи насри бағоят содда ва салиси Абдурауфи Фитрат (1886-1947) вирди забонҳо мегардад.

Абдурауфи Фитрат шоир ва нависандаи номии ибтидои асри XX буда, фаъолияти адабиаш дар солҳои бистуму сиюм хеле назаррас аст. Вай дар шаҳри Бухоро ба дунё омада, сипас баъди хатми мактаби ибтидоӣ муддате дар мадраса таҳсил кардааст. Соли 1909 дар қатори равшанфикрони Бухоро ба Истамбул рафта, дар мадрасаи Воизин хондааст.

Фитрат бо асарҳои аввалини хеш – «Мунозира» (1909), «Сайҳа» (1909), «Баёноти сайёҳи ҳинд» (1912) дар муддати хеле кӯтоҳ дар байни хонандагон шӯҳрат ёфт. Вай инчунин дар ин давра асарҳои «Роҳбари наҷот» ва «Оила»-ро навиштааст, ки дорои мазмуни иҷтимоию фалсафианд.

Дар бораи насри Абдурауф Фитрат ва роли он дар эҷодиёти насри нави тоҷик Садриддин Айнӣ гуфтааст: «Ҳарчанд аз соли 1905 сар карда, дар ҷароиди хориҷа мақолоти форсӣ аз тарафи тоҷикон ба қалам омад (чунончи Мирхон Порсозода ба «Ҳаблулматин» менавишт) ва аз тарафи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва дигарон китобҳои дарсӣ таълиф шуд, аммо ранги адабиёти нав гирифтани забони тоҷикӣ дар наср аз Абдурауф

Фитрат оғоз меёбад». Донишманди барҷастаи адабиёти тоҷик С. Айнӣ тавассути муносибати эҷодкоронаи Абдурауф Фитрат ба наср ранги тару тоза гирифтани насри муаллифро таъкид карда, диққати адабдӯстону аҳли таҳқиқро ба сари мавзӯи навпардозӣ нигаронидааст.

Возеҳ аст, ки А. Фитрат чун нависандаи тараққихоҳу маорифпарвар дар давраи нави ҳаракати миллию озодихоҳии мардуми Осиёи Миёна баҳри озодию истиқлол, ба даст овардани ҳаққу ҳуқуқи инсонӣ, адолатпарварӣ равона карда буд.

Бояд қайд кард, ки песаи аввалини тоҷик («Восеъ» – 1927) низ ба қалами ӯ мансуб аст. Рисолаи «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» қимати бузурги илмиро дорост, асари дигараш «Қоидаҳои забони тоҷикӣ», «Луғат»-и Ҳофизи Убаҳӣ», «Сайфи Исфарангӣ», «Фирдавсӣ» бори аввал дар адабиётшиносии давраи нав масъалаҳоеро мавриди баҳс қарор дод, ки хеле кам омӯхта шуда буданд.

Ҳазорҳо афсӯс, ки чун садҳо одамони равшанфикр Абдурауф Фитрат қурбони «шахспарастӣ»-и сталинӣ гардид, ки бо ин «истилоҳ» одамони равшанфикр-озодихоҳу адолатпарвар, муборизони матини миллат қурбони мустамликадории империяи бузург гаштанд. Ҳазорҳо шукр, ки мо имрӯзҳо метавонем ҳақиқатро ба таври объективӣ пешкаш намоем.

Сиёсати пеш аз инқилоби буржуазии рус дар ҳаёти иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Туркистон вазъияти номусоидеро ба вуҷуд овард. Дар ибтидои асри XX дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт то андозае дигаргуниҳо рӯй доданд. Бо кӯшиши рӯшанфикрону зиёиёни пешқадами тоҷик ҳаракате баҳри ислоҳи таълиму тадрис дар макотибу мадорис, таъсиси мактаби ҷадид, саводнокии комили мардум ва бедории завқу шавқи онон барои огоҳӣ аз воқеоту рӯйдоди олам ба вуҷуд омад, ки баъдтар бо номи ҷараёни ҷадидия машҳур гардид. Бо ин мақсад аввалин асарҳои публитсистӣ иншо ва рӯзномаю маҷаллаҳо таъсис шуданд. Нахустин асари хешро адиби доно ва та-

вонои тоҷик, яке аз сарварони ин ҳаракат Абдурауф Фитрат, ки ба ибораи С. Айнӣ «тамом дар мактаби ҷадид ва инқилоб» тарбия ёфтааст, ба шарҳу баёни мақсаду ҳаракати ҷадидӣ бахшидааст.

Бояд қайд кард, ки то ҳол ҳаракати тараққипарваронаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и тоҷикро «маорифпарварӣ» меноманд. Аммо истилоҳи «маорифпарварӣ» термини аслӣ нест, зеро бо ин ном ҷараёне дар таърихи адабиёт ва афкори иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна нагузаштааст. Ин ном баъд аз соли 1940 аз рӯйи мазмун ба ҳаракати тараққипарваронаи охири асри XIX ва аввали асри XX дода шудааст.

Тараққипарварони асри XIX ҳеҷ гуна ном надоштанд. Бинобар ин ба онҳо шартан ин номро доданд, вале тараққипарварони ибтидои асри XX «ҷадид», адабиёташон «ҷадида», ҳаракаташон «ҷадидӣ» ном гирифт. Дар асари «Мунозира» фарангӣ ҳамчун намояндаи усули таълими ҷадид ва мударрис вакили мактаби қадим ба қалам дода шуда, чун шахси оқилу доно, сухандону забондон, нуктафаҳм, одаму оламдон, аз мактаби ҷадиду рӯзнома ва маҷаллаҳои нав хеле баҳра бардошта ба назар мерасад. Даъвати ӯ нишонрас аст.

«Агар мутолиаи ҷароиди исломиро ҳаром нагуфта, худатон гоҳе мехондед, имрӯз илоҷи дарди исломро аз ман, ки кофирам, намепурсидед. Ҳоло вазифаи инсонии ман аст, ки ҳарчи илоҷи дарди шумо бошад, як-як шарҳ бидиҳам».

Фарангӣ илоҷи ин дардро, пеш аз ҳама, дар омӯзиши илм мебинад ва барои исботи фикру тақвияти андешаҳояш ва рафъи шакку шубҳаи мардум аз ҳадисҳои ҳазрати пайғамбар намунаҳо меоварад, ки чун бурҳони қотеъ хидмат кардаанд.

«... Агар таълими улум сабаби харобии дунё ва маъталии корҳо мешуд пайғамбар ба хабари ҳикматасари «утлуб-ул-илма ва лав би-с-Сини», «Утлуб-ул-илма мин-алмаҳди ил-лал лаҳади», «ал-илму иззу-д-дунё ва шариф-ул-охирати» умуми уммати худро ба таҳсили илм даъват намекард».

Нависанда ба тариқи руҷӯи лирикӣ дар бораи хосияти илм ва ба мамлакатҳои Шарқ бо ёрии илм дасти истилогарӣ дароз кардани мустамликачиёни Ғарб мулоҳизаҳо баён намуда, ба халоси аз ин дарди муҳлик ва асорати мустамликавӣ даъват менамояд:

«Эй ғафлатзадагон! То кай таҷоҳул! То чанд худписандӣ? Исломро ба рӯзи ғарибӣ нишонидед, исломро ба ҳолати бекасӣ овардед, қадре ба ҳуш оед, танбалӣ бас, худписандӣ бас, ваҳшигарӣ бас! Каме мулоҳиза намоед, бубинед чӣ садамаҳо, ки аз вуҷуди шумо ба пайкари латифи ислом нарасида, чӣ балоҳо, ки ба сари шарҳи матини Муҳаммадӣ ба воситаи ваҳшати шумо наборида. Эй гумроҳони бодияи бехабарӣ! Магар ҳамин ислом набуд, ки ба муддати андак аз Арабистон гирифта то Ҳинд, Чин, Тотористон, Рум, Эрон, Андалусро ба нури тамаддун равшан кард? Магар ислом набуд, ки аз ҳайбати тарафдорони пилтану ҳомиёни шерафганаш замину замон меларзид? Ислом иззат дошт, ислом азамат ва бартарӣ дошт, ислом қудрату забардастӣ дошт. Ислом буд, ки садои тӯпи салотини Андалусаш қалаҷоти Фаронсаро мутазалзил ва лагатсаворони Темуриаш маобиди русро музтаҳил менамуд: ислом буд, ки салотини усмонӣ ва Эронаш болодасти Фарангистон, ҳаждаҳ подшоҳи бузургаш ҳамеша тоҷдори Ҳиндустон буданд».

Мударрис аз баҳси фарангӣ баҳраи зиёд бардошта, дар охири мунозира бо арзи сипосу эҳтироми хосса лаб ба сухан во мекунад.

«Шумо хуб марди донишманде будед. Воқеан тамоми дардҳои Ватану миллати моро ёфта, илоҷашро некӯ баён намудед. Зотан мо низ дар бораи ин ки «аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст», мухолифат надорем, иштибоҳи мо мактаби ҷадид ва таҳсили улуми ҳозира буд, ки инро бо камоли хубӣ рафъ намудед, аз мусоҳабати ҷаноби шумо масрур гардидам».

Муаллиф дар хотима ҳамватанони азизу бародарони динии мӯҳтарами худро чун марди ватандӯсту исломпараст даъват

мекунад, ки аз ғафлату танбалӣ раҳоӣ ҷӯянд. «Ислом дини мост, ислом шарафи мост, ислом саодати мост, ислом сабаби осоиши мост, исломро пайғамбари мо ба мо амонат супурида.

Бухоро Ватани муқаддаси мост. Бухоро модари меҳрубони мост, Бухоро ҷойи нашъунамои мост, Бухоро маъшуқи азизи мост, Бухоро маҳбуби ба ҷон баробари мост, Бухоро аз мост, мо аз Бухороем!

Пас, ба ин қадар ғафлат, танбалӣ, бехабарӣ, беғайратӣ нишаста, нобудии ин дини мубин, поймолии ин ватани муқаддасро бо камоли бешарафӣ қабул кардани моро ҳеҷ шариат, ҳеҷ урф қабул нахоҳад кард, балки уқалои олам, ҳамиятмандони дунё моро лаънат карда, хориҷ аз силки инсониятамон хоҳанд шумурд.

Бародарон! Қадре ба ҳуш оед! Инсон ашрафи махлуқоти рӯйи замин аст, шарафи инсон ба соири махлуқот ҳамин аст, ки инсон қобили тараққиву таназзул аст, соири ҳайвонот не».

«Мунозира» кӯшиши нахустин буд ба роҳи ҳидояти мардум ба мактаби усули ҷадид, хештаншиносию ватандӯстӣ ва иттифоқу иттиҳод ва имрӯзҳо низ аҳамияти махсус дорад.

«…Ихтилофи шиаву сунниро аз миён бардоред: онҳо, ки шуморо аз тавассул ба ин асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд!

Фиреби онҳоро нахӯред! Биллоҳу валлоҳ, на таҳсили удуми ҳозира ҳаром аст, на иттиҳоди ислом!»

Қиссаи «Мунозира»-и А. Фитрат дар асоси мушоҳидаҳои бисёр дақиқ ва андешаҳои чуқури вай навишта шуда, барои омӯзиши афкори иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали асри XX барои омӯзиши таърихи инқилоби Бухоро ва умуман падидаҳои гуногун, афкори иҷтимоии ин давра бечуну чаро аҳамияти бузурги ҳуҷҷатӣ дорад.

Оиди «Мунозира», ки солҳои дароз дар таъсири «империяи сурх» аз хонандагони худ маҳрум буд, фикрҳоро пешкаши ҳа-

водорони муштоқи осори ниёгон гардонида, умед дорем, ки хонандагон бори дигар баҳри беканори адабиёти форсу тоҷикро дарк мекунанд.

Вақт тезгузар аст. Наслҳоро наслҳои нав иваз мекунанд. Ҳар насл аз худ ёдбуду хотирае боқӣ мегузорад, ки он барои рушду камоли насли сонӣ хизмати бемисле мекунад. Мо маҳз ба он бурду бохтҳои худро қиёс мекунему ба рафтору кирдори худ баҳо медиҳем. Рӯҳи беҳтарин фарзандони насли пешин ба монанди қутбнамо моро ҷониби некиву накӯкорӣ, ҳақиқату адолат раҳнамун месозад. Зеро Саъдии бузургвор фармудаанд:

*Зиндаю ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Ғафурҷон МАҲМУДОВ,
дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд.
(«Овози Самарқанд», 17-уми сентябри соли 1997, № 49)

# МОДАРИ ШАВҲАР – ДУШМАНИ АРӮС?

Матлуба поси шаб аз гиряи писаракаш Акмал бедор шуд. Аз ҷойгаҳаш хесту сӯи фарзандаш омад ва ӯро ба бистари худ оварда, ором сохт. Фарзанд меҳрубониву гармии модарро ҳис намуду ба зудӣ хоб кард. Матлуба ба соат чашм дӯхт: «Пас аз соате офтоб мебарояд, аммо аз Азим дарак нест».

Ӯ дар бораи шавҳараш фикр кард ва ранҷу азоб дили бечораашро ором нагузошт. Хотирот ӯро ба солҳои гузашта бурд. Матлуба вохӯрии аввалини худро бо Азим ба ёд овард.

...Баҳор. Табиат аз нав зинда мешуду гирду атроф ба сабз шудан оғоз менамуд. Дар ин фасли зебои сол табъи одамон низ дигаргун шуда, баробари эҳёи табиат эҳсосҳои нав низ пайдо мешаванд. Бисёртар ин ҳолат бо ҷавонон рӯй медиҳад. Дили Матлуба низ мехост, ки аз асрори ишқ бохабар гардаду маҳбубаи ҷавоне бошад.

Азим. Бале, вохӯрии аввал бо ӯ ба осонӣ ҳаёти ороми Матлубаро дигаргун сохт. Нигоҳу қаду қомати зебояш Матлубаро ба худ ром намуд. То ба ин вохӯрӣ Матлуба гумон мекард, ки танҳо дар китобу филмҳо бо як нигоҳ ошиқ шудан мумкин аст. Ҳамаи суханҳо, рафтору кирдори Азим ба Матлуба маъқул буд. Духтар бо ҷавони интихобкардааш фахр мекард.

Рӯзҳои дарози тобистон низ ба поён расид. Ошиқон рӯзи ақди никоҳро муайян намуданд. Тӯйи арӯсӣ хеле давом кард ва бисёр бодабдаба гузашт. Пас аз ин гӯё ҳаёти хушбахтона оғоз ёфт. Аммо он рӯзҳо барои Матлуба рӯзҳои ғамангез буданд. Модаршӯяш аз рӯзҳои аввал арӯсро хуш накард ва сабаби барбодшавии оилааш низ ӯ шуд. Вай барои писараш арӯси дигареро интихоб карда буд. Рӯз аз рӯз муомилаи арӯсу модари шавҳар душвортар мегашт.

Тадриҷан саломатии Матлуба бад мешуд. Вале модаршӯяш

ба ин худи Матлубаро айбдор мекард. Арӯс бо азоб фарзанди нимҷоне таваллуд кард ва дар бемористон як моҳи дароз хобид. Ба ин ҳам гӯё Матлуба айбдор буд. Ба ёди модаршӯ наомад, ки ақаллан боре ба бемористон рафта, келинашро хабар гирад. Вай писарашро низ аз роҳ бозмедошт ва мегуфт: «Зани дардманд ба ту чӣ лозим? Ҷудо шаву дигарашро гир!».

Дар ин рӯзҳои сахт танҳо волидон аз ҳолу аҳволи Матлуба хабар мегирифтанд.

Вақте ки аҳволи Матлуба рӯ ба беҳбудӣ овард, ӯ бо кӯдакаш ба хонаи шавҳараш омад. Модаршӯ Матлубаро диду чизе нагуфт ва ҳатто эътиборе надод. Матлуба чӣ кор карданро надониста, барои ба гаҳвора бастани тифл ҳамсоязанро ба ёрӣ даъват кард. Модаршӯ ба онҳо наздик ҳам нашуд. Ҳамин тавр Матлуба гӯё кӯдакашро гаҳворабандон кард.

Пиразан афсӯс мехӯрд, ки Азими ӯ чунин завҷа дорад. Вай ба ҳама чиз Матлубаро гунаҳкор шуморида, назди дигарон ӯро бадном мекард.

Мегӯянд, ки қатра-қатра чакидани об ҳам сангро сӯрох мекунад. Акнун Азим тез-тез бо завҷааш ҷангу ҷанҷол менамуд. Ба тамоку кашидану поси шаб ба хона баргаштан оғоз кард. Дар вақтҳои охир ба хона дер меомадагӣ шуд. Зеро бадномкунию дуои бад намудани модараш ва нигоҳи ғамгинонаи завҷаи ӯро дилтанг мекард.

Ҳамин тавр панҷ сол сипарӣ гашт. Хушбахтона, бо тамкину бурдбории Матлубаи ҷавону зебо фарзандаш бе падар намонд. Ӯ ба ҳамаи бадгӯӣ ва бадандешии модаршӯяш дандоншиканона тоб меорад. Зеро бисёр хуб медонад, ки ин доимӣ нест ва бепадар кардани фарзандашро ба худ гуноҳ меҳисобад. Вай бисёр мехоҳад ва ҳаракат мекунад, ки муҳаббати шавҳарашро ба худ бозгардонад.

Наздикону ҳамсояҳо борҳо ба модаршӯи Матлуба муроҷиат намуда гуфтанд, ки ҷавононро ба ҳоли худашон гузорад. Ӯ дар ҷавоб мегӯяд: «Ин келини ман! Чӣ кор карданамро худам

медонам! Шумо кордор набошед».

Модаршӯ дар ин боб бо ҳамсояҳо низ ҷанҷол мекунад ва худро бегуноҳу Матлубаро дар ҳама чиз гунаҳкор мешуморад.

Камина бисёр модаршавҳарҳоро медонам, ки мисли модар бо арӯсашон муомила мекунанд. Яке аз чунин модаршавҳарҳо, худо раҳмат кунад, модарам буданд, ки келинҳояшонро монанди духтаронашон дӯст медоштанд, ки ман бисёр аз он кас миннатдорам.

Аммо сад афсӯс, ки модаршӯҳое низ ёфт мешаванд, ки мехоҳанд арӯсашон фақат ба гуфти онҳо амал кунад. Ингуна занҳо худбинанд. Онҳо ба арӯс бо чашми рашку душманӣ менигаранд. Оё онҳоро муҳокима намудан лозим аст? Намедонам.

Фарзандам ба воя мерасад. Ман низ дар оянда модаршавҳар мешавам, аммо мехоҳам, ки модаршӯи меҳрубону ғамхор бошам.

Шумо ба ин чӣ мегӯед? Шумо чӣ гуна будан мехоҳед?

Биёед, дар ин мавзӯъ сӯҳбат кунем.

Ирода АКРАМОВА.

(«Овози Самарқанд», 5-уми майи соли 1998, № 35)

# ДЕВОРИ КӮНДАЛАНГ

Ҳар як сокини шаҳри мо медонад, ки дар мавзеи Афросиёб қисми марказии Мароқанди бостонӣ воқеъ буд. Ин харобаҳои шаҳри қадимиро дар асрҳои миёна «Қалъаи ҳисор», «Болоҳисор» мегуфтанд. Аммо на ҳар кас медонад, ки шаҳри Самарқанди бостонӣ на фақат болоҳисор, балки боғоту деҳоти атрофро низ фаро мегирифт. Маркази шаҳр ва боғоти атрофи он бо деворҳои мудофиавӣ ҳалқавор печонида шуда буданд. Бостоншинос М.Е. Массон дар яке аз асарҳои худ ривояти машҳури асрҳои миёнаро зикр намудааст: «Дар замонҳои қадим, хеле пештар аз истилои араб деворе, ки шаҳрро иҳота мекард, 50 ҳазор қадам дарозӣ дошт. Вақте ки ин девор хароб шуд, яке аз баҳодурони шоҳ Фаридун онро аз нав сохт ва пас аз он девор аз ҷониби аҷнабиён боз вайрон карда шуд ва он бори саввум бунёд гардид».

Дар ин ривоят маълумот дар бораи се девори мудофиавии Самарқанди бостонӣ инъикос ёфтааст. Яке девори давраи қадимтарин, ки онро муаррихони Юнони қадим 70 стадий, яъне 10 километр гуфтаанд. Дуи дигар, ки пеш аз истилои араб ва баъд аз он сохта шудааст, бо номҳои Девори Кӯндаланг ва девори Қиёмат машҳуранд.

Бо таҳқиқи деворҳои мудофиавии Самарқанд олимони зиёди бостоншинос ҳанӯз аз нимаи дуввуми асри XIX машғул шудаанд. Бар асоси маълумоти муҳаққиқони гузашта ва ҷустуҷӯҳои археологӣ, ки камина дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90-ум гузаронидам, хулосаҳои ниҳоят шавқангез ба даст омаданд. Шаҳри Самарқанд аз замони бунёд шудани худ на фақат қисми маъмуриву фарҳангӣ 9 арк, кӯшкҳо (иморатҳои ашроф), гузарҳои косибону ҳунармандону дӯконҳои тиҷорату бозор, балки ҳамеша деҳоту боғоти атрофро низ фаро мегирифт ва деҳоту боғот аҳолии маҳалҳо ва шаҳрро бо меваҷоту маҳсулоти зироат таъмин менамуданд. Аз ин рӯ, шаҳр ба сох-

тори ягона соҳиб буд, ки ҳар қисмати он бо деворҳо иҳота мегардид. Деворҳои мудофиавии дохилӣ ва берунӣ барои самарқандиён ниҳоят муҳим буданд. Шаҳр, ки аз замонҳои қадим то асри XIX ҳамеша таҳти таҷовузи аҷнабиён қарор мегирифт, фақат дар сурате, ки деворҳояш мустаҳкам ва ҳолати хуб доштанд, орому осуда буда метавонист. Ҳатто дар охири асри нуздаҳум, ки Девори Қиёмат – девори берунӣ тадриҷан хароб мешуд, бисёре аз сокинони шаҳри Самарқанд шикоят мекарданд, ки шабҳо ором хобида наметавонанд.

Деворҳои дифоии Самарқанд чӣ гуна буданд? Онҳо чӣ вақт сохта шудаанд ва кадом ҳудудро фаро мегирифтанд? Таҳқиқоти солҳои охир чунин манзараро пеши чашм меорад: дар охири асри ҳаштум ва аввали асри ҳафтуми пеш аз милод дар канори рӯди Сиёҳоб (Сиёб) шаҳраке ба вуҷуд омад, ки сокинонаш атрофи онро бо девори кулӯлакорӣ иҳота намуданд. Ин девор аз рӯйи хати чорумин девори ояндаи Самарқанди бостонӣ бино ёфта ва 219 гектар майдонро дар бар мегирифт. Дар дохили ин девор қисми зиёди мавзеъ барои парвариши чорво ва корҳои зироат истифода мешуд. Дар асри шашуми пеш аз милод дар ҷойи шаҳрак шаҳри нисбатан калоне, ки дорои кӯшки марказӣ, маҳалҳои косибон ва боғоти зиёд буд, ба вуҷуд омад ва дар давродаври он девори берунӣ сохта буданд. Боқимондаҳои тармиму барқароршудаи ин деворро метавонед дар вақти рафтан ба сӯйи фурудгоҳ (тайёрагоҳ) бинед ва дар охири кӯпруки нави назди бозори Сиёб мушоҳида намоед.

То омадани лашкари истилогари Искандари Мақдунӣ Самарқанд хеле калон ва васеъ шуда, деҳоту боғоти пештараи он, ки дар дохили девор буданд, ба ҳудуди шаҳр ҳамроҳ гардиданд. Боғоту деҳот васеъ шуда, асосан дар он тарафи рӯди Сиёб доман паҳн мекарданд. Дар атрофи шаҳр девори наве сохтанд, ки дарозии онро муаррихи юнони қадим Птоломей «70 стадий» (яъне, даҳ километр) зикр кардааст. Боғотро аз оби Сиёб шодоб менамуданд. Ва онҳо асосан дар ҳудуди собиқ Боғи Ка-

лон ва Мотуруд, Қӯрғонча (Гулбоғ), Боғи майдон ва Боғибаланди имрӯза воқеъ буданд. Аз ин рӯ, сокинони ин мавзеъҳо метавонанд худро аз авлоди аввалин зироаткорони деҳоту боғоти бузурги Самарқанди бостонӣ шуморанд ва бо ин фахр намоянд.

Дар асри чоруми қабл аз милод шаҳри Самарқанд якҷоя бо боғоту деҳоти худ ҳудуди ниҳоят васеъро фаро мегирифт, ки Самарқанди имрӯза ва деҳоти атрофи шаҳр дар ҳамин ҳудуд қарор доранд. Девори мудофиавии берунӣ, ки имрӯз бо номи Девори Кӯндаланг машҳур аст, дар тарафи шимол аз болои ҷарҳои соҳили Зарафшон, қисми шимолии Мотуруд, Гулбоғ (Қӯрғонча), Боғимайдону Боғибаланд гузашта, ба ҷануби Кӯҳак (Чӯпонато) мечаспид, ба тарафи ҷануб тоб хӯрда то Нағоратеппа (деҳоти Работи Хоҷа, Конигил) мерасид ва ба ҷанубтар майл карда, ҳудуди деҳоти Қӯштамғалӣ ва Пули Муғобро дар бар мегирифт. Дар ҷануб хатти девор аз ҳудуди шаҳри имрӯза мегузашт. (То дирӯз боқимондаи он дар кӯчаи Л. Толстой ба назар мерасид). Девор ба воситаи Лолазор гузашта, кӯчаи Фирдавсиро (дар назди корхонаи бофандагӣ) мебурид, аз чорроҳаи кӯчаи Берунӣ ба тарафи вокзали роҳи оҳан идома меёфт ва боз дар қисми шимоли деҳаи Мотуруд ба ҳам мепайваст.

Азбаски ин девор нисбат ба Девори Қиёмат кӯндаланг меистод, бо номи Девори Кӯндаланг машҳур шуд. Девори Кӯндаланг дар охири асри шашуми мелодӣ дар натиҷаи тохтутози кӯчиёну ҳайтолиён хароб шудааст. Девор муддати зиёд бо ин ҳол боқӣ монд ва то замони истилои аъроб дар он дахмаҳо мекарданд. Девори Кӯндаланг чунин номро дар асрҳои миёна соҳиб шудааст, яъне пас аз сохтани девори мудофиавии Девори Қиёмат. Сохтмони Девори Қиёмат дар нимаи асри ҳаштуми мелодӣ анҷом ёфтааст. Ин девор шаҳр ва боғоту деҳоти атрофи онро аз ҳуҷуми кӯчманчиён муҳофизат мекард. Дарозии он бештар аз 40 километр буд. Дар дохили ин девор қасру кӯшкҳо ва боғу токзору полизҳо воқеъ буданд, ки онҳо дар су-

рати хароб шудани боғоту деҳоти беруни девор низ шаҳрро бо мевачоту зироат таъмин карда метавонистанд.

Ин қасру кӯшкҳо чӣ гуна буданд? Боқимондаҳои онҳо дар кадом мавзеъҳо қарор доранд? Дар ин бора дар сӯҳбати оянда маълумот хоҳем дод.

Тамара ЛЕБЕДЕВА,
бостоншинос, номзади илми таърих,
корманди илмии Пажӯҳишгоҳи бостоншиносии АУ Ӯзбекистон.
(«Овози Самарқанд», 19-уми июни соли 1999, № 52)

# ҲИКОЯҲОИ ВОҚЕӢ

**«ЧОП ШАВАД, БАС...»**

Ҷавоне якчанд саҳифа коғази сиёҳ кардашударо ба дасти мудири шӯъбаи рӯзнома дароз кард.

– Ман нафаҳмидам, ки ин чист? Шояд худатон гӯед? – гуфт мудир баъди чанд бор абрӯвонашро гиреҳ карда, хонда баромадани он.

– Очерк гӯем, мешавад? – ба савол бо савол ҷавоб дод ҷавон.

– Очерк? – тааҷҷуб намуд мудир. – Охир обрӯйи очеркро нарезед-дия...

– Хайр, набошад, эссе-да.

– Оё медонед, ки эссеаш чист? Эссеаш... – мудир мехост, ки ба ҷавон дар бораи ин жанр маълумот диҳад. Вале вай нагузошт, ки ӯ суханашро давом диҳад.

– Равед, ки репортаж шавад...

– Ин ҳам не. Шумо факултаи журналистикаро хатм карда бошед ҳам, на чӣ будани очеркро медонистаеду на аз жанрҳои эссею репортаж хабар доштаед. Нағзакак дар хотир доред, ки ҳар кадоми онҳо талабҳои худро доранд. Ин жанрҳоро надонистани шумо айб аст. Ҳоло ҳам дер нашудааст, қоидаю қонунҳои онҳоро нағзакак омӯзед.

– Рости гап, ман саросема шуда мондам... Ин публитсистика аст.

– Ана халос... Агар шумо медонистед, ки публитсистика аз жанрҳои мураккабу вазнин ва меҳнатталаб аст, ҳоло ҳаргиз онро ба забон намегирифтед... Ин мусоҳибаи оддист. Чунки аз чанд саволу ҷавоб иборат асту бас.

– Бигзор, мусоҳиба бошад. Барои ман чоп шавад бас...

**ОБИ САРД**

Рӯзноманигор Расулӣ дар хонаи паёмнигорон ба муносибати ҷашни шастсолагиаш шаби эҷодӣ гузаронд.

Дар оғози он ҳозирон дар бораи роҳи тайкардаи ӯ маърӯзаи доманадоре шуниданд.

Баъд сухан ба соҳибҷашн дода шуд. Вай оиди меҳнатталабии касби рӯзноманигорӣ, поквиҷдону ҷӯянда, ҷасуру тозагӯй, нисбати чоплусу ришвахӯр, дурӯяю хушомадгӯӣ, мансабпарасту душманон нотавонбин шудани журналистон баромад намуд.

Навбат ба саволу ҷавобҳо расид. Мазмуни ҷавоби як қатор саволҳои урфиро, ки дар амал ба аксарияти онҳо соҳиби маърака аллакай дар баромадаш дода буд, бо ҷумлаҳои нав ва пурэҳсоси ба худ хос такрор кард.

Ҳамин вақт касе аз зал суоли зеринро дод:

– Ман, ки дар бораи мавзӯю мундариҷаи маводи газетаю журналҳо кори илмӣ бурда истодаам, аз ҷумла ҳамаи маводи навиштаи шуморо хондаю таҳлил карда, қаҳрамонҳои онҳоро омӯхта баромадам. Чаро тамоми материалҳоятон таърифианду ба шахсони доро – кормандони савдо, роҳбарони хоҷагию корхона ва монанди инҳо бахшида шудаанд?

– Агар ҳамин корро накунам, – гуфт вай ҷавобан, – магар бо маоши ночиз инсон барин зиндагӣ кардан ва ин гуна ҷамъомадҳоро бо зиёфаташ гузаронидан мумкин аст?

Ин ҷавоб гӯё ба болои хурӯше, ки то ҳол дар зал ҳукмрон буд, оби сард рехт. Ҳозирон паси ҳам толорро тарк намуда, роҳи хонаашонро пеш гирифтанд. Дар натиҷа дар гирди дастархони зиёфат, ки ба сесад кас пешбинӣ шуда буд, базӯр бисту як нафар рафиқон, хешу табор ва ҳамсояҳои наздиктарини Расулӣ монданду бас…

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

## НИМКОСАИ ЗЕРИ КОСА

Тоҳир Таҳсинзода ном мухбири ҷамоатӣ ба радио хабару мақолаҳои хомро меоварду мегуфт, ки бо ин ё он сабаб дуруст навиставу нағзакак таҳрир карда натавонистааст ва як илоҷ карда шунавонем.

Боре Тоҳир Таҳсинзода «Наҳорӣ» ном ҳикоя овард. Он низ кӯтоҳ ва сахт таҳрир карда, шунавонда шуд. Баъди бе дигаргунӣ чоп шудани он ҳикоя дар маҷаллаи «Машъал» дарк кардам, ки дар ин ҷо сирре ниҳон аст. Аз ин рӯ, аз паи ошкор намудани он гардидам ва дере нагузашта сабабаш маълум шуд.

Вай бо котиба гуфтушунид карда будаасту ӯ маводи Тоҳир Таҳсинзодаро ду нусха чоп менамудааст. Пас вай нусхаи дуюми таҳрирёфтаро гирифта, рӯйбардор карда, ба радиою телевизион ва рӯзномаҳои ҷумҳуриятӣ мефиристодааст. Азбаски он материалҳо омодаи истифодаанд, бе тағйир шунавондаю чоп карда мешудаанд ва дар он ҷойҳо Тоҳир Таҳсинзода ҳамчун журналисти босаводу хуб ном баровindependently будаааст.

Ман пас роҳи рӯйбардоркунии маводи таҳрирнамудаи хешро бастам. Бо ҳамин фаъолияти «журналисти хуб» низ қатъ гардид. Дигар дар матбуот материалҳои ӯ рӯйи чопро намедидагӣ шуданд, аниқтараш гоҳ-гоҳ якто-нимто хабарчаҳояш дарҷ мегардиданду бас. Аз ҳикояю мақолаҳои доманадор дараке набуд…

Нор ОСТОНЗОДА.
(«Овози Самарқанд», 24-уми июни соли 2000, № 51-52)

# КИТОБИ ТИРХӮРДА

## *ё худ достони «Рустам ва Сӯҳроб»-и Фирдавсӣ инсонеро аз марг наҷот дод*

Мӯйсафед бо чашмони камнураш ба саҳифаҳои бо мурури замон зардшудаи китоб менигарад. Ҳар ҳарфу ҳиҷо ва суратҳои ин китоб барои ӯ шинос аст. Ҳарчанд садҳо маротиба гаштаю баргашта онро хонда бошад ҳам, порчаҳои зиёдеро аз ёд донад ҳам, вале ҳар дафъа боз бо ҳиссиёт онро варақ мезанад. Ҳангоми мутолиа дар чашмонаш донаҳои ашк пайдо мешаванд. Гӯиё мӯйсафед дар баробари Фирдавсӣ гиря мекунад:

*Яке достонест пуроби чашм,*
*Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм…*

Дили нозуки пирамард ҳам ба хашм меояд. Аз Рустам не, аз атрофиёни нотавонбину фитнаангези ӯ нафрат мекунад. Ба димоғаш бӯйи хун мерасад. Чашмонашро мепӯшад. Пеши назараш ҳамон манзара намоён мешавад…

Солҳои душвори ҷанги ҷаҳонӣ буд. Дунё алайҳи фашизм муборизаи беамон мебурд. Ҳазорҳо мардони ҳузарб қурбони тири адӯ мегаштанд. Шумораи захмиён беҳисоб буд. Онҳоро ба шаҳрҳои дурдасти ақибгоҳ барои муолиҷа мефиристоданд. Шифокорону ҳамшираҳои тиббӣ намерасиданд. Дар Самарқанд ҳам чандин муолиҷагоҳҳои ҳарбӣ ташкил шуда буд. Саак Амирхонович Бабаянро, ки он солҳо ҳамагӣ 14 сол дошт, ба муолиҷагоҳи ҳарбии рақами 36 (№ 39-45) ба кор даъват карданд. Ба шифокорон ёрӣ мерасонид. Аз истгоҳи роҳи оҳан боз аспу ароба захмиёнро ба муолиҷагоҳ меовард. Ҷароҳати онҳоро тоза карда, марҳам мегузошт…

Соли 1944. Шабонгаҳ дари вагонеро, ки дар он захмиёни бедасту по ва ҷароҳатҳои вазниндошта буданд, кушоданд. Оҳу

нолаи аскарони маҷрӯҳ дили касро ба дард меовард. Онҳоро ба аробаҳо бор мекарданд. Ин замон садои ҳазине ба гӯши ӯ расид. Наздиктар рафт, марди 45-50 солае бо сари баста ва либосҳои хунолуда бо забони софи арманӣ зери лаб зам-зама мекард:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
*Намонад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор…*

Бо забони модариаш бо ӯ ҳолпурсӣ кард. Ба тани маҷрӯҳи ҷанговар – Анастас Манукиян гӯё мадор омад. Пас аз чанд рӯзи дар муолиҷагоҳ даво гирифтан вай худро беҳтар ҳис кард. Тани пурҷароҳаташ кам-кам шифо меёфт. Саак доимо аз ҳоли ӯ хабардор мешуд. Рӯзе ҳангоми сӯҳбат пурсид, ки он шеъри дар дохили вагон хондаатон ба қалами кӣ тааллуқ дорад?

– Ин мисраъҳо аз «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсии бузургвор аст, ки маро ватандӯстию мардонагӣ омӯхта, ба ҳифзи диёр раҳнамун кард ва оқибат боз ҳамин асари бемисол буд, ки маро аз марг наҷот дод, – гуфт Манукиян. Сипас аз зери болинаш китоберо гирифт, ки муқовааш пора-пора шуда, ҳар ҷояш доғҳои хунин дошт.

– Мана ин наҷотбахши ман аз марг аст, – гӯён онро варақ зад. – Ин достони «Рустам ва Сӯҳроб» аст, ки соли 1923 академики шарқшинос Орбели онро ба забони арманӣ тарҷума кардааст. Дар чор соли ҷанг ҳам тасаллобахши ман ҳамин китоб буд. Саакҷон ба ивази некиҳоят ман ин китоби тирхӯрдаи наҷотбахшро ба ту ҳадя мекунам. Бигзор, ҳамеша ба ту раҳнамо бошад…

Акнун қариб 50 сол мешавад, ки ин китоби захмӣ ҳамроҳи Саак Амирхонович аст. Аз ин достони ибратбахш ӯ панди зиндагӣ, мардонагӣ, ростқавлӣ, меҳру оқибат омӯхта, соҳиби эҳти-

ром гашт.

Саак Амирхонович то соли 1946 дар муоличагоҳи ҳарбӣ ба шифокорон ёрмандӣ карду ба дарди маҷрӯҳон дармон гашт. Аз соли 1946 ӯ ба корхонаи таъминоти коргарони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ ба кор омад. Дар ин соҳа солҳои тӯлонӣ хизмат кард. Донишкадаи савдоро ғоибона хатм кард. 24 сол роҳбари корхонаи истеҳсоли нон буд. Зиёда аз 20 соли дигар дар корҳои ҳизбию роҳбарии корхонаи таъминоти коргарони роҳи оҳан хизмати арзанда дошт. Ҳоло ҳам Саак Амирхонович Бабаян аъзои раёсати ҷамъияти саҳҳомии «Темирйӯлчӣ» буда, маслиҳатҳои судбахши худро аз ҳамкорону ҳаммаслакон дареғ намедорад. Ин марди боматонат барои хизматҳои шоёнаш бо нишони «Барои хизматҳои шоён дар солҳои ҷанги ҷаҳонӣ», медали «Шӯҳрат», нишони «Аълочии нақлиёти роҳи оҳан» ва дигар ордену медалҳои давлатӣ сарфароз гардидааст. Фарзандонаш Армо сарвари маркази ахбории бонки марказӣ, Виктория – муаллимаи математика, Ашот корманди ҷамъияти саҳҳомии «Темирйӯлчӣ» аст...

Саак Амирхонович бо эҳтиёт достонҳои «Шоҳнома»-ро ҳамчун саҳифаҳои умри худ варақгардон мешавад. Аз бемеҳрию нотавонбинии баъзе одамон ба ташвиш меояд. Тантанаи некиро тарафдор аст. Аҳриманони ҷангҷӯю бадхоҳро чашми дидан надорад. Ба қавли Фирдавсӣ:

*Агар пилзӯрӣ в-агар шерчанг,*
*Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг.*

Дӯстии байни миллатҳо ва сулҳи ҷовидонро мепарастад. Ба пиронсолии худ нигоҳ накарда, барои пешрафти Ӯзбекистони соҳибистиқлол софдилона заҳмат мекашад. Илоҳо, иродааш мустаҳкам бошаду ахтари бахташ дурахшон гардад.

Асадулло ШУКУРОВ.
(«Овози Самарқанд», 24-уми июли соли 2002, № 67)

# БӮСТОНЛИҚ – ШВЕТСАРИЯИ ӮЗБЕКИСТОН

## БО ЁДИ ШУМОЁН ЗИНДААМ…

Бар шумо аз сайқали рӯйи ҷаҳон бодо салом!
Аз самими қалб мебахшам ҳамин ширин калом.
Аз дили шаҳри азим то синаи кӯҳи баланд,
Як ҷаҳоне кашф хоҳам кард умре, вассалом…
Солҳо бигзашту бо ёди шумоён зиндаам,
То абад дар мағзи ҷонам меҳратон ҷо додаам.
Баски дар оғӯши кӯҳу ҷумла ёрони азиз
Дар ҷаҳони ишқу васли дӯстон афтодаам.
Аз Самарқанд, аз канори шаҳри дилбанди шумо,
Ҳамчу як омӯзгоре гашта пайванди шумо.
Роҳ ҷустем бар дилу даргоҳатон, Пскомиён,
Дарс додам бо муҳаббат чун ба фарзанди шумо.
То кунун ёди навои булбули шайдо кунам,
Васфи ёри хушадову дилбари зебо кунам.
Қадри ҳар як бурда нону ҳурмати Бӯриако,
Хизмати беминнати хурду калон иҷро кунам.
Бахти ҳар як хонавода то абад поянда бод!
Офтоби меҳру ишқи беғубор тобанда бод!
Зиндагии босаодат аз Худо дорем умед,
Рӯятон чун лолаҳои кӯҳсор пурханда бод!

*Нормурод КАРИМЗОДА.*

Мамлакати сермиллату соҳибистиқлоли мо гулшани ҳамешасабзро мемонад, ки дар он гулу гиёҳҳои рангину хушбӯ парвариш меёбанд. Бӯстонлиқ яке аз ноҳияҳои хушманзару сераҳолии вилояти Тошканд буда, имрӯзҳо ҷилову ҷозибаи хосе касб

кардааст. Тоҷикон, ӯзбекҳо, қазоқу қирғизҳо, қисман олмонҳо он ҷо аҳлона зиндагӣ ба сар мебаранд. Ман солҳои 1972-73 бо амри тақдир омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи рақами 45-и ба номи М. Султонови ҳамин ноҳия шуда кор кардаам. Мактаб аз маркази ноҳияи Ғазалкент ба масофаи қариб 90 километр дурӣ дораду омаду рафт бо роҳҳои пурпечутоби ағбаҳои кӯҳӣ сурат мегирад. Дар ин ҳудудҳо маҳалҳои тоҷикнишин, аз ҷумлаи Бурҷимулло, Нанай, Боғистон, Чорбоғ, Полвонак, Испай, Оромзода, Тепар, Тоқаёнғоқ, Чакак, Пскем ҷо гирифтаанд. Дар ҳақиқат, солҳои омӯзгорӣ ман борҳо аз ин деҳаҳо гузар карда, ёру дӯсти зиёде пайдо намудаам, бо онҳо якҷо нону намак хӯрдаам. Имрӯзҳо низ ин риштаҳои дӯстӣ барқарор аст. Бо саъю кӯшиши мардум ва роҳбарони ботадбир ин сарзамини кӯҳӣ хеле пеш рафта, дараҷаи зиндагӣ, илму маориф, тиббиёт, наклиёт, саноат, хоҷагии қишлоқ тараққӣ кардааст. Қувваи барқ то охирин деҳа – Пскем рафта расидааст. Роҳҳо васеъ, асфалтпӯш гашта, автомобилҳои гуногун бемалол ҳаракат доранд. Дар ҳудуди Бӯстонлиқ солҳои сол бисёр пансионатҳо, оромгоҳҳои тобистона, масканҳои истироҳатии тобеи вазоратҳои гуногун амал мекунанд. Табиати бою мафтункори ин диёр диққату эътибори сайёҳони ҷаҳонро низ ҷалб кардааст. Хоҷагии ҷангалпарварии ҷумҳурият ин ноҳияро «Боғи миллии Ӯзбекистон» эълон карда, барои афзун намудани саршумори ҳайвоноту набототи он чораву тадбирҳои мушаххас меандешад. Чормағзу гиёҳҳои шифобахш, меваҳои серобу сабзавоти хуштаъми Бӯстонлиқ, бозорҳои шаҳрҳои Чирчиқу Тошкандро обод мекунад. Ҳаёти маданиву маънавии мардум низ пурҷӯшу хурӯш аст. Дастаи ҳунарии «Гулёр», ки ба он Лазокатапа Нуримова сарварӣ мекунад, бо барномаҳои рангини худ хотири ҳаводорони рақси миллию эҷодиёти даҳонакии халқро шод мегардонад. Сухандони варзидаи тоҷик, фарзанди барӯманди Нанай Шарофат Эрматова барномаи «Рангинкамон»-ро моҳирона ӯҳда месозад.

## ПСКЕМ, МИСКОН, БИСТКОМ

Деҳаи Пскем гӯшаи дурдасттарини Бӯстонлиқ буда, тоҷикони ҳардурӣ умр ба сар мебаранд. Ба қавли мусоҳибон аҷдодони сокинони имрӯзаи деҳа аслан аз Самарқанду Тошканд, Фарғонаву Хӯҷанд буда, бо чорводориву деҳқонӣ шуғл варзидаанд. Деҳа таърихи дуру дарозе доշта, археологҳо, геологҳо, этнографҳо, забоншиносон, фолклоршиносон тадқиқоти илмӣ ба анҷом медиҳанд, ки дар ҳудуди деҳа замоне шаҳраки суғдиён бо тамоми расму русумаш вуҷуд доштааст. Қисме аз он бозёфтҳо ҳоло дар мактаби номбурда маҳфуз аст.

Мо аз куҳансолони соҳибмаърифат этимологияи калимаҳои «Пскем»-ро пурсон шудем. Онҳо ба ҳадди имкону дониши худ ба ин масъала равшанӣ андохтанд. Дар сӯҳбат аён шуд, ки «Пскем» дар шаклҳои «Пастком», «Бистком», «Мискон» вирди забони мардуми таҳҷоӣ аст. Ҳанӯз асри XIV хитоиҳо дар ҳудуди деҳа кони мисро ёфтаанд. Рӯди кӯҳии Пскем, қаторкӯҳҳои Пскем низ ба пайдоиши номи деҳа робитаи бевосита доштааст.

Ҳаёти маънавию маърифии деҳаро бе мактаби миёнаи рақами 45 тасаввур карда намешавад. Дар ин маскани дуқабатаи хуштарҳу зебо имрӯзҳо 231 нафар фарзандони халқ таҳсил мекунанд. 18 нафар омӯзгорони олимаълумот, ки мактабҳои олии Самарқанду Тошканд ва Хӯҷандро хатм кардаанд, ба шогирдон аз илму маърифати замон сабақ медиҳанд. Номи сарвари мактаб Шоҳазим Ӯрмонов, рӯҳшинос Норимбой Абдуллоев, мудири қисми илмӣ Амонбой Абдуваҳҳобов, омӯзгорони пешқадам Замонгул Раҳмонбердиева, Саидмавлон Давлатов, Абдурафиқ Абдуҳамидов, Асомиддин Неъматуллоев, Мукаррам Эгамбердиева, Нигора Туробова ва дигаронро бо меҳру муҳаббати беандоза ба забон гирифтан мехоҳам. Маърифатгоҳ дар тӯли қариб 70 соли фаъолияти худ садҳо, ҳазорҳо фарзанди халқро таълиму тарбия дода, ба шоҳроҳи ҳаёт гусел кар-

дааст. Машъалони илму маърифати ин деҳа раҳматӣ Т. Шерматов, Б. Эсанбоев, омӯзгорони нафақахӯр М. Саидазимов, Қ. Файзиев, К. Туробов, Х. Худойбердиев, К. Давлатов ва дигарон баҳри ривоҷу равнақи мактабу маорифи ин ҷо хизматҳои шоён кардаанд.

## ДӮСТОН, МО ЗИНДА БО ДИДОРИ ТОБОНИ ШУМО

Ҳамон чеҳраҳои гарму арғувонӣ, дилҳои дардошно, нигоҳҳои тобноку илҳомбахш пеши назаранд. Дарвоқеъ, ҳангоми бозгашт ба Самарқанди азим кӯҳҳои сарбаланди Пскем барфпӯш буданду бо офтоби оламтоб дар нурпошӣ мусобиқа доштанд.

Бӯстонлиқ, ки имрӯзҳо ноҳияи сарҳадӣ гаштаасту равуои шаҳрвандон зери назорати махсус гирифта шудааст, тинҷу осуда буда, собитқадамона пеш меравад. Риштаҳои дӯстиву алоқа чун аввал ногусастанист.

Нормурод КАРИМЗОДА,
мухбири ҷамоатии «Овози Самарқанд».
(«Овози Самарқанд», 19-уми феврали соли 2003, № 14-15)

# БАЧАЯКЕ ДАР ЧОРРАҲА

Пур шудани «Дамас»-еро, ки аз бозори Сиёб ба ҷониби хонаамон меояд, интизор будам. Ҳамин дам писараке бар китф портфел, салом дода, ба мошин савор шуд. Ронанда аз ӯ бо таккаббур пурсид:

– Пулат ҳаст-мӣ?

Вай маънии «ҳаст»-ро ба ҷунбиши сар ифода карда, пули сад сӯмиро нишон дод.

– Роҳкиро саду панҷоҳ сӯм, – гуфт ронанда, – фаро!

Ин ҳол маро ба ҷаҳл овард. Ману ронанда ба гап рафтем. Ҳаминаш аламовар шуд, ки аз мусофирон касе ҳам бандаро тарафдорӣ накард. Фишори хунам аз ин воқеа баланд шуда, пас аз ду рӯз ба ҳолати пешинааш баргашт.

Шояд шумо низ гувоҳи чунин воқеа шуда бошед. Гоҳо мешавад, ки мактабиёни интизори автобус ва «Дамас» аз дур ба ронандагон пул нишон медиҳанд. Ҳайфе! Охир, дар ин дунёи гузаро ба ғазаби Худо ва азоби виҷдон гирифтор шудан мумкин-ку!

Инак, як ҳодисаи нохуш ва пурнадомат. Ду набераи ман маҷбуранд, ки ҳар пагоҳӣ барои ба мактаб рафтан аз як чорраҳаи серодам гузаранд. Дили мо бошад то баргаштани онҳо дар таҳлука. Зеро соли гузашта дар ҳамин чорраҳаи машъум зада рафтани мошине писараки портфелдорро дида будам. Ана, ҳамон вақт мо ба ҷониби кӯдаки норасидаи китобҳояш парешон ва худаш ба хун олудагашта давида будем. Ӯро аввалин шуда русзане аз замин бардошт. Писараки ҷабрдида, гӯё ки модарашро ёфта бошад, зани бегонаро ба оғӯш кашида бар китфи ӯ сар бимонд. Ҳама ҷо пурсадо шуд. Пас аз чанд лаҳза писарак сар бардошта, ба мо нигарист. Ман аз нигоҳи вай «барои чӣ маро ба ин аҳвол овардед? Гуноҳам чӣ буд?» – пурсишҳоро хондагӣ барин шудам. Писарак ин дам ба китфи зан ғайритабиӣ сар бимонд. Зан бошад фарёдкунон ба гиря оғоз

кард. Писарак мурда буд!

Фаромӯш накун: фарзанд бимирад бо худ оламро мебарад!

Бовар бикун: ин ҳодиса ба хобҳоям медарояд!

Бубахш мо – калонсолонро, ҷигарам!

Дар ин чорраҳа ман, нозирони ҳаракати роҳро (дар дигарҳояш ҳам) алалхусус, ҳангоми гузаштани мактабиён дучор намеоям. Наход, онҳо аз ин ҳам кори зарур дошта бошанд?! Худи нозирон аз нобуд ва ё ногироншудагон айнан дар чорраҳа ва ҷойи гузашт меноланду дар амал он қадар ҷонсӯзӣ намекунанд. Медонам, онҳо ҳам кӯдаконро дӯст медоранд, вале танҳо дӯст доштан кифоя набудааст…

Аз ин чанд сол муқаддам, вақте ки дар Литва будам, шоҳиди манзараи бағоят зебо ва ибратомӯз шудам. Қатораи мошинҳо, ки сигнал дода, арбоби давлатро гирифта, мегузаштанд, ногоҳ аз ҳаракат бозистоданд. Нигоҳ кунам, дар шоҳроҳ бачае пайдо шуда будааст. Мошинҳо то ба фурсати гузаштани ӯ, ҳатто сигнал ҳам надоданд. Ба ростӣ, ба оғӯш кашиданам омад: ҳам ҳамон арбобро ва ҳам ҳамон кӯдакро.

Кӯдакон, пирон ва маҷрӯҳон касонеанд, ки ба меҳр, мурувват ва кӯмак мӯҳтоҷанд. Ба фаромӯш кардани ин мо на ҳад дорему на ҳуқуқ.

Кӯдакон –ояндаи мо. Таърих миллатеро, ки баояндаи худ нописандона нигаристааст, ҳеҷ гоҳ набахшидааст!

Солҳои охир ба кӯдакон зиёда эътибор медиҳем. Ба онҳо либосҳои нисбатан зебо мепӯшонем, барои хондан ба мактабҳои номдор мегузорем, баҳри машғул шудан бо варзиш, мусиқа, омӯхтани забонҳои хориҷӣ (алалхусус, забони англисӣ) шароит муҳайё месозем. Ин ҳама далолат аз он аст, ки маданият ва маънавиятамон торафт бой мешавад.

Аммо чи хеле ки дар боло таъкид намудем, ҳодисаҳои нохуш ҳам бисёранд. Дар асл бародарони дилсӯз ва саховатманд, ки мактабиёнро ба манзилашон бепул ва беминнат мерасо-

нанд, ҳамчунин кам нестанд. Лекин мехоҳам, ки ин кор ба ҳукми анъана дарояд.

Қатъи назар аз он, ки кӣ ҳастем, бояд фаромӯш насозем, ҳамон кӯдаки дар сари роҳ буда, новобаста аз синну сол ва миллаташ, ҷигаргӯшаҳои мову шумоянд.

Бале, ӯ бегона нест. Пагоҳ ба дорулбақо реҳлат намоем, бачаяке, ки миён баставу дилхун шуда мегиряд, ана ҳамин кӯдак аст!

Шумо эҳтимол ронанда ва нозири роҳ нестед, вале сарфи назар аз касбу коратон ба бачаи дар сари чорраҳа истода нишон додани роҳ вазифаи муқаддаси маънавии шумост! Зеро дар оянда кӣ шуда ба камол расидани вай – шифокори бошафқати ҷароҳатҳои миллат ё бадкирдори намакпош ба ин ҷароҳатҳо – аз ин вобаста!

Ҷигарам, дастатро бидеҳ, ба китфат оғӯш кушо! Ман туро ба манзил мерасонам. Бовар бикун, аз ин амал худам ҳам беҳад ҳаловат меёбам!

Нусрат РАҲМАТ, нависанда.
(«Овози Самарқанд», 16-уми январи соли 2004, № 5)

# ИФТИТОҲИ ЛАВҲАИ ЁДГОРӢ

Дар яке аз рӯзҳои Наврӯзи оламафрӯз, аниқтараш субҳи 27-уми марти соли равон бо хоҳиши нафаре аз дӯстонам ба маҳаллаи Сӯзангарон-2 ҳозир шудам. Дар даромадгоҳи маҳалла мардуми зиёд ҷамъ омада буданд. Ман аз байни онҳо шоир Салим Кенҷа, олими файласуф Хуршед Самеъбоев, олимони тиб Матлуб Самеъбоев ва Азиз Юсуфов, ҳамсинфам Хуршедҷон Маҳмудов, дӯсти наздикам Шавкатҷон Баҳромов, олимони математик, додарон Мубинҷон ва Аминҷон Суяршоевҳо, раиси кумитаи маҳалла Тӯлқин Аҳмадҷонов ва декани факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, дотсент Ҷумъа Ҳамроҳро шинохтам, ки бо навбат роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоири маҳбуб Ҳабиб Юсуфӣ сухан мекарданд. Баъдан яке аз мӯйсафедони маҳалла матои сафедро аз рӯйи лавҳаи мармарин гирифт. Аз зери он акси шоири ватанпарвар Ҳабиб Юсуфӣ бо сабти таърихи таваллуд ва вафот намоён шуд. Дар ин лаҳзаи ҳаяҷоновар ногаҳон чашмам ба Мубинҷон Суяршоев афтод. Ӯ ашки чашмонашро бо рӯймолча пок мекард.

– Чаро ашк мерезед? – ҳайрон шуда пурсидам.

– Ин акс – акси тағои ман ва ин ашк – ашки шодии ман, – ба лавҳаи мармарин ишора карда гуфт вай. – Мо ин лаҳзаро таи солҳои зиёд интизор будем. Модарам ҳам мехост, ки ин рӯзи фирӯзро бинад. Аммо дареғо, марг аз домони зиндагиаш барвақттар гирифт. Аз он ки Парвардигор дидори ин рӯзро ба мо насиб карда будааст, шукри беҳад мегӯям. Аз раиси кумитаи маҳалла ва фаъолони он сипосгузорам, ки маҳз бо ташаббуси онҳо ин лавҳаи мармарин дар даромадгоҳи маҳалла устувор шуд ва худи маҳалла номи тағоям Ҳабиб Юсуфиро гирифт.

Ҳисси кунҷкобиам боло рафта, аз Мубинҷон Суяршоев пурсидам, ки аз ҳаёти Ҳабиб Юсуфӣ чӣ ҳарфҳои тоза медонад.

– Ҳабиб Юсуфӣ аз фронт истода ба модарам, бародарам, хоҳарам ва ҳамсарашон мактубҳо нависта, маслиҳатҳо медоданд,

ғамхориҳо зоҳир мекарданд, – гуфт ӯ. – Ҳоло ҳам бархе аз он мактубҳо дар бойгонии оилаи мо маҳфузанд. Беҳтар мебуд агар вақт меёфтед, шуморо бо хоҳарам ва бародарам шинос мекардам. Онҳо тағоям Ҳабиб Юсуфиро аз ман дида бештар медонанд.

## ДАР МЕҲМОНИИ ҶИЯНҲОИ ШОИР

Ман ва дӯстам Шавкатҷон Баҳромов бо ҳамроҳии Мубинҷон Суяршоев ба хонаи хоҳарашон Маҳфуза Суяршоева омадем. Дар он ҷо додари онҳо Аминҷон Суяршоев низ ҳозир буд. Сӯҳбати мо роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳабиб Юсуфӣ қӯр гирифт. Маҳфуза Суяршоева аз бойгонии худ чаҳор расм ва панҷ мактуби Ҳабиб Юсуфиро бароварда, ба мо нишон дод ва бо оромии ба худ хос гуфт:

– Медонед, ба наздикӣ 60-солагии Ҷанги дуввуми ҷаҳониро қайд мекунем. Вале ҳанӯз ҳам ҳар сари чанд вақт сурат ва қаду қомати падари бузургворам ва тоғои азизам пеши чашмонам меоянд. Ҳамин хел мешавад, ки ман гӯё онҳоро дирӯз дида бошам. Ин албатта табиист, ҳангоми вафоти онҳо ман ҳамагӣ 15-16-сола будам, ҳоло 76-солаам. Бинобар он ки хурд будам, аз дидори онҳо сер нашудаам. Қиблагоҳам ва тоғои азизам аз фронт шахсан ба ман мактубҳо фиристода, роҳнамоӣ мекарданд. Зеро дар оила ман фарзанди калонӣ ва ёрирасони модар будам. Нигоҳубини додаронам Аминҷони 5-6-сола ва Мубинҷони 1-сола бар зиммаи ман ҳам афтода буд.

Маълумотҳои ин зани бомаърифат оид ба Ҳабиб Юсуфӣ ва додарони ӯ (ду додари Ҳабиб Юсуфӣ аз ҷанг ҷароҳатнок баргашта, солҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ меҳнат намудаанд. А.Ю.) ҳаётист. Ва сарчашмаҳо низ аз он далолат медиҳанд, ки шоири ширинкаломи мо 22-юми феврали соли 1916 дар гузари Боғимайдони шаҳри Самарқанд, воқеъ дар паси мадрасаи Тиллокорӣ, ба дунё омадааст. Падари ӯ Ҳоҷӣ Юсуф ном дошта, яке аз зиёиёни обрӯманди Самарқанд ба ҳисоб ме-

рафт. Ҳамсари Хоҷа Юсуф ҳам зани босавод буда, онҳо дар оила чаҳор фарзанд – се писар ва як духтар доштанд. Ҳамаашон дар хона дониш омӯхта савод баровардаанд.

Ҳоҷӣ Юсуф дар мадраса мударрис буд. Дар он ҷо ба ғайр аз фанҳои динӣ, инчунин фанҳои табииро дарс медоданд. Аз ин сабаб, фарзандони ин оила ҳам бо фанҳои динӣ ва ҳам бо фанҳои табиӣ шинос буданд.

Дар байни додарон Ҳабиб Юсуфӣ бо рафтору гуфтору кирдораш фарқ карда меистод. Аз хурдӣ ӯ шеърҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоиро бо як шавқу ҳаваси баланд хонда аз ёд мекард. Ҳабиб Юсуфӣ аз соли 1925 то 1932 дар мактаб таҳсил намуда, баъди он ба Омӯзишгоҳи тоҷикии муаллимтайёркунии Самарқанд дохил мешавад. Соли 1940 шӯъбаи рӯзонаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистонро ҳам бо баҳои аъло хатм намуда, баъдтар ба Донишкадаи забон ва адабиёти Тоҷикистон (дар Сталинобод) ба кор таъин мешавад. Ҳангоми таҳсил дар ин боргоҳҳои илму маърифат Ҳабиб Юсуфӣ бо бисёр шахсон ба монанди Абдусалом Деҳотӣ, Ҳамид Бақозода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Раҳмон Эгамбердиев ва дигарон дар ҳавлиаш аз адабиёт баҳсу мунозираҳо мероост.

Аз соли 1936 сар карда шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ дар саҳифаҳои рӯзномаҳо пайваста чоп мешуд ва ин буд, ки соли 1939 ҳангоми донишҷӯии ӯ аввалин маҷмӯаи шеърҳояш бо номи «Таронаи Ватан» ба табъ расид. Таъкид бояд кард, ки барои ҳамчун шоир ташаккул ёфтани Ҳабиб Юсуфӣ хизмати устод Садриддин Айнӣ бузург аст. Шиносоии онҳо ҳамчун устоду шогирд дар соли 1936 ба вуҷуд омада буд. Дар он вақт устод Айнӣ дар шӯъбаи самарқандии нашриёти давлатии Тоҷикистон вазифаи сармуҳаррирро бар ӯҳда дошт. Бештари шеърҳои пеш аз ҷанг навиштаи Ҳабиб Юсуфӣ бо маслиҳатҳои устод Садриддин Айнӣ аз ҷониби худи шоир ислоҳ мегашт. Ин буд, ки Ҳабиб Юсуфӣ бо маслиҳати Айнӣ дар қатори корҳои илмӣ, эҷодӣ ба тарҷумаи шеър-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

ҳои шоирони машҳури рус Пушкин, Лермонтов, Крилов, Шевченко, Маяковский ва ғайра низ машғул мегашт.

Мавзӯи асосии шеърҳои ӯро меҳру муҳаббат ба Ватан, ба зан, тараннуми озодии халқ ва боварии комил ба ояндаи дурахшон ташкил медиҳад.

Ҳабиб Юсуфӣ аз Тоҷикистон истода дар мактуби ба ҳамсараш Хайрӣ фиристодааш менависад:

«Хайриҷон! Мактуби шуморо гирифта бисёр хурсанд шудам, аз хонданҳоятон навиштед, аз муваффақиятҳои шумо бисёр хурсандам. Бисёртар радио шунида, газета хонда истед. Аз вазъияти ҷаҳон бо ин восита хабардор мешавед. Вазъияти ҳозира талаб мекунад, ки хуб хонда, худро ба ҳама воқеъаҳои ҳаётӣ тайёр намоед.

Ба Маҳфузаҷон суханҳои маро расонед. Доим китоб ва рӯзнома хонда, дониши худашро боло намояд. Дар вақтҳои холиатон ин шеърро ба Маҳфузаҷон хонда диҳед, ӯ аз ёд намояд:

*Нестам ман мубориз ин ҷанг,*
*Ман ватанбони олами озод.*
*На барои харобӣ овардан,*
*Ватанам дод найзаю пулемёт.*
*Чун шавад ҷанг зидди ҷанг эълон,*
*Ман кашам наъра, ки бизан акнун?*
*Ман мубориз.*
*Чунон занам ҷавлон,*
*Он замон ту маро тамошо кун!*

Ҳамин, ки таҳсилро тамом кунед, умед дорам, ки меоед ва ҳар ду дар ин шаҳр зиндагӣ мекунем».

Аз ин шеър ва сатрҳои мактуб маълум мешавад, ки Ҳабиб Юсуфӣ хавфи наздик шудани ҷангро қаблан ҳис намуда буд. Наздикони худро ҳам аз ин вазъият огоҳ мекард.

## «ВАТАН… БА ФАРҚИ ДУШМАН ЗАДАНРО ТАЛАБ МЕКУНАД»

Баъди чанд вақт, 22-юми июни соли 1941 Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба Ватани мо ҳамла овард. Ҳабиб Юсуфӣ яке аз аввалинҳо шуда, шеъри машҳури худ «Ман ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар»-ро навишт:

*Вақти он аст, эй қалам, буррандатар гардӣ зи теғ,*
*Вақти он аст, эй сухан, ғуррандатар гардӣ зи барқ.*
*То ба душман ҳамла орам, решааш буррӣ зи бех,*
*То расӣ, манҳус анчарро кунӣ бешоху барг.*

Ҳабиб Юсуфӣ дар яке аз мактубҳои ба ҳамсараш фиристода чунин навишта буд: «Ватан қаламро ба як сӯ гузошта, теғ ба даст гирифта, ба фарқи душман заданро талаб мекунад».

Ин буд, ки ӯ ҳеҷ касро огоҳ накарда, моҳи марти соли 1942 ба ҷанг меравад.

Ба ҷанг рафтани Ҳабиб Юсуфӣ мавзӯи баҳсталаб мебошад. Маълум аст, ки ҳукумат ба тариқи истисно гурӯҳи хурди кормандони соҳаи тиб ва илму фарҳангро аз ҷанг озод намуда, яъне ба онҳо брон дода буд. Ҳабиб Юсуфӣ низ ба ин гурӯҳ дохил мешуд. Лекин аз тарафи комиссариати ҳарбӣ, то омадани ин брон интизор нашуда, ба ҷанг меравад. Мактуби секунҷаи ба ҳамсараш навиштаи Ҳабиб Юсуфӣ аз таърихи 03.05.1942 гувоҳи ин гуфтаҳост.

«Шумо ба афсӯси зиёд навиштед, ки маро то соли 1943 ба хизмати Ватан даъват намуданашон мумкин набудааст. Инро комиссари ҳарбии Душанбе рафиқ Павловский низ таъкид кардааст. Хайр, азизам, ман барои ин бисёр ҳам афсӯс накардам. Дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки ин кор барои ҳаёти ояндаи мо фоиданок шуда мебарояд.

Ман дар ин ҷо хизмати ду-сесоларо, ки қарзи ҳар як граж-

данини мамлакати ман мебошад, тамом мекунам, ба болои ин командир шуда мебароям (яъне, дар курсҳои офитсерӣ). Баъди хатми курс ба қисмҳои миллӣ рафта, кадр тайёр мекардагӣ мешавем.. Ба ҳама салом.

Мӯҳтоҷи мактубатон, Ҳабиби шумо.

03.05.1942».

Ҷиянҳои Ҳабиб Юсуфӣ дар сӯҳбат ба мо гуфтанд, ки ҳангоми дар Омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Пенза хондани тағоям Ҳабиб Юсуфӣ, аз падари бузургворамон хат гирифтем. Дар он гуфта шуда буд, ки дар се-чаҳор рӯзи наздик поезди онҳо аз вокзали Самарқанд гузашта рост ба фронт меравад. Ман, модарам ва бародарҳоям, ки дар он вақт хеле хурд буданд, барои дидани дидори падарамон шабу рӯз дар вокзали Самарқанд истодем. Ҳамроҳи мо садҳо нафар ба пешвози он поезд баромада буданд, то ки дидори наздикон ва ҷигарбандони худро як лаҳза бошад ҳам, бинанд. Қариб як моҳ гузашт, поезди интизоршудаи мо наомад, ки наомад.

Модарамон барои шустушӯй ва каме дам гирифтан моро як шаб ба хонаамон бурданд. Халтаеро, ки дар он барои падарамон хӯрокворӣ гирифта будему бояд ба вай медодем, барои нигоҳ карда истодан ба як оила монда рафтем. Саҳарии барвақт боз ба вокзал баргаштем. Дар он ҷо одамон нисбати рӯзҳои гузашта хеле кам монда буданд. Ҳамон оилае, ки мо халтаро барои нигоҳбонӣ партофта рафта будем, бо фарзандонаш интизорамон буд. Аз гуфтаи онҳо маълум шуд, ки ҳамон шаб поезд ба вокзали Самарқанд расида, чанд дақиқа қарор гирифтааст. Талотум бархоста халтаи мо дар натиҷа гум шудааст. Кӣ медонад, шояд аз набудани мо падари бузургворамон дилгир шуда бошанд. Чанд муддат аз он кас мактуб нагирифтем. Ман ин ҳолро ба тағои азизам Ҳабиб Юсуфӣ навиштам. Шодравон дар таърихи 30.07.1942 ба ман мактуб навишта, ба сабру тоқат даъват намуда буданд:

– «Маҳфузаҷони ширин! Салом, мактубатро гирифтам.

Аҳволи маро пурсидӣ, ман нағз, сиҳат-саломат ҳастам. Бибиҷонат ва укоҳоят нағз-мӣ? Аз мактубат маълум шуд, ки духтари калони бомаънӣ шудаӣ ва ба хизмати бибиҷонат машғул ҳастӣ. Ба класси боло гузаштани туро табрик мекунам. Ҳар вақт китоб, газета хонда исто. Аз дадаат ба ман ҳам хат наомадааст, аммо шумоҳо бисёр хавотир нашаветон, чунки дар вақти ҳозира ин хел ҳодисаҳо бисёр мешавад, якчанд вақт хат намеояду боз омадан мегирад. Худо хоҳад, падарат сиҳат саломат омада мемонад… хайр бо салом акоят: Ҳабиб».

Ҳабиб Юсуфӣ баъди хатми Омӯзишгоҳи ҳарбӣ ба рутбаи лейтенанти хурд соҳиб гашта, ҳамчун командири батареяи миномётҳо ба муҳофизати Ленинград фиристода шуд.

## МАКТУБИ ҲАЙРАТОВАР

Хонандаи мӯҳтарам! Мактубе, ки дар таърихи 10.03.1943 аз Ҳабиб Юсуфӣ ба ҷиянаш Маҳфуза навишта шудааст, маро дар ҳайрат гузошт. Саволҳо паи ҳам пайдо мешаванд. То 10-уми марти соли 1943 дар фронт будани Ҳабиб Юсуфиро магар устод С. Айнӣ намедонистанд? Чаро то ин вақт касе пайдо нашуд, ки дар ҷанг будани ӯро барои С. Айнӣ маълум намояд?

Инак, он мактуб:

«Салом Маҳфуза!

Ман сиҳат-саломат. Ба ту, модарат ва бародаронат сиҳатӣ мехоҳам. Духтари пурқувват бош! Умед дорам, ки мо ҳама сиҳату саломат наздатон бармегардем. Ман ба ту ду бор пул фиристодам, гирифтӣ ё не? (400 сӯм)

Ту онҳоро бояд гирӣ.

Маҳфуза! Назди рафиқ Айнӣ рав, аз номи ман ба он кас салом расон ва гӯй, ки ман дар фронт мебошам. Дигар ҳеҷ чиз навишта наметавонам…

Бо салом бародарат Ҳабиб. 10.03.1943». (Мактуб ба забони русӣ навишта шудааст. А.Ю.).

Агар дар фронт будани Ҳабиб Юсуфиро устод С. Айнӣ барвақт медонист, шояд аз брон истифода бурда, ӯро ба қатори дигарон аз фронт даъват мекард. Ба ҳар ҳол, баъдтар рафиқон ва дӯстон кӯшиш кардаанд, ки шоири ватанпарварро, охирҳои соли 1943 ва аввали соли 1944 барои кор ба Сталинобод ҷеғ зананд. Вале дер шуда буд. Дар ин бора Ҳабиб Юсуфӣ ба Айнӣ навиштааст:

«Ман шунидам, ки баъзе рафиқон барои маро аз фронт ба Сталинобод ба кор овардан кӯшиш карда истода будаанд. Ман аз онҳо бисёр миннатдор ҳастам. Вале хоҳиш мекунам, ба онҳо расонед, ки роҳи ман ба Сталинобод фақат ба воситаи Берлин аст».

Ҳамин тариқ, шоири маҳбуб ҷангро давом дода, баъди ҷангҳои шадиди Ленинград, дар ҷангҳои хунини озоднамоии республикаҳои Назди Балтика ва Полша қаҳрамониҳо нишон дод ва барои шуҷоаташ бо ордени «Ситораи Сурх» ва медали «Барои мудофиаи Ленинград» сарфароз гардид:

*Он на ман бошам амон бидҳад ба душман мушти ман,*
*Он на ман, k-ин дам фитам дар фикри kори дигаре.*
*«Она на ман бошам, kи рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,*
*Он манам, k-андар миёни хоkу хун бинӣ саре».*

## «ДУ ҲАМШАҲР... ДУ ҲАМНОМ»

Аз сарчашмаҳо маълум мешавад, ки қароргоҳи қисмҳои Ҳабиб Юсуфӣ ва Ҳабиб Аҳрорӣ аз якдигар чандон дур набудааст. Устод Раҳим Ҳошим чунин менависад: «Дар даштҳои дур аз ватан, дар роҳҳое, ки ҷанг мегузарад ва ҳама ҷоро бӯйи хун гирифтааст, ду ҳамшаҳр, ду дӯсти дерин, ду нависанда, ду ҳамном Ҳабиб Юсуфӣ ва Ҳабиб Аҳрорӣ бо ҳамдигар вомехӯранд».

Аҳрорӣ чанд бор ба дидани дӯсти худ меояд. Баъди вохӯриҳо ду дӯст муддате ба воситаи мактуб аз ҳоли якдигар хабардор

шуда меистанд, вале баъд аз нимаи январи соли 1945 мукотиба қатъ мегардад.

Дар яке аз ҷангҳои сахти шаҳри Варшава олими ҷавон, шоири хушбаёни тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ сахт ярадор мешавад ва 15-уми феврали соли 1945 бо олам хайру хуш менамояд.

## БОЗ ЯК ҚАҲРАМОНӢ...

Аз ҳаёти шоири маҳбуб Ҳабиб Юсуфӣ нависандаи маъруфи тоҷик Шодон Ҳаниф асареро ба номи «Уқоби захмӣ» таълиф намудааст, ки банда аз он зиёда чизе гуфта наметавонам. Танҳо мехостам нақли ӯро ба ҷойи хотима оварам:

«Дар деҳае, ки Ҳабиб Юсуфӣ дафн шудааст, бо як мӯйсафеде шинос шудам. Аз ӯ пурсидам, ки ин одамро медонӣ?

Гуфт, ки медонам. Ӯ ҳангоми деҳаамонро муҳофизат намудан сахт захмӣ шуд. Вазъияти ҷанг талаб мекард, ки аввал шахсони ҷароҳаташон вазнин ҷарроҳӣ гарданд. Ҳабиб Юсуфӣ ба яке аз онҳо навбат дод. Навбати худ расид, вале боз фармон дод, ки дигаронро ҷарроҳӣ намоянд. Баъд худашро ҳам ҷарроҳӣ карданд, вале аллакай дер шуда буд. Пас аз чанд рӯзи ҷарроҳӣ ӯ фавтид. Вайро дар ҳамин деҳа, ки бо номи Вешкуе ёд мешавад, дафн намуданд. Нумраи қабри ӯ 19 аст.

– Ана ин, – гуфт Шодон Ҳаниф, – боз як қаҳрамоние, ки аз тарафи Ҳабиб Юсуфӣ дар соатҳои охири умраш зоҳир шудааст. Ман аз он қабр як халтача хок гирифта ба ватан баргаштам. Ва он хокро ба ҷиянҳои Ҳабиб Юсуфӣ додам, то он бо хоки сарзамини мо якҷо шавад».

Оре, ҳоло он хок дар сари яке аз қабрҳои қабристони Шоҳи Зиндаи Самарқанд пошида шудааст. Дар болои қабр тахтасанги хотира ҷойгир аст, ки дар рӯйи он чунин суханҳо сабт гаштааст:

Ҳабиб Юсуфӣ 22/II 1916-1945 Варшава. Вешкуе. Қабри № 19. Муаммар Суяршоев 10/VI 1908-1944 1-8. Обидабегим Суяршо-

ева – Юсуфӣ 17/VI 1911-1995/II-21

Ҳабиб Юсуфӣ кайҳост, ки бо дунёи ҳастӣ падруд гуфтааст, вале руҳи покаш ҳанӯз бо мост ва солҳои сол бо мо хоҳад монд.

Аҳмадҷон ЮЛДОШЕВ,
устоди кафедраи забонҳои шарқи ДДС.
(«Овози Самарқанд», 6-уми маи соли 2005, №№ 36-37, 38-39)

# НАҚШИ ГУЗАРУ ГУЗАРДОРӢ ДАР САМАРҚАНД

Тараққиёти ҷамъият ба фаъолияти меҳнатии ҳар як фарди он вобаста аст. Фаъолияти меҳнатии инсон асосан ба бунёди асоси моддии ҷамъият нигаронида шуда, дар ҳамин ҷараён ӯ қадриятҳои маънавии зиндагиро низ эҷод хоҳад кард. Ақлу хиради одам ба истеҳсоли арзишҳои моддӣ ва маънавии рӯзгори ҷомеа баробар сафарбар мешавад.

Мавқеи гузар дар таърихи диёрамон хеле бузург аст. Шахс дар гузар ба дунё омада, фаъолияти нахустини хешро баҳри ҳастӣ ва равнақи ҷамъият харҷ менамояд. Дар ин ҷо инчунин вай вобастагии инсонро ба ҷамъият сарфаҳм меравад, худшиносии миллӣ, шуурнокӣ ва фазилатҳои маънавию ахлоқиаш ташаккул меёбад.

Шоир ва нависандаи охири асри XIX Иброҳим Ҷуръат дар гузари Сӯзангарон умр ба сар бурда, бо касби аҷдодӣ – сандуқсозӣ шуғл дошт. Дар устохонаи косиб шоирони шинохтаи замон ташриф меоварданд. Дар мулоқот ва мушоира бо Нақибхон Туғрал, Ориф Гулханӣ, Сипандӣ, Тамҳид асарҳои аввалини шоир ба дунё омад. Ӯ таърихи ниёгонро хуб медонист. Аз ҳамин сабаб оиди шӯриши мардумӣ романи таърихии «Ҷиззах бар зидди мардикоргирии ҳукумати подшоҳ» иншо намуда, ба таърихи адабиёти тоҷик саҳми арзанда дохил карда буд. Дар гузарҳои Қозӣ Абдурасул, Қӯшҳавз, Ҳавзи баланд ва Мирзо Пӯлод бошад, машшоқ ва ҳофизи шинохтаи ин сарзамин Ҳоҷӣ Абдулазиз борҳо «Базми шабона» ороста, ҳаваскорони «Шашмақом»-ро шод намудааст.

Дар гузарҳои Самарқанд солҳои аввали асри XX-ум нахустин гурӯҳҳои санъати театр, мусиқӣ, адибон ва шоирон, санъати тасвирӣ, меъморӣ, наққошӣ, бинокорӣ ба вуҷуд омаданд. Сарфи назар аз он ки мамлакат қашшоқу зиндагии мардум хеле

вазнин буд, санъаткорон намунаи фидоият нишон медоданд.

Ороиши саҳна, омода кардани сару либос, асбобу анҷоми театр харҷи моддӣ металабад. Сокинони гузар ва аҳли пешқадами он ба санъаткорон ёрии ҳарҷониба дода, ба тамошо кардани саҳнаҳои драмавӣ, фоҷиавӣ ва мазҳакавӣ муяссар мешуданд. Дар гузари Сӯфӣ Розиқ нахустин театри миллӣ ба вуҷуд омад. Дар бари чойхонаи гузар бо иштироки Ҳалима Носирова, Тамарахонум драмаи хурди якпардагӣ намоиш ёфт. Тамошобинони театр бо аввалин санъаткорони саҳнавӣ мефахриданд ва меболиданд. Ҳамин тавр, фаъолияти театри миллӣ дар як гӯшаи шаҳри Самарқанд оғоз ёфт. Аз гурӯҳи хурдакаки «Куртакабудон» дар гузари Сӯфӣ Розиқ санъати бузурги мамлакат ба майдон омад.

Дар сохтори мураккаби гузардорӣ мавқеи олимон ва тадқиқотчиён низ калон аст. Дар Самарқанд ҳанӯз таҳлилхонаҳои илмӣ, марказҳои маърифӣ ва мафкуравӣ ташкил нашуда бошанд ҳам, одамон дар байни худ ба олами сиёсату илм ҳавас доштанд. Онҳо ҳақиқати рӯзгору ҷамъият, ҳодисаҳои табиӣ ва маданиро бо ихлоси баланд таҳлил мекарданд. Муҳити маънавии гузарҳо шахсони бузурги илм ва маданиятро ба майдон овард.

Санъати ҳайкалтарошӣ ба Аҳмадҷон Шоймардонов аз падару бобо мерос намонда буд. Аз айёми ҷавонӣ писар дар лаби ҷӯйи шаҳр лойбозӣ мекард, аз гилмоя ҳайкалчаҳо, бозичаҳо месохт ва худ аз эҷодаш мамнун мегашт. Ҳаваси санъат ӯро ба даргоҳи Донишгоҳи санъати бадеӣ овард. Баъди хатми донишгоҳ ба Москва роҳ пеш гирифт ва ба Донишгоҳи олии санъати бадеӣ дохил шуд. Аз лойбозӣ ба ҳайкалтароши машҳур табдил гаштани Аҳмадҷон Шоймардонов ба туфайли кӯшиши ҷавонӣ ва кӯмаки устодони ин ҳунари шавқангез буд. Акнун номи ӯро дар адабиётҳои санъати монументалӣ хондан, дар анҷуман ва ҷамъомадҳои олимони ҷаҳон шунидан мумкин аст. Зеро асарҳои ҳайкалтарош дар мавзӯи гуногун майдонҳои бошукӯҳи шаҳрҳои Ӯзбекистонро зеб додааст. Образҳои Алишер Навоӣ, Мирзо Улуғбек, Амир Темур,

Спитамен ва ғайраҳо аз бузургии диёрамон ва мардуми он шаҳодат медиҳанд. Сокини гузари Роҳат Аҳмадҷон Шоймардонов ҳамон дар майдони эҷод ҳунарнамоӣ дорад.

Давронака Сафоев устоди санъати рассомии саҳнаи театр ба шумор меравад. Осори ӯ солҳои тӯлонӣ саҳнаи театрҳои шаҳрҳои Душанбеву Хӯҷанди Тоҷикистон, театрҳои Сурхондарё, Ӯш, Тошканд, Бухоро ва Самарқандро оро дода, ба кафкӯбиҳои тамошобинон ноил гаштааст. Ходими намоёни санъати рассомии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Давронака Сафоев фарзандашро низ бо ҳамин роҳ тарбия намуд. Баҳром Сафоев имрӯзҳо бо санъати миниатюра шуғл меварзад ва асарҳои рассоми ҷавон толори санъати мамлакатҳои ҷаҳонро низ зеб медиҳанд. Дар Англия, Америка, Германия, Франсия борҳо асарҳои Баҳром ба диққати тамошобинон ҳавола карда шуд. Ҳамдиёрон, алалхусус, сокинони гузари Юсуф Харрот бо ин гуна мардони некӯ мефахранд.

Самарқанд зодгоҳи санъаткорони бузурги театр ба шумор меравад. Мулоқоти санъаткор бо мардум ҳамеша ба ташаккули шахсияти инсони комил сабаб мешавад. Дар мусоҳибаҳо ҳунарпешагон, ҳофизон, машшоқон аз мулоҳизаҳои одамон хулосаи муфид бароварда, ҳунари ниёгонро боз ҳам ба қуллаҳои баланд бардоштаанд. Содиқака Солеев, Неъматака Нарзиев ва Раҳматака Ҳайдаров аз гузари Роҳат, Набиҷон Ҳасанов аз гузари Ғафур Ғулом, Донӣ Зокиров аз гузари Қӯшҳавз, Шариф Акрамов, Мелик Эрматов ва Ӯлмас Султонов аз гузари Мирзо Пӯлод, Пирмамад Нурҷонов, Сангин Бозоров аз гузари Сӯфӣ Розиқ, А. Зубайдуллоева, С. Шукурова, Р. Мансуров ва У. Ҷӯраев аз гузарҳои Девори Кӯндаланг ва Бекҳо ба саҳнаи калон тарбияи гузариёнро гирифта, баромадаанд.

Шоир ҳам фарзанди гузар аст. Зиндагӣ дар байни одамон ва муносибат бо ҳаёти ҷамъият инсонро ба олами шеъру шоирӣ мебарад. Шоир Роҷӣ дар гузари Мулло Қаландар умр ба сар бурдааст. Ӯ бо шоири намоёни ӯзбек Ҳамид Олимҷон му-

носибати дӯстӣ дошт. Ҳамфикрони шоир Мирзо Зайниддин ва Зокир Ҳамидов ба тӯҳмат дучор шуда, умри ҷавониашон хазон шуд. Аммо шоир аз падараш, ки бо тахаллуси шоирии Ҳодӣ эҷод менамуд, ҳунари падарро мерос гирифт. Номи ӯ ҳамеша вирди забони мардуми гузар аст. Чунин ақидаро нисбати фарзанди барӯманди гузари Қозӣ Абдурасул Самад Ғанӣ, ки падараш ҳам бо номи Абдуғанӣ – наққош ном баровярда буд ва дар адабиёти муосири тоҷик саҳифаҳои фаромӯшнашаванда гузошт, гуфтан мумкин аст.

Дар гузари Масҷиди нақшин ва Хонсаид-имом санъати кулолӣ, ки Одина-кулол 400 сол пеш асос гузоштааст, ривоҷ ёфтааст. Ҳунари бобоpо фарзанд ва набераҳо идома доданд. Хусусан, усто Умар Ҷӯрақулов кулолиро ба дараҷаи санъати бадеӣ боло бардошт. Мактаби санъати кулолии Самарқанд ба номи У. Ҷӯрақулов ба арсаи ҷаҳон баромад.

Ҳунари наққошӣ, кашидадӯзӣ, бинокорӣ, ганҷкорӣ, меъморӣ низ аз касби куҳан ва деринаи мардуми Самарқанд ба шумор меравад. Номи неки усто Турсун, усто Нурулло, усто Баҳрӣ, усто Қулӣ, усто Шамсӣ ва ғайра дар ёди одамон мӯҳр баст. Ривоҷи санъати халқии мазҳака бо номи Исломбобо Одилов вобаста аст. Ӯ дар майдонҳои шаҳри бостонӣ бо саҳначаи хурди «Найзангул» одамонро, хусусан, тифлонро ба олами ҳаҷву табассум ва ханда ошно месохт.

Истиқлоли Ӯзбекистон дар ҳаёти иҷтимоии мардум бисёр дигаргуниҳо овард. Давом додан ва такмил бахшидани анъанаву урфу одатҳои миллӣ ба пойдориву барқарории мамлакат хизмат мекунад ва дар тарбияи тамоми мардуми мамлакати паҳновари мо нақши муҳим мебозад.

Хуршед САМЕЪБОЕВ,
дотсенти Донишгоҳи давлатии
забонҳои хориҷии Самарқанд.
(«Овози Самарқанд», 6-уми сентябри соли 2006, № 69)

# САМАРҚАНД: РИВОЯТ ВА МАЪНОИ АСЛӢ

Таърихи Самарқанди бостонӣ аз давраҳои қадим диққат ва эътибори муаррихон, фозилон, адибон ва сайёҳони Юнонзамин, Чин, Араб, Аҷам, Арман, Аврупо ва ғайраро ба худ кашида, сабаби оиди ин шаҳри ҷаннатмисол офарида шудани таълифоти рангоранг гардидааст ва дар онҳо масъалаҳои гуногуни таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ ва адабӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Илова бар ин, муаллифони осор ва дӯстдорони ин шаҳри шаҳири Машриқзамин оиди ном ва сабаби номгузорӣ ба он низ мулоҳиза ва ақидаҳои худро баён кардаанд, ривоят ва ҳикоятҳои дилошӯб офаридаанд.

Баъзе аз он ҳикоят ва ривоятҳо дар «Самария» ва дигар асарҳо дарҷ шудаанд, баъзеашон бошанд, ба тарзи шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта омада истодааст. Оиди инҳо камина ҳанӯз соли 1964 дар анҷумани илмии эроншиносон, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардида буд, маърӯза карда, соли 1965 мақолаи «Манзумаи Самару Қанд» дар ин мавзӯъ интишор гардид. Баъд дар рисолаи «Нафаси асрҳо» (1970) низ ин мавзӯъ идома ёфт. Аз ин ҷост, ки дар ин маврид аз такроран овардани онҳо худдорӣ намудан маъқул дониста шуд. Ҳарчанд чунин аст, бояд мухтасаран хотирнишон кард, ки сабаби номгузорӣ ба шаҳр ба тарзи зайл ривоят карда мешавад: гӯё Самар ном шахсе чашмае канда ва дар атрофи он зистгоҳҳое ба майдон омада, бинобар Самар канда номида бошанд: боз: гӯё Самар ном шахсе шаҳрро ишғол намуда, канда (хароб карда) бошад, аз ин рӯ, Самар канд гуфта бошанд ва ё гӯё Самар ва Қамар ном бародарон шаҳрро бино карда бошанду аз ин рӯ, Самарқанд номида шуда бошад. Дигар ривоят аз ишқи Самар ном ҷавон ва Қанд ном духтар баҳс мекунад ва пас аз марги ин ошиқони ноком ба шарафи онҳо гӯё шаҳрро Самарқанд номи-

аз китобхонаи Овози Самарқанд

да бошанд ва ғайра.

Агар дар ин гуна ривоят ва ҳикоятҳо аз сабаби номгузорӣ баҳс рафта бошад, оиди маънои Самарқанд низ шарҳ ва ривоятҳо мавҷуданд. Баъзеҳо мегӯянд, ки Самарқанд – самараш, яъне мевааш гӯё монанди қанд ширин аст, аз ин ҷиҳат ин тавр (Самарқанд) номидаанд. Ин ҷо бояд хотирнишон кард, ки ҳарчанд ин шарҳ дилнишин аст, вале маънои луғавии калимаро равшан намекунад. Зеро Самарқанд бо ҳуруфоти арабӣ бо ҳарфи «син» навишта мешавад ва калимаи «самар» бо «син», маънои ҳикоят, суханро дорад. Агар «самар» бо ҳарфи «се»-и исавӣ навишта шавад, маънои ҳосил, меваро ифода мекунад, аммо калимаи Самарқанд бо ҳуруфоти арабӣ бо ин «се» навишта намешавад. Аз ин ҷо, ин калима исавӣ нест. Балки аз калимаи қадимаи авестоист. Бинобар ин, маънои аслии калимаи Самарқандро аз давраҳои хеле қадим, аз замонҳои пеш аз солшумории исавӣ – мелодӣ бояд ҷустуҷӯ кард.

Агар ба таърихи он давр назар кунем, маълум мегардад, ки дар сарзамини кӯҳани мо дини Зардуштӣ шоеъ буда, оташкадаҳои муқаддас ибодатгоҳи мухлисони ин оин буд. Самарқанд низ яке аз шаҳрҳои он давр буд, ки оташкадаи муқаддас дар он вуҷуд дошт ва он ҳамеша фурӯзон буд аз оташи муқаддас. Бино ба маълумоти муаррихон ин оташкада дар шаҳристони кӯҳан, ки ҳоло Афросиёбаш мехонанд, мавҷуд буд ва баъд аз доман густурдани дини Ислом ба ҷойи ин оташкада масҷиди бузурге сохта шуда будааст. Ин масҷид бошад, дар ҳини ҳуҷум ва истилои муғулон сӯхта нобуд шудааст.

Ҳамин тариқ, Самарқанд дар даври пеш аз мелодӣ чун маркази оини зардуштӣ оташкадаи бузурги муқаддасро дошт. Дар забони қадимиён оташро СМАРА гуфтанд. КАНДА бошад, ба маънои маҳал, ҷой кор фармуда шудааст. Бинобар ин, СМАРАКАНДА маънои маҳалли оташи (оташкадаи) муқаддасро дорад.

Аз ин ҷост, ки муаррихони юнонӣ як ҳарфи ӯро (ҳарфи «С»-

ро) соқит карда, ба тарзи «Мараканда» навиштаанд. Вале бошандагони маҳаллӣ ин номро чун «Смараканда», баъдҳо САМАРКАНД ва пас аз истилои араб САМАРҚАНД талаффуз кардаанд.

Бояд гуфт, ки азбаски Самарқанд аз қадим чун шаҳри зебо ва ғанӣ машҳур буд, онро «Сайқали рӯйи замин» хондаанд.

Ҳамин тариқ, маънои Самарқанд маҳалли оташи муқаддас буда, ин маъно таърихи хеле қадими пайдоиш ва асосёфтаи ин шаҳрро низ ифода мекунад.

Ботурхон Хилъатпури ВАЛИХОҶА,
узви вобастаи Академияи улуми Ӯзбекистон.
(«Овози Самарқанд», 17-уми октябри соли 2007, № 42)

# СУБҲИ УСТОД

## *ё худ назаре ба рӯзгори муаллими муаллимон, омӯзгори эҷодкор Убайдуллоҳи Ҷавдат*

Ҷаҳон бо ҷумла лаззоташ ба замбӯри асал монанд,
Ки ширинеш бисёру вале афзун шару шӯраш.

*Шайх Камоли ХУҶАНДӢ.*

Муаллим Раҳмониро одат чунин аст. Рӯзи навро субҳи содиқ, пеш аз азони муллои масҷиди Хоҷа Исҳоқи Валиву бонги хурӯси ҳавлӣ пешвоз мегирад. Пас аз таҳорату қироати ояте аз каломи шариф сӯйи дарвозахона меравад. Дарбачаи дарвозаи оҳаниро кушода, рӯй сӯйи Каъбаву даст сӯйи само ба дуо мекушояд. Ва аз Яздони поку бахшанда ба хонадонаш баракоту ба аҳли хонаводааш тандурустӣ ва ба кулли заминиён тинҷиву осудагӣ мепурсад.

Аз дами дарвоза ба оқиб – саҳни ҳавлиаш менигарад. Танҳо модари меҳрубони фарзандонаш, ҳамсари пурбардошташ Марҳабат Раҳмонова сатили пуроб дар даст гирифта, гулгашти ҳавлиро шодоб мегардонад.

– Аҳсант занак, офарин ба ту! – худ ба худ лаб ба сухан кушод муаллим Убайдуллоҳи Раҳмонӣ ва афзуд, – ҳавлиро тозатар рӯб, об зан, дову дарахташро эҳтиёт кун, ки барака мееёбӣ.

Бале, касе, ки хоки поки ин манзилро пок медорад, барака меёбад. Зеро ин манзил барои халқи мо хидмати босазо кардааст. Қабл аз ҳама, Мирзо Абдулғании Ҷавдат барин шоири нозукадо, ходими намоёни ҷамоативу давлатиро ба арсаи рӯзгор додааст.

Маҳз дар ҳамин ҳавлӣ, бо аҳли илму адаби Самарқанд маҳфили гарми адабие гузаштааст. Ҳоҷӣ Абдулазизи ҳофиз мизроб ба пардаи ушшоқ зада, «Боғи Майдон дар Самарқанд аст»

гуфтааст. Худситоӣ намешавад агар гӯем, ки ду муаллими шоистаи Ӯзбекистон Мавлон ва банда – Убайдуллоҳ Раҳмоновҳоро муҳити ин ҳавлӣ тарбия додааст.

Бале, занак, тозатар рӯб ин ҳавлии муқаддасро…

Муаллим шукргузориҳои бисёре карда хост шаҳписаронаш Баҳодуру Ҷасурбекро аз хоби ноз бедор кунад. – Занак, бачаҳо аз насими субҳ баҳра бардоранд, акнун вақти хестанашон шуд…

– Дадеш, Баҳодур соати дуи шаб омад. Ҷасуратон ҳам то омадани бародараш китобхонӣ кард. Ба имтиҳон тайёрӣ мебинад.

– Охир хоҳараш Дилшодабону ҳам донишҷӯ буд, то як поси шаб мехонду менавишт ва саҳар боз аз ҳама пеш аз хоб мехест.

– Духтарбача масъулияти зиндагиро тезтар ҳис мекунаддия, дадеш, монед, бачаҳо лаззати хоби ширини саҳарро чашанд, – хоҳиш намуд модар.

Ин суханони меҳромези модар раъйи падарро гардонд. Боз ба дарёи андеша ғӯтавор шуд ӯ:

– Бале, сулолаи Ҷавдат бо китобу қалам ошноии наздиктарине дорад. Дар ҷавонӣ ӯ низ баъзан то дамидани субҳ китобхонӣ мекард.

Бисёр шудааст, ки модари ғамдидааш бибии Нарзӣ нимашабҳо ба хонаи вай даромада, чароғро хомӯш кардааст. Ва таъкид намудааст:

– Убайдуллоҳ, аз хотир набарор, ки барои ҳамин китобдӯстию шеъргӯӣ падарат даҳ сол ҳабс шуда буду оилаи моро саргардон кард. Китобҳоро сӯзондему сонӣ ҷонамон халосӣ ёфт…

…Шукр, ҳоло замон дигар шудааст. Он даврони кӯрсаводону нотавонбинон ва зулму ситам гузашт. Акнун, мардум сиёҳро аз сафед ҷудо мекунанд. Он лаҳзаҳои умрро ба хотир оварда, оҳи бадарде кашид падар.

Модар ҳақ буд. Вақте ки Абдулғании Ҷавдатро душмани

халқ, пешвои дину оин эълон карда, ҳабс намуданд, бибии Нарзиву бузургписараш Мавлон шабона китобҳоро аз рафҳо чида, ба баландии Боғи Баланд, кунҷи анҷирзори машҳур бурда оташ заданд. Ба ҳар як аланга задани оташ дили модару писар меларзид. Тифл – Убайдуллоҳ дар гаҳвора навҳаи ҷудоӣ аз маърифати исломӣ дошт гӯё…

Рӯзи дигар афсарон омаданду китоб ҷустанд. Шукр наёфтанд. Агар ёфт мешуд, бе муҳобот ҳукми олии қатлро ба Ҷавдат раво медиданд.

Агарчӣ хонадон аз маърифатнокии падар ранҷ дид, шукр фарзандон низ пайрави Ҷавдат шуданд, ки намунаи олиаш ҳамин устод Убайдуллоҳ Раҳмонист.

Муаллим Убайдуллоҳ Раҳмонов пас аз таҳсил дар мактаби миёнаи рақами 10-и зодгоҳ, соли 1967 шӯъбаи ғоибонаи факултаи филологияи ӯзбек ва тоҷик, соли 1973 факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқандро бо имтиёз хатм кардааст. Устод рӯзона боркаши аэропорти Самарқанд буду шабона донишҷӯйи ДДС.

Фаъолияти омӯзгориро аз мактаби 15-и шаҳр оғоз бахшид. Соли 1966 ба мактаби зодгоҳаш даъват намуданд. Таи 20 сол он ҷо заҳмат кашид. Соли 1986 муаллими мактаби рақами 55 таъин шуд. Он ҷо низ дар давоми чаҳор сол барои беҳбудии корҳои таълимиву тарбиявӣ ба маъмурияти мактаб кӯмак расонид. Ва аз соли 1993 ин ҷониб муаллими муаллимони мактаби 10-и ноҳияи Самарқанд аст.

Дар матбуот бо шеър ва мақолаҳои илмӣ баромад мекунад. Умуман, омӯзгори эҷодкори фаъол аст устод Раҳмонов!

…Муаллим ба ҷӯйчаи рӯйи ҳавлӣ, ки обаш аз Оби Раҳмати раҳматбор ҷорӣ мешавад, назар намуда, ҷавонии худро, давраи бахтиёрӣ, нобасомониҳои зиндагиашро ба хотир меорад. Худ ба худ мулоҳиза меронад: «Кӣ аз ӯ меболаду кӣ аз ӯ меноладʔ!» Ва ҳамаашро ба Худо ҳавола мекунад ӯ.

Ин лаҳза писаронаш аз хоб хеста, дар сари дастархон падар-

ро интизор мешаванд. Падар хуб медонад, ки писаронаш бояд зудтар аз паи кор шаванд. Баҳодури шоираш ба устодии Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд мераваду Ҷасур ба омӯзгории литсейи академикии назди Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд… Худаш низ ба мактаб бояд равад. Модар низ ин рӯзҳо сертараддуд аст. Барои Баҳодур рахти арӯсӣ тайёр мекунад.

Баъди наҳорӣ падар аз Худованд ба ҳамаи оламиён тинҷиву тансиҳатиро мепурсад. Ба фарзандонаш роҳи сафед металабад.

Мо низ устодро бо 65-умин зинаи умр муборакбод гуфта, хонаободии доимӣ ва фурӯзонии нури маърифатро ба даргоҳи Ҷавдат таманно дорем.

Озод ҲАМИДЗОДА.
(«Овози Самарқанд», 2-юми октябри соли 2008, № 41)

# БА ҲАЛЛИ МУАММОҲО ҲИССАГУЗОР БОШЕМ

Ҳар асри таърихи инсоният тарафҳои ба худ хосро дорад. Дар асри XXI баробари тараққиёти илмиву техникӣ чанд муаммои глобалӣ ҳам ба миён омадаанд. Ин муаммоҳо ба ҳамаи аҳолии Замин таъсир мерасонанд ва ҳалли онҳо, натанҳо ба ташкилотҳои мутасаддӣ, балки ба ҳар як сокини сайёра ҳам вобаста аст.

Дар зер бар асоси маълумотҳои расмӣ дар бораи чанд муаммои глобалӣ, сабабҳои ба миён омадан, оқибатҳо ва бартараф намудани онҳо сухан меронем.

Ҳалли дигари муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тараққиёти ҷамъият ба ҳалли ин муаммоҳои глобалӣ бевосита вобаста аст.

## МУАММОИ ДЕМОГРАФӢ

Шумораи аҳолии дунё бо суръати калон меафзояд.

Аз ҳамин сабаб муаммои демографӣ ҳоло дар маркази диққати аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ аст.

Мувофиқи маълумотҳои расмии СММ дар соли 2025 шумораи аҳолии Замин тахминан ба 8-9 млрд мерасад. Ҳоло ҳар сол дар дунё 130 млн одам таваллуд мешавад ва 50 млн одам аз олам мегузарад.

| **Сол** | **Шумораи аҳолӣ** |
|---|---|
| ҳазор сол пеш аз мелод | 3 млн. |
| 1650 | 500 млн. |
| 1850 | 1 млрд. |
| 1927 | 2 млрд. |
| 1959 | 3 млрд. |
| 1974 | 4 млрд. |
| 1987 | 5 млрд. |

| | |
|---|---|
| 2000 | 6 млрд. |
| 2009 | Аз 6,5 млрд. гузашт |

## СУРЪАТИ АФЗОИШИ АҲОЛИИ ДУНЁ

Суръати афзоиши аҳолӣ дар мамлакатҳои Осиё, Африка ва Амрикои Лотинӣ нисбат ба дигар қитъаҳо калон аст.

Афзоиши аҳолӣ ва барои бо ҳамаи шароитҳои ичтимоию иқтисодӣ таъмин кардани онҳо завод ва фабрикаҳо сохта, захираҳои табиӣ аз худ карда мешаванд. Дар 50 соли охир масоҳати бешазорҳо ду маротиба кам шудаанд. Захираҳои заминҳои корам ҳам кам шуда, норасоии оби ошомиданӣ ҳис карда мешавад.

Афзоиши аҳолӣ тарафҳои ба худ хосеро ҳам дорад. Ҳоло дар бисёр мамлакатҳо 40-50 фоизи аҳолиро ҷавонони синнашон то 15 сола ташкил медиҳанд. Бо дарозшавии умри миёнаи одамон нисбати одамони ба кор лаёқатманд ва нафақахӯрон ҳам тағйир меёбад. Мисол дар Россия ба ҳар як коргар як нафақахӯр рост меояд. Дар олам 650 млн. ногиро, як млрд. бесавод, 225 млн. бекор, 3 млрд. қашшоқ мавҷуд буда, 80 млн. наврасон ба мактаб намераванд. Дар Афғонистон 90 фоизи аҳолӣ аз рӯйи меъёри замонавӣ бесавод ҳисоб меёбанд.

Ба фикри олимон ва ташкилотҳои байналхалқӣ барои ҳал кардани муаммои демографӣ барои ба кор, манзили зист, хизматрасонии тиббии замонавӣ, боло бардоштани маданияти зиндагии аҳолӣ эътибори ҷиддӣ дода, ба модели оилаи як ёки ду фарзанддор гузаштан лозим аст.

Пеш аз ҳама, ҳалли муаммои демографӣ ба маданият ва ҷаҳонбинии ҳар як фарди ҷомеа вобаста аст.

## МУАММОИ ХӮРОКВОРӢ

Дар олам норасоии хӯрокворӣ ҳис карда мешавад. Сабабҳои

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

ин аз кам шудани захираҳои заминҳои корам, афзоиши аҳолӣ, хушксолӣ ва дигар офатҳои табиӣ, барои кишти биомассаҳо банд шудани заминҳо ва аз ҳад зиёд сарф кардани ғалладона барои нӯшокиҳои спиртӣ аст. Аз соли 1984 суръати афзоиши тайёркунии ғалладона нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ қафо монд.

Ҳоло дар олам 834 млн. нафар аҳолӣ дар гуруснагӣ зиндагӣ ба сар мебаранд ва ҳар сол 12 млн. одам аз гуруснагӣ мефавтад. Агар ҳар як шахс дар як шабонарӯз 0,3 кг. нон истеъмол кунад, ин барои 6,5 млрд аҳолии рӯйи замин 2 млн. тонна мешавад. Исрофкорӣ ва аз ҳад зиёд, серхароҷот шудани тарзи зиндагии одам ҳам боиси ба миён омадани муаммои хӯрокворӣ аст.

Сарфакорӣ, гузаштан ба тарзи зиндагии камхароҷот ва истифодаи сарфакорона аз зарраҳои табиии хӯрокворӣ ба ҳалли муаммоҳо мерасонад.

## МУАММОИ ОБ

Аз се ду қисми сатҳи Замин бо об пӯшидааст. Аммо танҳо 2.7 фоизи ҳаҷми умумии онро оби ошомиданӣ ташкил медиҳад. Боқимондаи он обҳои шӯр аст.

Вобаста аз минтақа дар як шабонарӯз барои як шахс аз 3 то 700 литр об сарф мешавад. Дар ҷаҳон 20 фоизи оби сарфшаванда ба саноат ва 70-75 фоизи он ба хоҷагии қишлоқ дуруст меояд.

Ҳоло норасоии об ҳис карда мешавад. Дар ҷаҳон 20 фоизи аҳолии шаҳрҳо ва 75 фоизи аҳолии деҳот бо об пурра таъмин нашудаанд.

Норасоии об дар ҳама соҳаҳо мушкилиҳоро ба миён меорад. Баҳри Арал хавфи хушкшавӣ дорад. Сатҳи об дар баҳр 12,5 м. паст шудааст.

Барои ҳал намудани муаммои об усулҳои камхарҷи замонавии тоза кардани обҳои шӯр ва олудашударо ёфтан, ба

усулҳои обёрии чакрагӣ, технологияҳои хушк гузаштан ва ба сарфакорӣ эътибор додан лозим аст.

Об сарчашмаи ҳаёт аст, сабаби нашъунамои ҳама чиз аст, ҳар кучое об аст, он ҷо ободӣ аст.

## МУАММОҲОИ АХЛОҚӢ

Ҳоло аз муаммоҳои ахлоқии ба миён омада аҳли ҷомеа ба ташвиш омадаанд.

Моҷароҷӯйии динӣ, зиддиятҳои байни мазҳабӣ, бегонаситезӣ, миллатгароӣ, одамрабоӣ, фоҳишагӣ, ҷинояткории муташаккилона, гиёҳвандӣ, майзадагӣ, қаллобии интернетӣ (хакерӣ), гурӯҳҳои фашистӣ, фасодкорӣ, терроризм ва куштори фармоишӣ афзоиш меёбад.

Ҳар сол дар дунё 1,2 млн. одам фурӯхта мешавад. Дар дунё 300 млн. гиёҳванд мавҷуд аст. Дар Россия майзадагӣ аз ҳад зиёд афзудааст. Дар байни майзадагон ҷавонони синнашон аз 10 то 14 сола бисёранд. Роҳбарони Россия ин ҳодисаро фоҷиаи миллӣ эълон кардаанд. Суст шудани меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба волидайн ва акси онро ҳам ҳис кардан мумкин аст.

Ҳазорон падару модарон на дар оғӯши фарзандон, балки дар хонаҳои кӯҳансолон зиндагӣ доранд.

Надонистани забони модарӣ, таърихи миллат ва дур шудан аз анъанаҳои ибратбахши миллӣ худ ҳам як намуди коҳиши ахлоқӣ аст.

Хулоса, ба ҳалли муаммоҳои дар боло зикршуда ҳар яки мо ҳиссагузор бояд бошем, чунки таъсири манфии онҳо ба ҳамаи мо ҳам мерасад.

Файзулло ҒАНИЗОДА,
профессор.
(«Овози Самарқанд», 17-уми сентябри соли 2009, № 38)

# МАДАНИЯТИ ЛИБОСПӮШӢ, ТАҚЛИДИ НОҶОИ ЛУЧГАРДӢ ВА «ЧАЙЛД ФРИ»

Дар истгоҳи деҳа интизори автобус будем. Духтараке омад. Бӯйи атру ғозаҳояш ҳама ҷоро фаро гирифт. Вай ончунон худро оро дода буд, ки ба гуфтан рост намеомад. Бар замми сафедию сурхиву ғозаҳои рухсораву чашм, абрӯву мӯяшро бо зарду сурх ранг карда буд. Либосаш ба танаш мечаспид. Байни куртачаву шими зонударидааш қариб ним ваҷаб миёнаш ба чашм менамуд. Дар нофаш ҳалқа дошт.

– Э афтакат дар замин, агар ин духтар фарзанд ва ё набераи ман мебуд, бо ҳамин дастонам адабашро медодам, – гуфт ҳаммаҳаллаамон – сокини маҳаллаи Ҷари ноҳияи Самарқанд Маҳкамбобо Зайниев. – Афту андомашро бинед: маймун аз вай баобрӯтар аст.

Хайрият, духтарак ба таксие даст бардошта, савор шуда рафт ва оташи ғазаби мӯйсафед каме паст шуд.

Вай ба таври худ хешро орову торо дода, бозоргир карда бошад, ки бо ин хел афту башара ва либоспӯшиаш оташи нафрати бисёриҳоро аланга мезанонд. Агар ин тақлид ба ғарб бошад, онҳо ба роҳи худашон, вале ба занону духтарони мо чӣ шудааст, ки чунин либоспӯшӣ мекунанд.

Либос яке аз рукнҳои фарҳанги миллӣ – баёнгари рафтору кирдор ва ахлоқ мебошад. Мо маданияти қадима ва ғании либоспӯшӣ дорем. Он дар тӯли таърих, аз насл ба насл гузашта, то ба рӯзҳои мо омада расидааст.

Дар даврҳои муайяни таърихӣ бо таъсири омилҳои берунаву бегона либосу тарзи либоспӯшии мо каму беш тағйир ҳам ёфт. Масалан, бо тақозои ҳамроҳшавӣ ба Россия ва баъдтар бо ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ сару либосҳои аврупоӣ

ба фарҳанги либоспӯшии мо таъсир кард. Шабакаҳои интернетӣ, филмҳои хориҷӣ, муҳоҷироти корӣ, сафарҳо ба кишварҳои дигар низ аз чунин омилҳои таъсиргузоранд, ки бо вуҷуди маҳдудиятсозиҳо реша медавонанд. Иллати чунин бегонапарастӣ маърифати пасти мардум аст. Пӯшидани либосҳои аврупоии доманкӯтоҳи эҳсосбарангез, шимҳои танг зеби занону духтарони мо шуда наметавонанд.

Набояд фаромӯш кунем, ки мо анъанаи хуби либоспӯшӣ дорем. Дар осорхонаҳо намунаҳои либосҳои мо маҳфуз аст. Куртаҳои занонаи гуногуне, ки аз матоъҳои бахмалу бирешуму атласу кимхо ва ғайра дӯхта шудаанд, остинҳои дарозу доманҳои васеъ доранд. Бо рӯймол аҷаб хушнамуду зебо менамоянд. Вақте ки духтарону бонувонро бо пойҷомаву куртаҳои атласу адрас ва ё гулдӯзишуда мебинед, ба чашмҳо нуру ба дилҳо сурур мебахшад. Либос аз кадом матоъ ё материалҳои сунъии ялдарросиву гаронбаҳо буданаш муҳим нест, балки ба худи кас шинаму зебо намояд ва маданияти либоспӯшии мардуми моро инъикос созад.

Худи либос чист? Вазифаҳои он аз чиҳо иборат аст?

«Хонаву палосу одаму либос» мегӯянд. Либос, аввало, одамро аз гармову сармо муҳофизат мекунад. Дуввум, ҳифзи иззату ҷойи шармгоҳ аст. Инчунин, либос ба одам ҳусну латофат ва зебоии иловагӣ мебахшад. Ба таври дигар гӯем, либос маскан ё хонаи инсон аст.

Либосҳо мардона, занона ва кӯдакона мешаванд. Ҳар як халқу миллат либосҳои миллӣ ва ё махсуси худро дорад. Либосҳои шаҳриёну деҳотиён низ аз якдигар фарқ мекунанд. Яъне, он ҳар як халқу миллатро ба дигарон муаррифӣ менамояд.

Либос, ки ҷисми моро мепӯшонад ва боз пероставу зебо мегардонад, хоҳ-нохоҳ он ранги миллӣ ҳам дошта бошад. Интихоби дурусти матоъ ва тарзи дӯхти он мавқеи махсус дорад. Дар кадом ҷой чӣ хел ва дар куҷо кадом хели либосро пӯши-

дан ба донишу худшиносии мо вобаста аст. Дар тани аксари занҳои мо бар замми либосҳои аврупоибашара боз либосҳои шаклан миллии гаронбаҳои нофаҳморо мебинеду ҳайрон мемонед. Магар ба маблағи калоне куртаву пойҷома дӯзонда, ба куҷо мераванд? Аксар ба тӯй, гаштак ва ё меҳмонӣ. Аз ин чӣ фоида? Бо миллионҳо сӯм либосвориву маснуоти ороишӣ харанду ба театр ё сайру саёҳате нараванд, аз ин чӣ суд?!

*Халқро тақлидаш барбод дод,*
*Эй дусад лаънат бар ин тақлид бод!*

Дар байни мардон тақлид ва пайравӣ дар хонасозӣ, гузаронидани тӯйҳои бодабдаба, харидани мошин, соату телефонҳои гаронбаҳои ҳамроҳ ва монанди инҳо торафт паҳн гардад, занону духтарон ба ороиши рӯю мӯй ва пӯшидани сару либос ба дигарон монанд шудан мехоҳанд. Инро ба тavри дигар гӯем, аз паси мӯд ё мӯдпарастӣ давидан аст.

Мӯд (мода) аз забони франсузии «mode» ва лотинии «modus» гирифта шуда, маънои меъёр, образ, тарз, қоида, дастурро дорад. Яъне, одати якҷоя, завқу арзишҳои қабулшудаи гурӯҳе дар вақтҳои алоҳида аст. Он дар ягон соҳаи ҳаёт бо услубҳои гуногун роҳандозӣ карда мешавад.

Мардуми мо, пеш аз ҳама ҷавонон, ба мӯдпарастӣ шавқи калон зоҳир мекунанд. Ба либоспӯшии аврупоиён пайравӣ менамоянд. Ба хаёли онҳо, гӯё либосҳои аврупоӣ пӯшанд, дорои маданияти баланду ҳамқадами замон мешаванд.

– Либоспӯшии часпидаву нимурёни духтаронро дида, дили кас беҷо мешавад, – гуфт дар сӯҳбате собиқадори таълими халқӣ, сокини маҳаллаи Оқсойи ноҳияи Нуробод Холида Бӯронова. – Либос ин ҳуснбахши занону духтарон аст. Пештар ин хел набуд. Бибиҳои мо куртаву пойҷомаҳои ба худ шинаму дарозу васеъ мепӯшиданд. Ҳатто остинҳояшон, ки то нӯги панҷаҳояшонро мепӯшонид, дарозу васеъ буд. Баъзеҳо даруни

остин барои наберахо қанду қурс меоварданд. Зарур шавад, остини куртаҳояшон вазифаи шамолдиҳакро ба ҷо меовард. Дар тобистон танро салқину дар зимистон гарм нигоҳ медошт. Ман ҳам ҳоло ҳамин хел либос мепӯшаму ҷонам ҳузур мекунад. Боз як чиз: ҳозир баъзе духтарҳоро бо мӯйи дарозу либосҳои хушдӯхти миллӣ дида, ҳавасам меояд. Кош, сафи чунин духтарон зиёд мешуданд.

Боре дар боғи истироҳатии шаҳр мӯйсафеде ба духтари нимурёни мӯдпарасте насиҳат карданӣ шуд. Вале духтараки шаттоҳ гапашро ба даҳонаш зад:

– Ба чӣ хел либос пӯшидану орову торои ман кори шумо чӣ? Ба худам ҳамин хел гаштан маъқул аст. Ҳозир ҳамин хел чизпӯшӣ расм шудагӣ. Давру даврон ронданам лозим…

Аз ин густохиву бемаданиятии ӯ мӯйсафед сахт шарм дошт. Аз гапаш пушаймон шуд. Албатта, вай духтар падару модар дорад. Дар оянда хонадор, модар мешавад. Ба ҷойи касбомӯзиву ба оиладорӣ тайёр шудан ҳушу ёдаш ба либоспӯшии мӯду орову торои худ банд аст. Ояндаи ӯ чӣ хел мешавад, худаш медонаду Худо.

Доктор Ғуломалӣ Ҳаддоди Одили эронӣ рисолае дорад бо номи «Фарҳанги бараҳнагӣ ва бараҳнагии фарҳангӣ». Вай, ки дар ин бобат тадқиқотҳои тӯлониеро ба анҷом расонидааст, дар ин китоби худ, аз ҷумла менависад:

«Дар ҷомеае, ки арзишҳои волои маънавиву инсонӣ беэътибор бошанду олами дарунии инсон ҳиссиёт ва маънои мустақил аз намоишҳову ҷилваҳои берунӣ надошта бошад, қаҳраи шахсияти инсон ба куллӣ бар пояи таваҷҷӯҳи дигарон ва изҳори назари онон дар бораи вай шакл мегирад ва пайдост, ки афрод дар чунин ҷомеа саъй мекунанд ба ҳар васила ва аз ҷумла, бо либос, ки ба тан мекунад, барои худ навъи ташхис ва таъин эҷод кунанд.

Мӯд ва тағйироти бешумору бедалеле, ки мураттабан дар либос рух медиҳанд, чунин замина дар замиру равони афрод

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

дорад».

Доктор Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил дар дигар ҷойи ин асараш, ки ба забонҳои туркӣ, урду, англисӣ ва ғайра тарҷума шудааст, боз чунин меорад:

«Қуръон зану шавҳарро дар хонаводa ба либоси якдигар ташбеҳ мекунад ва мегӯяд: Занонатон либоси Шумоянд ва Шумо либоси занонатон» (сураи Бақара, ояи 187) ... Либос аз ҳама чиз ба тани инсон наздиктар аст ва маҳрамтар ва он гоҳ ҳамин либос дар айни наздикӣ ба тан танро аз дигарон мепӯшонад ва дур месозад. Зану шавҳар низ нисбат ба якдигар чунинанд. Ба якдигар наздиктаранд ва дар айни ҳол ҳар яке аз он ду мӯъҷиби ҳифзи иффати якдигарӣ аст, ҳамон тавре, ки либос инсонро аз бараҳнагиву беиффатӣ ҳифз мекунад».

Бояд гӯем, ки мӯд ду самти асосии пешрафт дорад: 1. Тақлидкорӣ бо мақсади таҷриба ё завқи баландеро аз худ кардан. 2. Фишороварӣ ба системаи иҷтимоӣ: тарси аз ҷамъият берун мондан, хавфи танҳоӣ ва ғайра. Индустрияи мӯдро ҳар хел журналҳо, блогу шабакаҳои иҷтимоӣ, трендагентҳои ихтисосонидашуда, Хонаҳои мӯд ва ғайра тарғибу дастгирӣ менамоянд.

Мӯд, тарзи либоспӯшӣ, гуфтору рафтор ва ғайраву ва ҳоказоҳо ба туфайли маданияти Ғарб на танҳо дар Европа, балки дар саросари мамлакатҳои олам доман паҳн мекунанд. Масалан, то солҳои 1860-1870 либоси мардуми япон кимано ба ҳисоб мерафт. Соли 1868 ба сари ҳокимият ҳукумати пурқудрате омад ва бо баҳонаи мубориза бар зидди феодализм ба тақлиди либоспӯшии ғарбӣ руҷӯъ намуд. Аз соли 1880 сар карда ҷойи либосҳои миллиро кам-кам либосҳои аврупоӣ гирифтанд ва ин омил бо гузашти солҳо густариш ёфт.

Дар байни мардуми мо ҳам ҳамин хел ҳолат рӯй дод. Маданияти европоӣ, ки акнун на танҳо хоси Европа аст, онро одатан «маданияти Ғарб» меноманд. Маданияти ҳозираи ғарбӣ ин маданиятест, ки ба тадбиркорӣ, бизнес ва корчаллонӣ асос

ёфтааст. Қаҳрамонони асосии он –одамоне мебошанд, ки пул кор карда метавонанд ва бо фаъолнокӣ, ихтироъкорӣ ва тахассуси баланди касбӣ фарқ мекунанд. Онҳо серҳаракатанд. Зуд тарзи ҳаёт, техника, мӯд, стандартҳоро тағйир медиҳанд, анъанаҳои кӯҳнаро нав мекунанд. Аз паси беҳбудии моддӣ давида, муносибатро нисбати вақт (пул – вақт) дигаргун месозанд ва ҳатто анъанаҳои деринаи муносибатҳои байни одамон ва идеали одамизодро вайрон мекунанд.

Мунаққидони маданияти Ғарб бонг мезананд, ки маданияти ҳозира хатарҳои ҷиддиеро низ ба вуҷуд меорад ва комёбиҳоро ба нестӣ мебарад. Яъне, муаммоҳои амиқу васеъмиқёсеро ба вуҷуд оварда, ҳатто ба ҳастии одамизод дар рӯйи ҷаҳон таҳдид менамояд. Яке аз онҳо муаммоҳои экологист, ки бо тараққиёти технологияҳо ба муҳити атроф таъсир мерасонад.

Маданияти Ғарб дар замир бисёр таҳдидҳои пинҳонӣ ҳам дорад, ки на ҳар кас ба он сарфаҳм меравад. Агар аз сатҳи баланд ба тасвири умумии маданияти Ғарб нигоҳ кунем, аз як тараф ривоҷу такмилёбии иҷтимоиву техникӣ ва аз ҷониби дигар доманпаҳнкунии васеи зӯроварӣ бар зидди инсоният ба назар мерасад.

Мардуми таҳҷойии кишварҳои гуногун, аз ҷумла сокинони мамлакати мо, ки ба мӯди аврупоӣ пайравӣ мекунанд, либосҳояшон танг, кӯтоҳ ва часпида аст. Яъне, мӯди ғарбӣ одамро урёну бараҳна мегардонад. Мақсади асосии мӯд, ки бадастории даромади иқтисодӣ аст, ба хелҳо: баҳориву тобистона ва тирамоҳиву зимистона ҷудо мешавад. Аксарият, ки аз паси мӯд метозанд, онро пурра аз худ накарда, мӯдҳои нави сару либосҳо пайдо мешавад. Бо ин роҳ саноати бофандагию дӯзандагӣ ривоҷ меёбад. Атриётҳои нав ба нав ба фурӯш мебароянд. Кори хонаҳои ороиши занон ривоҷ меёбад. Дар натиҷаи ин хел рафтору тақлидкорӣ ишқ, ки шоирони мо бо ташбеҳу истиораҳо ба авҷи баландаш расонданд, он салоҳияту латофати маънавии собиқи худро гум карда, ба секс иваз мешавад. Ин кор-

АЗ КИТОБХОНАИ Овози Самарқанд

ро ҳам ба манбаи даромад – танфурӯшии занон табдил додаанд.

Бо баҳонаҳои тарғиби мӯд, озодӣ, баробарҳуқуқии занону мардон бонувон либосҳои мардона мепӯшанд, сигор мекашанд, аз нӯшокиҳо худдорӣ намекунанд, ҳақорат медиҳанд, дар танашон татуировка доранд, ҳамчун давомдиҳандаи насли одамизод дар рӯйи дунё таваллуд кардан намехоҳанд.

Тадқиқгари рус, муаллифи китоби «Занон – нодонанд ва ё таърихи ҷанги бохта» Галина Анатолевна Пирх таъкид мекунад, ки дар рӯйи ҷаҳон на танҳо ҷангҳо барои забти ҳудудҳо ва азхудкунии захираҳои моддӣ идома дорад, балки ҷанги дигари ноаёне низ давом меёбад. Ин «ҷанги ором» бо занон аст. Мақсади онҳо одамизодро ба ҷинси саввум табдил додан мебошад.

Мувофиқи ақидаи ӯ дар асри XVIII аввалин шахсе, ки бемеъёр зиёдшавии аҳолии рӯйи дунё ба ташвиш овардааст, Томас Молтуси англис будааст. Пайравони ӯ барои зери назорат гирифтани таваллуд ва миқдори аҳолӣ чорабиниҳо дидаанд. Дар ҳамин ҷо роли занҳо дар ҷойи якум баромадааст: занҳо камтар зоянд ва коди биологӣ вайрон гардад. Бо ҳамин мақсад контрасепсия, усулҳои банақшагирии оила ва «ҳуқуқи занҳо ба аборт кардан»-ро ба миён гузоштанд. Солҳои охир боз ҳаракати «чайлд фри» («чайлд» англисӣ буда, маънои бача ва «фри» озод, яъне ихтиёран рад кардани фарзанд)-ро ба роҳ мемонанд.

Дар баъзе давлатҳо шумораи гомосексуалисту лесандаҳо зиёд мешаванд. Занон бо занону мардҳо бо мардҳо байни худ ишқварзӣ менамоянд. Ҳарчанд, ки динҳо муқобиланд, дар як қатор мамлакатҳо ба ақди никоҳи расмиву давлатии якҷинсаҳо қонунан иҷозат додаанд ва ба тарғибу ташвиқи ин гуна «оилаҳо» роҳи васеъ кушодаанд.

Боз як роҳи дигари «ҷанг» бар зидди занон диета-парҳез, машқҳои ҷисмонӣ, аз қабили аэробика, фитнес, бодибилдинг

ва ғайра аст. Инҳо на танҳо мафкура, ҳатто ҷисми занҳоро вайрон месозад. Аз ҳама усули генеалии тарғиботи парҳез «барои зебоӣ ва хушқаду қоматӣ» аст. Бо ин роҳ духтарҳо ба воя расида, безурриёт мегарданд.

Дар Ғарб имрӯзҳо бештар оиди баробарии физиологии ҷинсҳо, яъне беҷинсии мутлақ ҳамчун қуллаи баланди баробарҳуқуқии байни занону мардон гап мезананд. Ҳатто истилоҳи «трансодам» – одами давраи гузариш пайдо шудааст. Оддитар карда гӯем, – «ноодам». Ин гуна одам на зан аст ва на мард. Таваллуд карда ҳам наметавонаду бо занҳо хобида ҳам. Танҳо бо роҳи ЭКО зиёд мешавад. Дар натиҷаи чунин тарғиботи маданияти Ғарб мазмуну моҳияти муқаддасоти оила, оиладорӣ, тарбияи ворисонро рӯ ба таназзул меорад. Мо бояд ҳар коре, ки мекунем, пеш ҳама оқибатҳои онро андеша намоем.

Бахтиёри ҶУМЪА.

(«Овози Самарқанд», 30-юми май, 2-юми июни соли 2010, № 43-44)

# РУХСАТ БА ҲАҶ

## *ё худ ҳиссае аз қиссаи «Ҳаҷҷи Аҳмадҷонбобо»*

Рӯзе хабар расид, ки ҳайъати расмии Арабистон ба зиёрати қадамҷойи ҳадисшиноси бузург Имом Исмоил ал Бухорӣ меоянд. Ва барои пазиройии ин меҳмонони олимартаба ҷои наҳории онҳо дар тарабхонаи «Зарафшон»-и Аҳмадҷонбобо интихоб шуд. Ниҳоят бо сарварии собиқ котиби аввали ҳизби коммунисти Ӯзбекистон, адиби намоён Шароф Рашидов меҳмонони арабистонӣ ба Самарқанд омаданд. Онҳо баъди тамошои обидаҳои таърихии ин шаҳри куҳан вориди масҷид – маҷмӯи Имом ал Бухорӣ шуда, сураҳои Қуръонро тиловат карданд. Ҳамин тариқ, роҳбаладон меҳмононро рост ба тарабхонаи «Зарафшон» оварданд. Онҳо аз мулозимат ва хизматҳои соҳибманзил хеле миннатдор гаштанд. Дар вақти гусел Шароф Рашидов ба Аҳмадҷонбобо миннатдорона нигариста гуфт: – Барои хизмат ва маданияти баландатон ташаккур, ки ҳамин хел ҷойи ҷаннатмонандро ташкил кардед. Ман то ҳол ба ин ҷо наомада будам. Акнун ҳар гоҳ ба Самарқанд оям, албатта меҳмони тарабхонаи шумо мешавам. Бинед, меҳмонон то чӣ андоза аз хизмат миннатдоранд.

Ҳамин воқеа сабаб шуду ба дили Аҳмадҷонбобо орзуи ба мамлакати Арабистон рафтан пайдо гардид. Аз ин ҷост, ки дар пеши назараш зуд-зуд шаҳрҳои Маккаву Мадина ҷилвагар мегаштанд. Чунки овони наврасиаш аз падараш Зубайдуллобой оиди таърихи ин шаҳрҳо қиссаҳо шунида буд. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти пайғамбари дини мубини Ислом Ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.), ки худ каму беш маълумот дошт, мехост равзаи поки ин зоти олиро зиёрат кунад. Орзуяш баъди чанд вақт худ ба худ амалӣ гардид. Аниқтараш, ҳамон меҳмонони воломақоми арабистонӣ ба таври расмӣ ӯро ба ватанашон даъват карда буданд. Ин хабар фавран роҳбарони шаҳру вилоятро каме ба ташвиш овард. Зеро он солҳо касе ба сафари ин давлати мусул-

монӣ рафта наметавонист. Ҳукумати шӯравӣ инро манъ карда буд. Аз даъватнома Аҳмадҷонбобо аз як тараф хурсанд бошад, аз тарафи дигар дар ҳарос монд. Ӯро ходимони ташкилотҳои ҳифзи амният борҳо даъват карда, сабаби даъватномаи арабҳоро мепурсиданд. Дере нагузашта, ӯро расман ба Тошканд ҷеғ заданд. Сарвари идораи динии Осиёи Миёна ва Қазоқистон Зиёуддин Бобохонов ва роҳбарони ҷумҳурият ӯро қабул карда, гаштаю баргашта таъин намуданд, ки дар бораи сиёсати давлат суханҳои нодуруст нагӯяд. Аз таъқиби дини ислом даҳон накушояд. Ҳамаашро нағз гӯяд.

Ӯ аз қабули онҳо баромада, каме дилгир шуд. Ниҳоят рӯзи сафар фаро расид. Онҳо аз Ҷумҳурияти Ӯзбекистон танҳо ду нафар буданд. Аҳмадҷонбобо Зубайдуллоев ва роҳбари гурӯҳ Шамсиддинхон Бобохонов. Дар ин сафар аз миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо 11 нафар иштирок намуданд. Ҳавопаймо дар бадали 4-5 соат ба Маскав рафта расид. Ҳоҷиёни дигар ҷумҳуриятҳо низ онҳоро интизорӣ мекашиданд. Онҳоро саравваал роҳбарони ташкилоти бехатарӣ, баъд котиби генералии собиқ ИҶШС Леонид Брежнев қабул карда, таъкид намуданд, ки нисбати давлати пуриқтидори мо гапҳои пасту баланд нагӯянд. Ва илова кард, ки ин сафар дар таърихи мамлакати шӯравӣ воқеаи ягона аст. Дар хулосаи сӯҳбат Брежнев ба Аҳмадҷонбобо нигариста гуфт:

– Хусусан ту, Аҳмадҷон Зубайдуллоев, ки аз Самарқанди қадима ҳастӣ, бохабар бош. Ба онҳо фаҳмон, ки дар мо дини ислом ҳурмат карда мешавад, фаҳмидӣ? Агар фаҳмида бошед, ба шумо роҳи сафед мехоҳам. Ба ҳамаатон ҷавоб!

Аҳмадҷонбобо ва шариконаш оҳи сабуке кашиданд. Зеро котиби аввал ба онҳо рухсати сафарро дода буд. Инак, ҳавопаймои «Ил-18» бо як такону ғурриш худро боло бардошт. Баъди чанд вақт зебодухтари рус, пешхизмати тайёра – стюардесса эълон кард, ки ҳоло ҳавопаймо дар сарҳади осмони Арабистон буда, дере нагузашта, дар шаҳри Ҷидда фуруд ме-

ояд. Он ҳар чӣ қадар пасттар фуроянд, ҳамон қадар манору гумбазҳои ин шаҳри қадима равшантар намудор мегашт. Ниҳоят, рӯйи замин нишаст, онҳоро дар фурудгоҳ мизбонони бисёре бо интизорӣ пешвоз гирифтанд. Аксарияти онҳо дар сар саллаи сафед доштанд. Он тарафи воқеаро аз дафтари хотироти Аҳмадҷонбобо ҳикоя кардан беҳтар. Шодравон чунин иншо намудааст:

– Ҳамаи мо ба мошинҳои махсус нишаста, сӯи меҳмонхона раҳсипор шудем. Роҳбалад, ки вакили давлати Арабистон буд, ба мо аҳамияти махсус медод. Ӯ ба забони тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ хуб ҳарф мезад. Аз меҳмонхонаи зебову дилоро ҷо гирифтем. Пешхизматону дигар мизбонон барои мо ҳамаи шароитҳоро муҳайё мекарданд. Шаҳри Ҷидда, ки дар канори баҳри Миёназамин ҷо гирифта буд, табиати ба худ хосе дошт. Дар зиёрати Каъбатуллоҳ даҳҳо вакилони миллатҳои рӯйи дунёро пайдо кардан мумкин буд. Ҳамон рӯз мо 11 нафарро ба сафоратхонаи дар Арабистон будаи давлати шӯравӣ даъват намуданд. Сафири ИҶШС дар ин мамлакати мусулмонӣ марди 40-45 солаи рус буд. Ӯ ба таври расмӣ салому алейк карда, фавран ба мақсад гузашт:

– Ин ҷо мамлакати мусулмонӣ. Аз ин боис, ҳар дақиқа эҳтиёткорона рафтор кунед. Ҳар як суханатонро дониста гӯед. Рӯзҳои сафарро дар асоси нақшаи махсуси пешниҳодшуда гузаронед.

Бале, агарчи чашмони Аҳмадҷонбобо ба сафир буд, аммо ҳушу ёдаш зудтар мушарраф шудан ба дидори Каъбатуллоҳ банд буд.

Боз ӯ ҳикоят мекунад:

– Фардои он рӯз, ҳамаи мо пагоҳии барвақт ба автобусҳо савор шуда, сӯйи шаҳрҳои Маккаи мукаррамаву Мадинаи мунаввара раҳсипор гардидем. Чӣ шаҳри ободу зебо аст Макка. Одамонаш ҳама нексиришту покдоман, муомилаҳояшон самимӣ. Рафтору пиндори некро соҳибанд онҳо. На дуздиву на ғоратгарӣ ва на авбошӣ. Инак, сари чашмаи қадимаву муқад-

даси Оби зам-зам расидем. Аҳмадҷонбобо шукронаҳо карда, бо он об дасту рӯй шуст. Нӯшиду ҳаловат бурд. Сипас, ҳама барои тавофи санги муқаддас равон шуданд. Издиҳоми мардум, ки ҳама ба бар либоси сафед доштанд, як-як он санги муқаддасро тавоф намуданд. Рӯзи дигар онҳо дар шаҳри Мадинаи мунаввара рафта мақбараи пайғамбарамонро зиёрат намуда, сураҳои Қуръон тиловат карданд. Чӣ ҷойҳои муқаддасу азиз ва тозаву озода аст ин шаҳри куҳан.

Ҳамин тавр, Аҳмадҷонбобо ва рафиқонаш тамоми расму оинро адо намуданд. Боз орзу дошт, ки ба мардуми он ҷо оши палави самарқандӣ пухта диҳад. Барои ин албатта рухсати роҳбарон лозим буд. Ӯ бо ҳамин мақсад ба қабули подшоҳи ҳамонвақтаи Арабистон, ки Файсал ном дошт, даромада мақсадашро гуфт. Подшоҳ Аҳмадҷонбоборо хеле хуш қабул карда, аз таклифаш хурсанд шуду ба тайёр кардани оши палав рухсат дод.

Ӯ худи ҳамон рӯз 12 сар гӯсфандро аз бозор харид карду ба шаш деги чорпудӣ қариб 400 килограмм биринҷро дам карда, оши палав пухта, ба дастархони ҳоҷиён ва мардуми он диёр пешкаш кард. Аз ин кор ҳама дар ҳайрат монда, мегуфтанд, ки наход дар давлати шӯравӣ ҳам ҳамин гуна одамони саховатпеша ёфт шаванд?! Ҳамин тариқ, ҳоҷиён баъди ба охир расидани мӯҳлати сафари ҳаҷ бо як олам таассурот ба ватан баргаштанд. Аввал, онҳо боз дар Маскав дар қабули Брежнев ҳозир шуданд. Сарвари давлати собиқ аз тафсилоти сафар пурсон шуд. Аҳмадҷонбобо ба ӯ барои иҷозати сафар миннатдорӣ баён кард. Леонид Брежнев низ арз дошт, ки қиссаи палавпазӣ ва саховатмандии Аҳмадҷон Зубайдуллаев то Маскав расид. Ташаккур ба ҳиммати ту! Исбот кардӣ, ки дар мамлакати мо низ сарватмандон саховатпеша ҳастанд, – гуфт ӯ ба китфи Аҳмадҷонбобо тап-тап зада.

Ҳамза ҶӮРА.

(«Овози Самарқанд», 10-уми феврали соли 2011, № 7)

# МОҶАРОИ «ТӮЙ»

## *ё худ сababи вайроншавии як оила*

Рӯзе зане ба идораи рӯзнома омад. Иброз дошт, ки дар бораи тақдири як оила нақле кардан мехоҳад.

– Илтимос, гуфтаҳои маро ба саҳифаи рӯзнома чоп кунед. Зеро ба ҳоли духтари бечора дилам сӯхту омадам. Шояд пас аз хондани рӯзнома ноинсофҳо ба инсоф оянд.

Моҳчеҳра (номашро дигар кардем) дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Бобову падараш бо меҳнати ҳалолашон соҳиби манзили зебо гардидаанд. Фарзандонро ҳунар омӯзонида, соҳибилм намудаанд.

Моҳчеҳраро бо орзую ҳаваси зиёд ба шавҳар доданд. Оилааш тинҷу осоишта буд. Бо Собир ҳамеша ҳамдигарро ҳурмат менамуданд. Соҳиби ду нафар писар шуданд. Вале хушбахтии онҳо дер давом накард.

Аҳли оила қарор доданд, ки тӯйи суннатии писараконро якҷоя бо тӯйи арӯсии додари Собир – Бобур гузаронанд. Ҳама ба тӯй тайёрӣ медиданд. Хонаҳоро рӯбучин мекарданд, оинаҳоро мешустанд. Дар яке аз чунин рӯзҳо модаршӯяш ба Моҳчеҳра гуфт:

– Келин, тайёрии падару модаратон ба тӯй чӣ хел аст?

– Чизҳои саллабандон ва лаълиҳоро тайёр кардаанд. Гӯсфанд низ харидагӣ.

– Ҳамаи ин чизҳо бо роҳи худ. Сари гаҳвораю саллабандон бар сари ҳар падару модар ҳам қарз асту ҳам фарз. Мебелу тилловорӣ ва гӯсфандро низ овардanaшон шарт! – ангушти ишоратиашро боло карда гуфт модаршӯ.

– Магар боз ягон чиз овардanaшон лозим?

– Ҳа-дия, – табассумкунон гуфт модаршӯ. – Модаратон бояд барои ресторан 5 ҳазор доллари ИМА диҳанд.

– Чаро? – ҳайрон шуд Моҳчеҳра. – Охир барои харидани латта-путтаи тӯй пули захиракардаашон тамом шуд. Боз ин

қадар пулро аз куҷо меёбанд?

– Мо «одамони доро» гӯён шуморо келин карда будем, – ба шӯр омад модаршӯ. – Ин қадар бечорагиатонро надонистем. Одамҳои аз пушти падару модаратон меомада, тӯй, ки мехӯранд, пулашро ҳам диҳанд!

– Тӯйро мо мекунему пули ресторанро онҳо диҳанд? Ман аз модарам пул талаб карда наметавонам.

– Шумо натавонед, мана, ман метавонам-дия, – бо дасташ ба қафаси синааш зада гуфт модаршӯ. – Бегоҳ писарам ояд, баъд мебинем. Канӣ, гуфти кӣ мешавад?

Бегоҳ Собир аз кор омад. Модараш сарашро баста мехобид ва нолиш ҳам мекард.

– Бийиҷон, ба шумо чӣ шуд? – пурсид Собир.

– Ҳеҷ гапи арзанда не, – гуфт бо овози хаста модараш.

– Магар келинатон аз бемориатон хабар надорад?

– Не, келин ҳатто хабар нагирифт. Ӯ ба ман гапгардонӣ кард. Барои ҳамин камтар зиқ шудаму фишори хунам баланд шуд…

Собир бо ҷаҳл назди Моҳчеҳра омад ва ӯро зери мушту лагад гирифт.

– Зане ки модарамро меранҷонад, ба ман лозим нест! Баро, аз хона дафъ шав!

Моҳчеҳра бо ду ҷигарбандаш ба хонаи падару модараш омад. Умед дошт, ки Собир фарзандонашро пазмон мешавад ва онҳоро гирифта меравад. Вале ин тавр нашуд. Рӯзи дигар модари Моҳчеҳра ба модари Собир занг зад.

– Қудоҷон, узр духтарамон ҷавонӣ кардааст. Пеш аз тӯй дилхунукӣ нашавад. Гуноҳашро бахшед.

– Ба мо духтаратон даркор не! – бо қаҳр гуфт модари Собир. – Ба писарам духтари модараш набӯсидаро гирифта медиҳам. Акнун моро тинҷ монед. Ҳафтаи оянда тӯй!

Чун Моҳчеҳра фаҳмид, ки шавҳараш зан мегирад, бемор шуд. Хӯрок хӯрдан намехост, пайваста мегирист. Намедонист ба саволҳои фарзандонаш, ки «кай ба хона бармегардем?», «па-

аз китобхонаи Овози Самарқанд

дарам кай меоянд?», «ба тӯямон чанд рӯз монд?» чӣ ҷавоб диҳад…

Тӯйи никоҳии Собиру Бобур якҷоя гузашт. Собир ҳатто шарм накарда, ба ҷойи тӯйи суннатии фарзандонаш худаш ҷомаи домодӣ пӯшид.

Пас аз чанд рӯзи тӯй дари ҳавлии падари Моҳчеҳраро касе кӯфт. Падари Моҳчеҳра дарро кушод. Назди дар ду марди ношиносро дида, ҳайрон шуд. Онҳо Моҳчеҳраро мепурсиданд. Маълум шуд, ки онҳо бародарони палонҷи Моҳчеҳра, яъне зани дуюми Собир будаанд.

– Хоҳарам, – баробари дидани Моҳчеҳра лаб ба сухан кушод яке аз меҳмонон. – Илтимос, аз мо наранҷед. Мо низ мисли шумо гуноҳе надорем. Мо намедонистем, ки Собир зан дорад. Вақте ки аз маҳаллаатон пурсидем, ҳама таъриф кард. Акнун маълум шуд, ки онҳо гумон кардаанд, ки мо Бобурро пурсуҷӯ дорем.

– Хайр, аз ман чӣ мехоҳед? – бо овози ларзон, ки нафрати нисбат ба Собир дoштааш тамоми вуҷудашро фаро гирифта буд, пурсид Моҳчеҳра.

– Аз шумо як илтимос, зудтар ба суд ариза дода, никоҳатонро бо Собир бекор кунед. Хоҳари мо гуноҳе надорад. Монед, ӯ хушбахт шавад. Шумо ду фарзанд доред. Рӯзҳои нағзро аз паси ҳаминҳо мебинед. Акнун корвони шумо гузашт…

Моҳчеҳра дигар тоқати шунидани гапҳои меҳмононро надошт. Бо шаст ба хона даромад, бо овози баланд гирист.

Магар бахтро бар ивази пул ёфтан мумкин аст? Ояндаи ду нафар писаракони зиндаятим чӣ мешавад? Оё онҳо падари худро бахшида метавонанд? Агар Моҳчеҳра ба суд ариза диҳад, кори дуруст мешавад ё не? Тақдири зани дуюми Собир чӣ мешавад?

Хонандаи азиз, перомуни ин муаммо шумо чӣ андеша доред?

Фикру дархости кумитаи занону духтарон, раисони маҳал-

лаҳо, пирони рӯзгордида ва фаъолонро дар бораи гузаронидани тӯйи суннатӣ интизорем. Ба фикри шумо тӯйи суннатӣ чист? Маросими «Саллабандон» чӣ гуна бояд бошад? Қарзи падару модар назди фарзанд аз чиҳо иборат аст?

Дилрабо НАСИМӢ.

(«Овози Самарқанд», 21-уми июни соли 2012, № 26)

# ДӮСТИИ БЕНАЗИР

Дӯстӣ ва ҳамкории пурфайзи адабӣ ва илмии ду адиб ва мутафаккири бузурги асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ аз саҳифаҳои дурахшони дустии халқҳои тоҷику узбек ба шумор меравад. Таъсири пурҷилои ҳамин дӯстии беназири онҳо буд, ки ёдгориҳои муҳташами фарҳангу ҳунар, осори безаволи илму адаб бунёд шуданд ва як зумра одамони соҳиби қобилияти фавқулодда, шахсиятҳои номдор зуҳур карданд.

Ҷомӣ ва Навоӣ дар таълифоти худ низ ба ин дӯстии бузург ишораҳо карда, нисбат ба якдигар бо як ҷаҳон меҳру самимият сухан рондаанд. Онҳо бештари асарҳои худро ба ҳамдигар бахшида навиштаанд. Чунончи, Навоӣ бузургтарин асари худ «Хамса» ва қасидаи «Тӯҳфат-ул-афкор»-ро ба Ҷомӣ ва Ҷомӣ панҷ достони худ «Ҳафт авранг» – «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо», «Хираднномаи Искандарӣ»-ро ба Навоӣ бахшида таълиф намудаанд.

Навоӣ пас аз вафоти Ҷомӣ ба хотири ҳамин дӯстӣ асареро бо унвони «Хамсат-ул-мутаҳайййирин» навиштааст, ки муҳимтарин лаҳзаҳои дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии онҳоро баён мекунад. Ин асар тақрибан дар солҳои 1494-1495 ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст ва он соли 1989 бо тарҷума, тавзеҳ ва пешгуфтори Абдуқодир Маниёзов ба чоп расидааст.

Чунонки аз гуфтаҳои Навоӣ дар ин асар маълум мешавад, нахустин мулоқоти ӯ бо Абдураҳмони Ҷомӣ тахминан дар 17 ё 18-солагиаш дар маҳалли Хиёбони Ҳирот ба вуқӯъ пайвастааст. Муносибати устоду шогирдӣ бошад, аз сабақи «Рисолаи қофия» шурӯъ мегардад. Аз ҳамин вақт сар карда, то охири умри Ҷомӣ, яъне беш аз 35 сол дӯстию ҳамкории онҳо давом дошт. Ҳар ду доир ба масъалаҳои эҷоди бадеӣ як хел фикр мекардаанд, дар офаридани асарҳо як хел мақсаду маром доштаанд.

«Хамсат-ул-мутаҳаййирин» асари хотиротӣ буда, аз муқаддима, се мақола ва хотима иборат аст. Он лаҳзаҳои ҳаёт ва фаъолияти адабию илмии Ҷомиро дар бар мегирад. Ҳамчунин, аз он дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти худи Навоӣ ҳам маълумотҳои пурбаҳо ба даст овардан мумкин аст.

Аз ҷумла, ӯ дар соҳаҳои гуногуни илм пешқадами замон будани Ҷомиро таъкид карда мегӯяд, ки бо вуҷуди ин худро ниҳоят фурӯтан ва хоксор медошт. Касоне, ки овозаи камолоти он касро шунида, аз роҳҳои дур барои сӯҳбаташон меомаданд, дар байни ҳамсӯҳбатон аз ғояти ноаёнӣ мутлақо шинохта наметавонистанд. Зеро дар нишастухез, гуфтушунид, хӯроку пӯшок миёни он кас ва мулозимон фарқе набуд. Аммо, вақте ки аз илмҳои зоҳирию маънавӣ масъалае ба миён гузошта мешуд, Ҷомӣ будани кадоме аз онҳо маълум мешуд, зеро маҳорат ва огоҳиашон ба ҳамаи илмҳо то дараҷае буд, ки ҳаргиз эҳтиёҷ ба дидани китобе надоштанд.

Қисмати мукотибаи байни онҳо низ хеле ҷолиб мебошад. Аз ҷумла, боре дар ҳузури он кас аз қасидаи «Дарёи аброр» ном бурда мешавад. Амир Хусрав дар бораи ин қасидаи худ гуфтааст: «Агар аз ҳаводиси афлок ва аз офатҳои рӯзгор тамоми назми ман аз саҳифаи замона маҳв шаваду ҳамин қасидаам боқӣ монад, бароям бас аст. Чунки ҳар кас, агар онро бихонад, хоҳад донист, ки дар мулки назм тасарруф ва иқтидори ман дар чӣ мартабае будааст». Пас аз ин сӯҳбат рӯзе Навоӣ азми Марв намуда, аввал ба ҳузури Ҷомӣ меояд. Он кас пас аз дуои нек аз бағал ҷузве баровարда нишон медиҳанд, ки он дар ҷавоби Амир Хусрав қасидаи «Луҷҷат-ул-ас-рор» будааст. Навоӣ дар роҳ онро хонда, дар ҷавоб қасидаи «Тӯҳфат-ул-афкор»-ро мегӯяд, ки чунин оғоз ёфтааст:

*Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,*
*Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.*

Навоӣ дар бораи хислатҳои фавқулоддаи Ҷомӣ нақл карда, мегӯяд, ки ӯ хислатҳои наҷиби худро ба тариқи маломатия пинҳон медошт. Аммо баъзе ҳолатҳои ғариб бисёр рӯй додаанд, ки худ Навоӣ бевосита шоҳиди он гардида, зикри онҳоро дар асар лозим донистааст. Аз ҷумла, нақл мекунад, ки Ироқӣ ном ҷавоне сардори дарбонони Музаффари барлос буд. Рӯзе аз роҳи нодонӣ ӯ шеърҳои Ҷомиро инкор карда, варақҳои девони он касро як-як канда, ба оташ партофта месӯзонад. Дар давоми се-чор рӯзи ин воқеа ба як узви баданаш сӯхтанӣ баромада, ҷароҳаташ обият пайдо мекунад. Оқибат ӯ бо ҳамин бемори мемирад.

Ё худ, воқеаи дигаре. Дар байни толибилмон Ноҳиқӣ ном ҷавоне будааст, ки бо бадӣ ном баровარда, ҳатто ӯро зодаи деву шайтон мегуфтаанд. Як рӯз толибилмон дар боғе сӯҳбат ороста, дар таърифи Ҷомӣ суханҳои муболиғаомез мегӯянд. Ноҳиқӣ бошад, аз рӯйи инкор дар бораи он кас суханҳои бемаънӣ ба забон меорад. Дарҳол девони он касро кушода, диданӣ мешаванд, ки ба Ноҳиқӣ шояд ҷавоби муносибе ёбанд. Баробари кушодани девон ба чунин байт дучор меоянд:

*Пур аст гӯши ман аз сабҳаи малак чу Масеҳ,*
*Куҷо мушаввашии хотир шавад наҳиқи ҳарам.*

(Наҳиқ – дар луғат овози ҷонвари боркаш аст). Бисёр лавҳаҳои асар, хусусан қисмати мукотибаи он хеле таъсирбахш буда, монанди як суруди дилнишини дӯстӣ садо медиҳад. Марсияи Навоӣ ба вафоти Ҷомӣ, ки дар охири асар оварда шудааст, ба қавли устод Айнӣ, яке аз ҷонсӯзтарин марсияҳои адабиётамон ба шумор меравад, ки чунин мисраъҳоро дар бар мегирад:

*Ту бирафтию дили халқи ҷаҳон зор бимонд,*
*То қиёмат ба фироқи ту гирифтор бимонд.*
*З-оташи оҳи дили сӯхтагон то ба абад,*

*Дудҳо дар хами ин гунбади даввор бимонд.*

Аз сатрҳои ин асар бармеояд, ки дӯстии онҳо на танҳо рамзи дӯстии ҷовидонии ду халқи бо ҳам бародари тоҷику ӯзбек, балки ҳамаи халқҳост. Ин дӯстӣ мероси ниёгон буда, вазифаи муқаддаси мо онро мисли гавҳараки чашм ҳифзу афзун гардондан аст.

Фозил ШУКУРЗОД,
Ҷамшед ОБИДОВ.
(«Овози Самарқанд», 24-уми январи соли 2013, № 4)

# «МАРО БАРВАҚТ БА ШАВҲАР НАДИҲЕД!!!»

Бунёд намудани оила талаб ва қоидаҳои худро дорад ва риоя накардани онҳо ба оқибатҳои бад меорад. Яке аз онҳо қонунияти дар кадом синну сол хонадор шудани ҷавонон аст. Дар назари аввал баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин масъала он қадар муҳим нест, лекин барои солимии зану шавҳар ва фарзандон аҳамияти калон дорад.

Гурӯҳе даъво доранд, ки сад сол пеш дар мамлакати мо духтаронро аз синни 14-солагӣ ба шавҳар медоданд, кӯдакон ҳам солиму бақувват таваллуд мешуданд.

Ин ақидаи ботил аст. Мувофиқи маълумоти номзади илмҳои педагогика Гулнора Музаффарова ҳаёти ҷинсии бармаҳал духтарони ноболиғро ба бемориҳои рӯҳӣ гирифтор ва тез пир мекунад. Дар ин синну сол торҳои асаб, дил ва рагҳои хунгард, устухонҳо, ғадудҳои дохилии духтарон пурра ташаккул наёфтаанд. Бинобар ин, ҷараёни ҳомиладорӣ мураккаб мегузарад, кӯдак заиф, касалманд ва бо вазни сабук таваллуд меёбад.

Баъзан мушоҳида мекунем, ки духтаронро баъди хатми синфи 9-и мактаби таҳсилоти умумӣ ба шавҳар медиҳанд. Онҳо баъди як сол кӯдакдор мешаванд. Зоҳиран қадду басташон дуруст, соҳибхоназани солиму оқилаву доно ва рафиқаи хушбахт барин менамоянд. Дар асл ин тавр нест. Онҳо гӯё чизеро гум карда бошанд, парешонхотиранд. Чашмонашон фарёди диламшонро ошкор месозад: «Чаро маро барвақт ба шавҳар додед?».

Аз рӯйи Қонун «Дар бораи таълим»-и Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷавонон дар ин синну сол дар литсей ва коллеҷҳо бояд таълим гиранд. Аз рӯйи соҳаҳои муайян касбу ҳунар омӯхта, соҳибихтисос шаванд.

Онҳо ба ҳаёти мустақил тайёр нестанд. Оилаи худро аз

ҷиҳати моддӣ таъмин карда наметавонанд.

Мувофиқи фикри номзади илми педагогика Г. Музаффарова оғози ҳаёти оилавӣ ва модарӣ ба 19-солагии духтарон рост меояд. Кӯдаки аввал дар 19-26-солагии модарон бояд таваллуд ёбад.

Аз рӯйи маълумоти Нигора Сайдалиева, ходими калони илмии Донишкадаи фалсафаву ҳуқуқи ба номи И. Мӯъминов то соли 2001 дар Ӯзбекистон миқдори хонадоршавии барвақтии духтарон зиёд шуда буд, аммо ҳоло, баъди қабул гардидани қарору фармонҳои дахлдор ва чораву тадбирҳои муҳим ба ин ҳолатҳо барҳам додан лозим аст.

Ба шавҳар дер баромадани духтарон ҳам оқибатҳои манфӣ дорад. Ба қавли сардухтури таваллудгоҳи ноҳияи Самарқанд С. Иброҳимова ҳомиладорӣ ва ҷараёни таваллуд вазнин мегузарад. Кӯдак бо камбудиҳои ҷисмонӣ ва ақлӣ таваллуд шуданаш мумкин аст.

Ҷавонписарон дар чандсолагӣ бояд хонадор шаванд? Баъзеҳо дар он ақидаанд, ки синну соли писарон ба хонадоршавӣ аҳамият надорад. Ба қавли котиби Ҷамъомади шаҳрвандони деҳоти Кулбаи поёни ноҳияи Самарқанд Ориф Нӯъмонҷонов мардон то 35 солагӣ ҳатман бояд хонадор шаванд. Баъд аз он дар бадани онҳо ҷараёни пиршавӣ оғоз меёбад, бемориҳои гуногун пайдо мешаванд.

Аз ҷиҳати физиологӣ ва ҷисмонӣ бадани ҷавонписарон дар 23-30-солагӣ ба дараҷаи камолот мерасанд. Ин муддати мусоиди хонадоршавии онҳост.

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар вақти бунёди оила ба синну соли никоҳӣ риоя кардани ҷавонон шарт аст. Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ин муддат барои писарон 18-солагӣ ва барои духтарон 17-солагӣ муайян шудааст. Пурра ба балоғат нарасида ё мӯҳлатро гузаронда, хонадор шудан барои ҳам фарзанд, ҳам модар ва ҳам ҷамъият зарарнок аст.

Мувофиқи маълумоти сармутахассиси Садорати таълими

халқи вилоят Мамлакат Равшанова дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷу литсейҳо, донишкадаву донишгоҳҳо дар асоси барномаҳои махсус ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ тайёр мешаванд. Онҳо тарзи ҳаёти солим, асосҳои оила ва никоҳ, гигиена ва ҳаёти ҷинсиро бояд донанд, лекин баъзан дар рафтору кирдорашон аксашро мебинем. Ҳар пешинӣ ё бегоҳӣ дар хиёбонҳову боғҳои истироҳатӣ духтарон бо либосҳои аврупоӣ ва писарони шими ҷинсипӯшро ҳамоғӯш мебинем. Ба назарам, онҳо бесоҳибу бесаробон мондаанд. Волидон ва хешовандон аз ин корҳои бешарму ҳаёи онҳо огоҳ нестанд, рафторашонро назорат намекунанд. Гумон аст, ки онҳо аз асосҳои оила ва никоҳ, гигиена ва ҳаёти ҷинсӣ огоҳанд ва фарзандони солимро ба дунё оварда метавонанд. Сифати таълиму тарбия дар ҳамаи оилаҳо ва муассисаҳо мувофиқи талаб нест.

Иҷрои талабҳо ва қоидаҳои кодекси оила, қонуну қарору фармонҳои дахлдор ва Барномаи Соли кӯдаки солим барои бартараф намудани ин камбудиҳо бояд хизмат кунанд.

Шавкат БАҲРОМОВ.
(«Овози Самарқанд», 3-юми марти соли 2014, № 14)

# НАҚШ ДАР ДИЛ

*Аламҳои дили маҷрӯҳ дар ин коғаз баён кардам,*
*Ба хоки тира як дам оби чашмамро равон кардам.*

Дар айёми хазонрез хазон шуд умри Шумо, устоди азизам. Ман дар оғози роҳи зиндагии нави худ будам ва аз марги Шумо бехабар мондам.

Вопасин вохӯрӣ ва охирин сӯҳбатам бо Шумо аз пеши назарам дур намешавад. Он рӯз гуфта будед:

– Барои шумо сандуқчаи зебое сохтам ва дар болояш номи шумо ва домодшавандаатонро навиштам. Умед дорам, ки он дар рӯзи тӯятон аз ман тӯҳфаи беҳтарин ва хотирнишин мешавад. Ман он рӯз дар даст микрофонро гирифта, шуморо табрик мекунам ва тӯҳфаамро месупорам.

– Даруни сандуқчаро бо мақолаҳо пур карда равед, устод, – ҳазломез ҷавоб додам ман ва Шумо беихтиёр ба ин суханони ман хандидед.

Сад афсӯс, он рӯз охирин сӯҳбати ман бо Шумо будааст, устод, ки на ба ман аён буду на ба Шумо. Дер фаҳмидам фавти Шуморо. Фаҳмидаму бовар намекардам… Бовар намекардам, ки дигарбора Шумо – устоди азизамро намебинам. Аз шунидани марги Шумо дилам хун гашт… Чаро дунё ба Шумо зулм кард?

Рӯзи тӯйи арӯсиам ҳама ҳамкасбону устодонам ҷамъ омаданд. Ман дар пешгаҳ нишаста, аз даруни онҳо беихтиёр Шуморо ҷустам, устод… Вале Шуморо надидам. Пайдо накардам чеҳраи хандони Шуморо. Нашунидам дигар суханҳои сеҳрангези Шуморо. Ба ҷойи он сандуқча гӯё хабари марги худро тӯҳфа кардед, ки диламро реш-реш сохт.

Дар ин рӯзҳо хеле зиёд аз Шумо ёдовар мешавам, устод.

Чеҳраи ба ханда моили Шумо, суханҳои Шумо, шеърхониҳои шумо аз пеши назарам дур намераванд. Ҳар лаҳза умед

мекунам, ки чун ҳарвақта баъди муддати дуру дароз боз ба идора даромада меоед ва дидори Шуморо мебинам. Кош ҳамин тавр мешуд, устод, кош…

Ба ман ҳамеша ҳазломез «комсомолка», «студентка» гӯён муроҷиат мекардед ва ин суханҳои Шумо ҳамон зери гӯшам садо медиҳанд. Аз набудани Шумо дар ин дунё дилам ба фарёд омад, чашмонам нам гирифт.

Ҳар гоҳ бо мақолаи худ вориди утоқи кориатон мешудам, болои мизи кориатон пур аз китобу коғаз буд. Шумо саргарми кор. Ман оҳиста мақолаамро ба Шумо дароз мекардаму хонда таҳрир карданатонро илтимос менамудам ва мерафтам. Шумо бошед, дигар варақҳоро ба як сӯ гузошта, аввал мақолаи маро мехондед ва муддате нагузашта, агарчӣ коратон зарур бошад ҳам, ба наздам меомадед… Ман аз ин амали Шумо дар ҳайрат мемондам. Хатоҳоямро мегуфтед. Чӣ тавр навиштанамро мефаҳмонидед. Тарбияи шогирдро ба дараҷаи аввал мегузоштед.

Хоксор будед, бекинаю беозор ва меҳрубон. Дӯстдори касбатон будед ва устои моҳир ҳам. Вале намедонам, кадом ташвиши зиндагӣ азоб медод Шуморо. Дили пурдард доштед, аз чеҳраатон пай мебурдам онро. Дар айни камолот ногаҳон падруд гуфтед ҷаҳонро. Аммо сабақҳои хотирнишинатон, чеҳраи ҷозиб, соддагиву хайрхоҳӣ, фидокорӣ, муҳаббат ба касб ва кӯмакҳои беминнати Шумо дар дили мо – шогирдонатон нақш бастааст.

Инсони оддӣ ва покдил будед. Кинаву бадӣ бегона буд бароятон. Бо дили пурдарду алам аз ин дунё рафтед. Садҳо умеду орзуҳоятон ҳамроҳи Шумо зери хок гаштанд.

Баҳор омад. Чаман сарсабзу гулпӯш гашт. Рӯйи қабри Шумо ҳам сабза дамид. Илоҳо, ҷоятон аз ҷаннат, охирататон обод ва қабратон ҳамеша гулпӯш бод, устоди арҷмандам! То дар дунё ҳастам, Шуморо ба некӣ ёд меоварам ва сабақҳои Шуморо то абад фаромӯш намекунам.

Ба лутфи хеш, Худоё, равони ӯ хуш дор,
Бад-он ҳаёт бикун з-ин ҳаёт хурсандаш.

Дилдора ҲАЛИМӢ.
(«Овози Самарқанд», 8-уми апрели соли 2015, № 30)

# БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ПОС МЕДОРАНД

## *ё худ ёддоштҳо ва таассуроти С. Айнӣ аз Ҳоҷӣ Абдулазиз*

Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов ҳофизи машҳури самарқандӣ ва устоди номии «Шашмақом» буда, дар тараққиёти санъати мусиқии ду халқи бародар – тоҷику ӯзбек хизмати калоне кардааст.

Маҳорат ва истеъдоди сарояндагӣ, овози мафтункунанда, нолаҳои фусункоронаи танбӯри ӯ ва салиқаи баланди нисбат ба шеъру мусиқӣ доштааш тамоми санъаткорону адибон ва донишмандони замонашро дар ҳайрат гузошта буд. Нисбати ин санъаткори бузург эътиқоду эҳтироми устод Садриддин Айнӣ басо баланд буд. Дар бораи ин санъаткор С. Айнӣ дар қисми чорӯми «Ёддоштҳо»-и худ навиштааст. Мақолаи устод бо номи «Санъаткори бузург» соли 1936 дар журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудааст. Инчунин хотироти С. Айнӣ ба забони ӯзбекӣ «Самарқандий Ҳожи Абдулазиз билан дастлабки учрашганим» дар газетаи «Қизил Ӯзбекистон» 6-уми июли соли 1954 дарҷ гардидааст..

Дар таълифоти хеш оиди Ҳоҷӣ Абдулазиз устод Садриддин Айнӣ мулоқоти худро бо санъаткори даҳо хеле батафсил баён намудааст ва таассуротеро, ки аз шунидани сурудҳои ҳофиз пайдо кардааст, бисёр таъсиромез ҳикоя мекунад.

Устод Айнӣ менависад: «Мо якчанд шарикдарсон Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандиро надида, танҳо таъриф ва шӯҳрати ӯро шунида будем. Табиӣ, мо бо як ҳирси тоқатгудоз орзу доштем, ки ин симои машҳурро ҳам бинем ва овози дилнавози ӯро шунавем».

Иттифоқо, ҳамон вақтҳо (солҳои 1900-ум) яке аз бойҳои ка-

лони Бухоро тӯй мекунад ва Ҳоҷӣ Абдулазизро ҳам даъват мекунад. Дар он тӯй ба Айнӣ ва дӯстони ӯ фақат аз паси тиреза дидани Ҳоҷӣ Абдулазиз муяссар мегардад. Дар ин хусус худи Айнӣ менависад: «Мо аз пушти шишаи тиреза монанди домодшавандагони замони қадим, ки аз пушти девор ё тарқиши дар бо як ҳирсу шавқ ба арӯсшавандагонашон нигоҳ мекарданд, бо диққат чашм дӯхтем. Ҳоҷӣ Абдулазиз ширингӯйӣ мекард, механдид ва бо суханҳои хуб паҳлунишинони худро механдонд».

Сонитар, Ашрафҷон ном яке аз рафиқони Айнӣ, ки касби сандуқсозӣ дошту бо сандуқсозони Самарқанд рафтуой мекард, ба ин муносибат бо Ҳоҷӣ Абдулазиз ҳам шиносоӣ пайдо карда буд, ҳофизро ба Бухоро гирифта омад.

«Он шаб, – менависад С. Айнӣ, – то дамидани субҳ базми ҷамшедӣ шуд. Ин буд нахустин шиносоии ман бо Ҳоҷӣ Абдулазиз».

Бори дигар вохӯрии С. Айнӣ бо Ҳоҷӣ Абдулазиз дар райони Хатирчӣ воқеъ гашта буд. Худи С. Айнӣ ин вохӯриро чунин тасвир мекунад: «Соли 1904 ман бо як шарики худ барои саёҳат ба райони Хатирчӣ афтодам. Мо бозору растаро тамошо карда мегаштем, ки нохост чашмам ба Ҳоҷӣ Абдулазиз афтод. Ӯ дар сари дӯкони баззозӣ чой хӯрда менишаст. Ӯ ҳам маро дида якбора аз сари дӯкон фаромад, мо дар миёнҷои кӯча бо якдигар бағал кушода вохӯрдӣ кардем. Мо гапзанон то Тӯққузҳавз ном истироҳатгоҳи Хатирчӣ баромадем. Дар он ҷо дар самоворхонае нишастем. Гоҳо сӯҳбат мекардем, гоҳо Ҳоҷӣ дутори самоворчиро навохта хонда медод...

Рӯз бегоҳ шуд, Ҳоҷӣ ба қӯшхонаи худ рафт, мо ҳам ба бошишгоҳи худамон, ки дар мадрасаи Хатирчӣ буд, баргаштем...»

Нисфи шаб касе омада, Айнӣ ва рафиқи ӯро мувофиқи дархости Ҳоҷӣ Абдулазиз ба хонаи Раҷаббой – оқсоқол даъват кард.

«Ин ҳавлии ҳамон шахсе будааст, ки мо он рӯз Ҳоҷиро дар сари дӯкони ӯ дида будем. Дар он ҷо Ота Ғиёс ном танбӯрии

бухороӣ ва Муҳаммадҷон ном хонандаи бухороӣ ҳам буданд, ки мо онҳоро дер боз мешинохтем... Имшаб ҳам базми ҷамшедӣ шуд».

С. Айнӣ вохӯрии дигарро бо ҳофизи машҳур чунин ҳикоя мекунад: «Ман дар соли 1908 бо Ҳамидҷони Меҳрӣ ном шарикам аввалин бор ба Самарқанд афтодам. Мо бо як шарики дигарамон – Мирзо Абдулвоҳид Мунзим, ки он вақтҳо дар Самарқанд, дар матбааи Демуров буд, бозори Самарқандро тамошо кардем. Дар вақти бозгашт дар роҳ гӯрхонаи амир Темурро тамошо кардем. Дар ин ҷо мо бо Иброҳими сандуқсози самарқандӣ, ки бо ӯ дар Бухоро дар хонаи Ашрафҷони сандуқсоз шинос шуда будем, дучор гаштем. Ӯ моро ба хонаи худ даъват намуд... Ба хонаи Иброҳим, ки дар наздикии дарвозаи Сӯзангарони Самарқанд будааст, рафтем. Иброҳим бо чою дастурхон писарашро пеши мо гузошта, худаш ба суроғи Ҳоҷӣ Абдулазиз рафт ва ӯро аз боғаш, ки дар беруни шаҳр будааст, ёфта овард.

Ҳоҷӣ савора омад, дар ин ҷо ҳам то саҳар навохта ва хонда дод, бо сафед шудани рӯз боз савора ба боғаш рафт.

Баъд аз ин таърих пойи ман ба Самарқанд яла шуд, ҳар сол тобистон ба Самарқанд омада ду-се ҳафта ҳаво хӯрда боз ба Бухоро бармегаштам. Дар ҳар кадоми ин саёҳатҳо албатта якду бор Ҳоҷиро ёфта, дида, навои дутор ва овози обдори ӯро мешунидам...»

Дар навиштаҳои худ С. Айнӣ дигар воқеаҳоро ҳам нақл мекунад. Устод менависад: «Оқибат соли 1917 расид. Баъд аз фалокати 75 чӯби амир, дар моҳи июни он сол ман тамоман ба Самарқанд кӯчидам.

Дар ин ҷо бемор шуда, дар хонаи яке аз навшиносҳоям (С. Айнӣ ин ҷо Исматулло Раҳматуллозодаро дар назар дорад, ки аз муаллимони равшанфикри Самарқанд буда, дар кори маорифи халқ хидматҳои босазое кардааст. – Н.М.), ки дар гузари Сӯфирозиқ буд, афтодам. Ҷавонони самарқандӣ, ки ман бо

онҳо ба тозагӣ ошно шуда будам, ҳар шаб пеши ман омада, сӯҳбаткунон менишастанд ва кӯшиш мекарданд, ки маро хурсанд кунанд. Дар он миён яке аз самарқандиёни навошинос хоҳиш намуд, ки ҳамроҳи ӯ ба Шакардиза (Чокардиза) биравам, ки дар он ҷо Ҳоҷӣ Абдулазиз мехондааст.

Баъд аз шунидани номи Ҳоҷӣ Абдулазиз, албатта, ман ин хоҳишро рад накардам. Соҳиби ҳавлӣ ҳам ба мо ҳамроҳ шуд. Мо се нафар шуда, роҳи Шакардизаро пеш гирифтем...

Сарҳавзи калон ва сатҳи фарохи Шакардизаро дарахтони азимулҷуссаи кӯҳансол бо шоху баргҳои худ фурӯ гирифта буданд. Дар атрофи ҳавз, бар рӯйи намаду гилемҳо мардум монанди сояҳои хаёлӣ ғунҷоғунҷ нишаста буданд. Дар як тарафи сарҳавз бар болои чорпоя ва катҳои баландпоя як ҷамоа мардум ҷой гирифта буданд, ки дар байни онҳо Ҳоҷӣ Абдулазиз ҳам буд. Ӯ менавохт ва месуруд, дар айни ҳол бо ишораи чашм, паррондани абрӯ ва табассуми лаб бо ояндагон пурсупос ва бо нишастагон гуфту шунид ҳам менамуд.

Мо ҳам дар гӯшаи яке аз он чорпояҳо ҷо гирифта, чашму гӯши худро ба тарафи Ҳоҷӣ Абдулазиз фаро додем. Ӯ баъд аз он ки ғазали дар вақти омадани мо хонда истодаашро ба поён расонида ба тарафи ман як табассум ва ишораи маънидоронае кард ва ғазали Камоли Хӯҷандӣ, ки матлааш ин аст

*Рӯят ба чунин дида тамошо натавон кард,*
*Ҷуз васли ту дар сина таманно натавон кард.*

дар ҳавои мавригии Бухоро ба сурудан даромад. Ин он ғазал буд, ки дар нахустин вохӯрданам бо Ҳоҷӣ дар Бухоро дар соли 1900-ум аз забони ӯ, бо айни ҳамин оҳанг ва сӯзу гудоз шунида будам.

Ғазал ба поён расид. Ҷудоӣ аз ёру диёр, маҷрӯҳии ҷисмонӣ, маъюсии рӯҳонӣ, торикии истиқбол – ҳар кадоми инҳо дар дили аламдидаи ман як гиреҳи хунӣ баста буданд, ки гӯё но-

хуни Ҳоҷӣ дар вақти зарба заданаш ба тори дутор он гиреҳҳоро нештар зада мекушод ва хунҳои аз онҳо ҷорӣ шуда бо роҳи чашмони андӯҳолудам ба канорам мерехт...»

Устод С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ роҷеъ ба Ҳоҷӣ Абдулазиз чунин гуфтааст: «Ҳоҷӣ Абдулазиз бо навохтани дутор ва сурудани ғазалҳои обдор рашковари булбулони гулзор буд». Ин ҷо устод Айнӣ бо таъбири «булбулони гулзор» ба Қорӣ Наҷмӣ ва Қорӣ Камол ишора кардааст. Дар ҳақиқат ин ду санъаткор дар замони худ бузургтарин шашмақомхонҳои Бухоро буданд, ки Ҳоҷӣ Абдулазиз бо овози рӯҳафзою навои дилангези дутораш онҳоро ба рашк оварда будааст.

Истеъдоди баланди санъаткории Ҳоҷӣ Абдулазиз нисбат ба онҳо дар чист?

Ҳоҷӣ Абдулазиз мазмунҳои оламгири шеърҳои Рӯдакӣ, Анварӣ, Соиб, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Фузулӣ, Васлӣ, Сипандӣ ва дигаронро бо омезиши нолаю оҳангҳои ҷонсӯзи «Шашмақом» ба дили ҳар як шунаванда ба зудӣ бурда мерасонидааст. Шунаванда аз овози ширадори ин нағмасаро ва хурӯшу нолаҳои таъсиромези дутори ӯ ба тарабу нишот меомадааст.

Хизматҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз дар соҳаи «Шашмақом» калон аст. Вай ба он тағйиротҳои ҷиддӣ даровард. Ба ин асари классикӣ рангу бӯй ва таровати тозае бахшид. Ӯ ҳамаи вариантҳои гуногуни «Шашмақом»-ро омӯхта, ҷамъбаст намудааст, чанде қонуну қоидаҳои онро аз нав кор карда, таркибҳои онро таъсиру ҷилои нав бахшидааст.

Бастакор 11-уми январи соли 1936 аз ҳаёт чашм пӯшид. Устод Айнӣ дар рӯзи маросими дафни Ҳоҷӣ Абдулазиз, ки ӯ худ раҳбари ин маросим буд, ғазали «Натавон кард»-и Камоли Хӯҷандиро, ки дар иҷрои ӯ шунида, таассуроти калоне гирифта буд, ёдоварӣ намуда навиштааст: «Ман ғазали мазкурро бо он оҳанг, дар зери он ҳасрат ва андӯҳе, ки дар моҳи июни соли 1917 аз забони Ҳоҷӣ Абдулазиз бо нағмаи дутори ӯ шунида будам,

дар рӯзи дафни ӯ, дар 11-уми январи соли 1936 бо айни ҳамон оҳанг ва дар зери ҳамон ҳасрат ва андӯҳ аз забони шогирди ӯ шунидам ва дар зери ҳамон ҳасрат ва андӯҳ ҷасади Ҳоҷиро ба хок супурдем».

Ҳамин тариқ, ин ду даҳо – Ҳоҷӣ Абдулазиз ва устод Садриддин Айнӣ дар таърихи мусиқӣ ва адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбек, ривоҷу инкишофи санъат ва адабиёт саҳми бузургеро гузошта, ҳар дуяшон ҳам дар соҳаи худ роли асосгузориро бозидаанд.

Нӯъмон МАҲМУДОВ, муаррих.
(«Овози Самарқанд», 12-уми октябри соли 2016, № 81)

# ПУЛ ЁФТЕМУ...

Соат 5:00-и пагоҳӣ. Акнун равшанӣ атрофро мунаввар месозад. Шамоли форам мевазад. Заргула аз тайёрагоҳи Тошканд берун баромад. Аз ҳавои софи саҳарӣ чуқур-чуқур нафас кашид.

– Оҳ, чӣ хуш аст! Ман ба Ватани азизам омадам. Шукр, ки боз аз ҳавои софу беғубор нафас кашидан насибам гашт, – гӯён ба атроф бо чашмони тар, ки ашки шодӣ мерехт, нигарист. Оромона ба гирду атроф, одамону биноҳои боҳашамат зеҳн монд. Дар даст ҷомадону борхалтаҳо дошт. Аз вазнинии онҳо базӯр роҳ мерафт.

– Ба касе омаданамро хабар надода, саҳв кардаам. Акнун чӣ тавр ба хона мерасам? – аз дил гузаронид ӯ.

Ҳамин вақт ронандае «ба Самарқанд як нафар даркор, ойтиҷон шумо ба кадом тараф?» – гуфта, ҷомадони ӯро аз дасташ гирифт. Заргула борҳояшро ба сабукрав ҷо ба ҷо карду ба мошин савор шуд. Мошин ба роҳ даромад.

Заргула гӯё аз оинаи мошин атрофро тамошо мекард. Аммо ӯ ғарқи андешаҳо буд.

– Ҳоло хона меравам, ҷигарбандонамро ба оғӯшам мегирам. Онҳо аллакай калон шудаанд. Оё Назирҷон маро мешинохта бошад? Вақти рафтанам Дилнавоз 4-сола, Нозанин – 2-сола ва Назирҷон 5-моҳа буд.

Ҳодисаи аз ин се сол пеш рухдода ба ёдаш расид. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

Заргула бо таклифи дугонааш азми сафари давлати Туркияро кард. Ҳарчанд аҳли хонадонаш, шавҳараш ва модаршӯву дигарон ба ин қарори ӯ зид баромаданд, бо вуҷуди он вай розигии онҳоро гирифт. Рӯзи рафтанаш расид. Либосҳояшро барои сафар омода месохт. Ҷигарбандонаш дар рӯйи хона ором хоб мекарданд. Аз рухсори беғубору чун моҳ зебои онҳо бӯсид. Шиками Назирҷони 5-моҳаро сер кард. Гӯё кӯдак чизеро сар-

фаҳм рафта бошад, бо ангуштони майдаякаш дастони модарашро дошта мегирист. Заргула суруди «алла»-ро хонда, ӯро хобонду бо дили нохоҳам ба роҳ баромад...»

Рӯзҳои аввал дар Туркия азоб кашид. Чеҳраи ҷигарбандонаш ӯро ором намегузоштанд. Ҳар дақиқаву ҳар соат бо хаёли фарзандонаш, бо умеде, ки ба онҳо ояндаи дурахшонро ҳадя месозад, кор кард.

– Хоҳарҷон, шумо аз кадом давлат меоед? – гуфтани ҳампаҳлӯяш Заргуларо ба худ овард. Гоҳ бо андешаву гоҳ бо сӯҳбати ҳамсафарон ба Самарқанд расиданд. Заргула низ дар сари кӯчаи манзилгоҳаш ба ронанда роҳи сафед талабида, назди дарвозаи ҳавлиаш қарор гирифт. Аз даруни ҳавлӣ садои хандаву даву този бачаҳо меомад. Таппиши дили Заргула тез шуд. Вуҷудашро ҳиссиёте пахш намуд. Оҳиста дарвозаро тела доду ба дарун даромад. Бачаҳо аз чор тараф сӯйи дарвоза давиданд. Назди дар Заргуларо дида, якбора шах шуданд. Заргула оғӯш кушод, аммо онҳо ҳайрон меистоданд. Худ як-як ба назди онҳо рафта, «ман модаратон ҳастам, маро нашинохтед?» – гӯён аз сару рӯяшон бӯсид. Дилнавозу Нозанин ба маънои тасдиқ сар ҷунбонида бошанд ҳам, Назирҷон ба ӯ наздик нашуда, аз домани бибиаш Ҳанифа маҳкам медошт...

Як ҳафта бо умеде, ки фарзандонаш бо ӯ унс гиранд, дар ҳавлии модаршӯяш зиндагӣ кард. Аммо дар чашмони фарзандонаш нисбати ӯ меҳре падидор нагардид. Ҳарчанд онҳоро ба оғӯш мекашид, мебӯсид, тӯҳфаҳои овардаашро ҳадя менамуд, ҳар он чизеро ки мехоҳанд, барояшон омода месохт, вале онҳо ба ӯ наздик намешуданд. Номашро ба забон намегирифтанд. Ниҳоят ӯ қарор кард, ки фарзандонашро ба хонае, ки харида буд, мебарад. Зеро дар ҳавлии модаршӯяш боз се авсунаш истиқомат мекарданд.

Фарзандонашро маҷбур сохт, ки ҳамроҳаш ба хонаи «нав», яъне худашон кӯчанд. Онҳо розӣ нашуданд...

– Ба мо шумо ҳам, тӯҳфаҳоятон ҳам даркор не. Вақте ки На-

зирҷон аз гушнагиву ташнагӣ гиря мекард, шумо куҷо будед? Ҳангоме ки ман бори аввал ба мактаб қадам монда, хондану навиштанро меомӯхтам, чаро аз дастам дошта, навиштанро ёд надодед? – гуфтани Дилнавоз дили Заргуларо реш-реш кард. Ба қавле, чашмонаш чун мош кушода шуданд. Фаҳмид, ки ба чӣ хел хатои ҷиддӣ роҳ додааст. Молу чиз гӯён аз меҳри фарзандон ҷудо шудааст…

Фаҳмид, ки шавҳараш низ аз баҳри ӯ баромадааст.

***

Дар истгоҳи бозори Сиёб интизори автобус будам. Наздам ду зани миёнсол омада истоданд. Ҳар ду ҳам дар тан либоси азодорӣ доштанд. Сӯҳбати онҳо аз хусуси нарху навои маҳсулоти рӯзгор ва либосҳо мерафт. Агар яке аз серобии растаҳои бозор ҳарф занад, дигаре шароиту сифати маҳсулотро ба забон мегирифт.

– Ҳамааш хуб асту аммо ба тӯй ва маросимҳои мотам анъанаҳои нави миёншиканро илова кардаанд-дия, – гуфт.

– Мардуми мо ба дабдабаву худнамоӣ одат кардаанд.

– Шумо аз шаҳри дур омадед? – пурсидам аз зан.

– Ҳа, якчанд сол дар мамлакати хориҷа зиндагӣ кардам. Дар он ҷо фақат кор мекардем. Маъракаву хароҷотҳои зиёдатӣ набуд. Якчанд нафар ҳамшаҳриён танҳо рӯзҳои таваллуди якдигарро қайд мекардему халос. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, дабдабабозиву хароҷотҳои калону исрофкориҳои мардумамонро дида, аз ростӣ ангушти ҳайрат газидам. Маълум аст, ки ҳамаи амалҳои онҳо фақат барои худнамоист. Гӯё маъракадорон дар пойгаи «Ман аз ту зӯртар!» иштирок мекунанд, – асабонӣ гашт зан. – Бисёрии шаҳрвандони мо бо чӣ азобу машаққат аз оила, ёру дӯст ҷудо гашта дар мамлакатҳои хориҷӣ кор мекунанд. Аммо баъд аз бозгашт он пулҳои ба қавле, бо нӯги сӯзан ҷамъ кардаашро бо панҷшоха бод медиҳанд…

– Дар ҳақиқат, ин рафтори онҳо чунин менамояд, ки гӯё онҳо кони пулро ёфтаанду аз он бе душворӣ ҳамёнашонро пур

мекунанд, – фикри занро ҷонибдорӣ намудам ман.

– Якчанд сол боз ман ҳам ба хориҷа рафтуо мекунам, – суханашро давом кард зан. – Шукр, корам хуб аст. Мо се хоҳар дар як шаҳр кор мекардем. Боз як додар дорем, ки ӯ бо оилааш дар ИМА зиндагӣ мекунад. Модарамон дар Самарқанд танҳо зиндагӣ менамуданд. Бинобар ин, гоҳ додарзодаву гоҳ хоҳарзода, набераҳо ва ё фарзандони ҳамсояро наздашон мехонданд. Моҳи феврали ҳамин сол модарамон якбора бемори бистарӣ шуданд. Чор нафар фарзанд ҳамаамон дар шаҳри дур будем. Бадбахтона, ягон нафарамон имкон надоштем, ки ба нигоҳубини модарамон биёем. Вақт бо шиддат мегузашт. Рӯзе хабар расид, ки модари меҳрубонамон ин дунёро тарк кардаанд. Баъд чашмамон кушода шуд, ки чӣ қадар гавҳари ноёбро гум кардаем. Барои ба манзили охирин гуселониданашон шитофтем. Аммо аллакай дер шуда буд. Модарамонро бе мо ба хок супурданд. Мо ҳангоми зиндагӣ ба аёдаташ наомада, ҳоло дар тан либоси мотам гирифта, ёдашон мекунем. Ба рӯҳи покашон дуо мехонему дастархон мекушоем. Охир худи ҳамин гуна рафтори мо низ худнамоӣ нест? Медонед, аз ҳама аламовараш он аст, ки ман вақти бемори бистарӣ шудани модарам, вақте ки ба ӯ кӯмак лозим буд, модарамро нигоҳубин накарда, дар мамлакати хориҷа ба кампираке ғамхорӣ мекардам. Ман он ҷо барои кампири бегона, ҳатто ирқу миллаташ дигар аст, хӯрокҳои болаззат пухта, мехӯрондам, ҳатто шустушӯяш мекардам. Медонам акнун сад пушаймониву тавбаву тазарру модарамро барнамегардонад. Аммо ҳар рӯз худро сарзаниш мекунам, ки чаро дар вақти даркорӣ назди модар набудам...

Дилафрӯз ОБЛОҚУЛОВА.
(«Овози Самарқанд», 17-уми июни соли 2017, № 49)

# МАКТАБҲОИ АВВАЛИНИ ФАЛСАФӢ ДАР САМАРҚАНД

## *ва зинаҳои ривоҷёбии онҳо*

Самарқанди куҳанбунёди ҳамешаҷавон аз қадим чун гаҳвораи илму фан ва маданият, дар қатори дигар фанҳо барои ривоҷёбӣ ва ташаккули фанҳои фалсафӣ низ саҳми арзанда гузоштааст. Инро аз тадқиқ намудани ҷараёни пайдоиш ва ривоҷи мактабҳои фалсафии қадимӣ дар ҳудуди Самарқанд низ фаҳмидан мумкин аст. Мақсад аз омӯзиши фикрҳои фалсафии қадимтарин дарки ифодаи воқеаву ҳодисаҳои дар замонҳои гуногун рӯйдода дар шуур ва афкори фалсафӣ, ғоя ва таълимотҳое, ки дар натиҷаи ин ба вуҷуд омадаанд ва таъсири онҳо ба тараққиёти инсоният, хулосаи дуруст баровардан аз он таълимотҳо мебошад.

Мутобиқи зинаҳои ривоҷёбии афкори фалсафии классик генезиси фалсафаи миллиамонро ба ду давр тақсим карданамон мумкин аст:

– даври то ба Осиёи Марказӣ омадани дини Ислом – даври «Авесто»;

– даври пас аз паҳншавии дини Ислом дар ин минтақа даври маданияти Ислом.

Бояд гуфт ки дар даври якум дар натиҷаи ривоҷи илму фан ва маданият дар ҳудуди мамлакатамон мактабҳои фалсафии аввалин ба вуҷуд омадаанд. Мутаасифона, даври аввал пурра омӯхта нашудааст. Яке аз сабабҳои муҳими ин бо истилои юнониён таҳти сарварии Искандари Мақдунӣ вобаста аст, ки қисмати муҳими осори пеш аз ин давр офаридашуда аз ҷониби онҳо нест карда шудааст.

Дар Самарқанди куҳан, ки ҳазорон нафар мутафаккиру донишмандонро ба камол расондааст, мактабҳои фалсафии қадимтарин ташаккул ёфтаанд. Ин дар саҳифаҳои заррини таъ-

рих сабт шудааст. Тавре ки таърихро бе фалсафа фаҳмидан ғайриимкон аст, фалсафаро низ бе ҳақиқати таърихӣ дарк намудан имкон надорад. Мувофиқи зикри олими таърихшинос А. Бердимуродов, ҳангоми тадқиқи ибодатхонаи шаҳоматноки оташпарастон дар деҳаи Ҷартеппаи ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд (доир ба асрҳои V-VIII) аз он як қатор ашёи ноёб, чун суратҳои деворӣ, оинаҳои хитоӣ, ҳайкалчаи нуқрагин ёфт шудааст, ки ин ба маъное аз ривоҷи маданият ва маънавият дар ин манзил гувоҳӣ медиҳад. Ғайр аз ин, найи устухонии аз деҳаи Мӯъминобод ёфтшуда, аз он далолат медиҳад, ки аҷдодамон сеюним ҳазор сол муқаддам аз санъат ва маданияти сурудхонӣ воқиф будаанд. Агар таъсири мусбии мусиқаро, ки як намуди санъат аст, ба руҳияти инсон, тарбияи комили онҳо ба инобат гирем, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳамон замон гузаштагони мо барои худшиносӣ ва камолоти руҳӣ-маънавӣ кӯшиш кардаанд. Ва ин асоси донишҳои фалсафиро ташкил мекунад.

Дар аксари адабиёти илмӣ пайдоиши таълимоти фалсафиро бо зуҳури «Авесто» вобаста мекунанд. Аммо ба андешаи мо таълимот ва ғояҳои динӣ-фалсафии мардуми мо аз он пештар ташаккул ёфтааст. Чунки навиштаҷот, тасвирҳо ва таҷҳизоти гуногуни ҳунармандӣ, ки аз харобаҳои Афросиёб ёфт шудаанд, аз пайдоиши афкори фалсафии аҷдодонамон дар он замон гувоҳӣ дода, дертар дар китоби муқаддаси дини зардуштиён дар шакли мукаммалтар ифода ёфтаанд. Айнан дар «Авесто» оиди фалсафаи табиат, фанҳои фалсафӣ, чун этика маълумотҳо мавҷуд аст. Ин дар навбати худ, фикри нодурустеро оиди пас аз истилои арабҳо дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Самарқанд ташаккул ёфтани донишҳои фалсафиро инкор мекунад.

«Мувофиқи маълумоти як манбаи таърихӣ, ки бо забони форсӣ навишта шудааст, аз ин 2700 сол муқаддам дар Самарқанд ибодатхонаи бузурги оташпарастон мавҷуд буда, дар

он китоби муқаддаси «Авесто», ки ба чандин ҳазор пӯсти гов бо ҳарфи тилло навишта шудааст, нигоҳдорӣ мешудааст. Сарлашкари юнониён Искандари Мақдунӣ ҳангоми истилои Самарқанд қисми зиёди китобро сӯхта, боқимондаро ба Юнонистон фиристонда будааст».

Ин маълумот аз мавҷудияти ибодатхонаи боҳашам ва навиштаҷот дар Самарқанд далолат медиҳад. Дар ибодатхонаҳо олимон бо омӯзиши астрономия, тибб, математика ва фалсафа машғул мегардиданд. Аз ин бармеояд, ки дар Самарқанд на танҳо ғунчаҳои илму фан, балки мактабҳои илмӣ ва дар сохтори онҳо фанҳои дақиқ вуҷуд доштаанд.

Хулосаи мантиқӣ намоем, дар он замон устоди Искандар – Арасту навиштаҳои «Авесто»-ро мутолиа карда, дар афкори фалсафии худ аз онҳо истифода бурдааст. Аз рӯйи санадҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки нахустин мактаби фалсафии Самарқанд дар замони ривоҷи дини оташпарастӣ ташаккул ёфтааст.

То замони вуруди Ислом ташаккул ёфтани нигоҳҳои фалсафаи мардуми Тӯронро оиди табиат, оламу одам аз ёдгориҳо ва навиштаҷоти Суғди қадим фаҳмидан мумкин аст. Яке аз чунин ёдгориҳои фарҳангӣ сутраи «Сабаб ва оқибатҳои гуноҳҳоямон» мебошад. Ғояи асосии ин асарро, ки дар зери таъсири таълимоти буддизм ба вуҷуд омадааст, раҳнамосозии одамон ҷониби некиву накӯкорӣ, маънан комил ва бо имону эътиқоди мустаҳкам тарбия кардани онҳо фаро мегирад.

Дар сутра, яъне пандномаи динӣ-ахлоқии Суғд таъкид гардидааст, ки дар асоси маънавияти инсон, садоқат ба дину эътиқод бояд ҷой дошта бошад. Мазмуни асосии сутраро раҳму шафқат, саховатпешагӣ, бадиро бо некӣ барҳам додан, ба ҳайвоноти зинда озор нарасондан, ба фитодагон, ниёзмандон аз таҳти дил ёрӣ кардан, эҳтироми диндорон, донишманду олимон ва дар худ пайдо кардани дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ташкил мекунад.

Гузаштагони мо, ки дар давоми солҳо зарбаҳои гуногуни таърихро аз сар гузарондаанд, барои ривоҷёбии дини Ислом низ саҳми муносиб гузоштаанд. Таълимот ва дини Ислом низ барои васеъгардии ҷаҳонбинӣ, омӯхтани донишҳои тоза ва ба зинаи нав баромадани маданияти мардуми Осиёи Марказӣ чун замина хизмат кардааст. Қобили эътироф аст, ки маданият ва дини Ислом дар ҳудуди кишвари мо ривоҷ ёфта, ба тамаддуни инсоният саҳми муносиб гузошт. Ҳангоми омӯхтани мероси маънавӣ ва илмии алломаҳои бузург чун Имом ал-Бухорӣ, Имом ад-Дорамӣ, Имом ат-Термизӣ, Муҳаммад ибн Мусо ал Хоразмӣ, Абӯмансур ал Мотурудӣ, Ҳаким ат-Термизӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абунаср Форобӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Ибн Сино, Муҳаммад ат Термизӣ, Абӯҳомид Ғаззолӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Азизиддин Насафӣ, Юсуф Хос Ҳоҷиб, Баҳовуддин Нақшбанд, Абдураҳмон Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон таъсири фалсафа ва дини исломро бояд алоҳида таъкид намуд. Чунки дар ҷаҳонбинӣ ва маънавияти халқиятҳои Осиёи Марказӣ дини Ислом ва мероси маънавӣ чун омили муҳим хизмат кардааст.

Мактаби фалсафии Самарқанд, ки дар асрҳои V-VII-и пеш аз милод ташаккул ёфта, барои пайдоиши таълимот ва ғояҳои муайян хизмат намудааст, як муддат пароканда мешавад ва дар асрҳои миёна аз нав барқарор мегардад. Аз таърих аён аст, ки дар асрҳои X-XI Самарқанд аз нав ба маркази илму маърифат табдил ёфта, ба ин шаҳри бузург аз дигар кишварҳо олиму донишмандон омада, дар мактабҳои мавҷудаи он илм омӯхтаанд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ дар ин давр бо тахаллуси Балхӣ, Димишқӣ, Бағдодӣ, Нишопурӣ, Астободӣ, Ҳамадонӣ, Бухороӣ, Насафӣ, Марзавӣ, Хӯҷандӣ, Марғинонӣ, Ахсикатӣ, Добусӣ, Термизӣ садҳо алломаҳо эҷод кардаанд ва дар Самарқанд дафн шудаанд.

Дар баробари як қатор мутафаккиронамон, чун Имом Бухорӣ, Имом ал-Мотурудӣ, Бурҳониддин Марғинонӣ, Абулайс

Самарқандӣ, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Саъдуддин Тафтазонӣ, Баҳоуддин Нақшбанд, Мир Саид Шариф Ҷурҷонӣ, Махдуми Аъзам, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки дар Самарқанд мактабҳои динӣ-фалсафии худро ташкил кардаанд, боз садҳо донишмадони дигаре, ки дар таърихи фалсафа омӯхта нашудаанд, корҳои илмияшон тадқиқ нагардидаанд, дар ташкили мактаби ба худ хос муваффақ гардидаанд. Дар қатори онҳо мутафаккирони барҷаста Имом ад-Дорамӣ, Абулқосим Самарқандӣ, Имом Абулҳасан ар–Рустуғфонӣ, Абумуқотил Ҳафс Самарқандӣ, Ал-Ҳаким ас-Самарқандӣ, Абу Бакр Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Ҳамза Хатиб Самарқандӣ, Алоуддин ас-Самарқандӣ, Муҳаммад ибн Алии Самарқандӣ, Муҳаммад ибн Ашраф Ҳусайнӣ, Низоми Арӯзӣ, Носируддин Самарқандӣ, Мусохон Даҳбедӣ ва дигаронро зикр карданамон мумкин аст.

Омӯхтани ақидаҳои фалсафӣ, тадқиқи мероси маънавии ин алломаҳои бузург, ки ном ва таълимоти онҳо дар китобҳои дарсӣ, дастури хонишӣ, рисола ва маҷмӯаҳои фалсафӣ зикр нагардидааст, барои чун инсони комил тарбия кардани насли наврас, мукаммал омӯхтани дину илм дар ин ҷараёни глобалшавӣ, пешгирии ҷиҳатҳои маълуми таназзули инсонӣ, нишон додани аҳамияти амалии назарияи инсони комил чун манбаи муҳим хизмат мекунад.

Имом Абулҳасан ар–Рустуғфониро, ки дар ривоҷи мактабҳои фалсафии Самарқанд ҳиссаи арзанда гузоштааст, муаррихон ва олимон чун шайхи бузург, олими шинохтаи замони хеш эътироф мекунанд. Самарқанд зодгоҳи ин олим аст, аммо дар бораи соли таваллуди ӯ дар манбаъҳои таърихӣ чизе навишта нашуда, соли 961 вафот кардааст ва қабраш дар ҳудуди хоҷагии ҷамоатии Азамати ноҳияи Иштихон мебошад.

Мувофиқи навиштаи таърихнигори араб Абдулҳай ал-Лакнавӣ «Китоб аз–завоид ва-л-фавоид» («Китоб дар бораи ашёи фоидаовар ва иловагӣ») ном асари Ар–Рустуғфонӣ ба тас-

нифи илмҳои гуногун бахшида шудааст. Дар ин асос гуфта метавонем, ки ӯ аз зумраи аввалин олимоне мебошад, ки дар асрҳои миёна доир ба таснифи илмҳо яъне классификатсияи фанҳо асари махсусро офаридааст. Он бояд дар доираи курсҳои махсуси масъалаҳои фалсафии фанҳо омӯхта шавад. Имом ар-Рустуғфонӣ аз шогирдони боистеъдоди Абӯмансур ал-Мотурудӣ буд. Аз ин бармеояд, ки ин мутафаккир дар илми фалсафаи ислом низ таълимоти муҳимро пеш бурдааст.

Дар асри X мактаби «Дор ал-Ҷузҷония»-и Самарқанд маркази илмие ҳисобида мешуд, ки дар тарғиботи ақидаҳои Абӯҳанифа аҳамияти муҳим касб мекард. Дар ин марказ олимони бузург чун ал-Мотурудӣ, Ҳаким Самарқандӣ ба камол расидаанд ва дар ҳамон замон ҳазорон нафар толибилмон дониш андӯхтаанд. Ба таърихи мактаб назар андозем, он тахминан дар асри IX аз ҷониби Абӯмуқотил Самарқандӣ бунёд гардидааст.

Абӯмуқотил Ҳафс Самарқандӣ (соли ваф. 823) яке аз олимони пешқадами Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. «Ал-Олим вал-мутааллим» ном асари ӯро Мотурудӣ мутолиа кардааст ва дар омӯхтани донишҳои ақоидӣ аз он пурсамар истифода намудааст.

Боз яке аз мутафаккирони бузург Ал-Ҳаким ас-Самарқандӣ буда, аз ҳадисшинос, мутакаллим ва воизи машҳури замони худ ба шумор мерафт ва чун олими барҷаста корҳои таърихии муҳимро ба анҷом расондааст.

Аз ҷумла, маҷмӯаи қоидаҳои оммафаҳмро тартиб додааст. Ин дар «Китоб ас-савод ал-аъзам» ном асари ӯ ифодаи худро ёфтааст. Ба сифати китоби арзишманд бисёр мутолиа шуда, чун китоби дарсӣ низ истифода гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар Самарқанд аз қадим ба мактабҳои бузург ва боргоҳҳои илм эътибори калон дода шуда, маънавият ва маърифати мардум ривоҷ ёфта буд. Дар асари олим Наҷмиддин Умар ан-Насафӣ – «Ал-Қанд фи зикри уламои Самарқанд» на-

вишта шудааст, ки шайхул-ислом Абӯбакр Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Ҳамза Хатиб Самарқандӣ дар он замон аз донишмандони бузурги Самарқанд ҳисобида мешуд. Ҳавлии ӯ барои толибилмон вазифаи мадрасаро иҷро кардааст. Худи ӯ низ мардумро ба дониш омӯхтан ва соҳибмаънавият шудан даъват мекард. Мактабе, ки таҳти ташаббуси ӯ муддати муайян фаъолият дошт, барои ривоҷи мактабҳои фалсафии Самарқанд саҳми муносиб гузоштааст.

Боз яке аз чунин шахсони бузург Шамс ул-Ислом, вакили барҷастаи мактаби фиқҳ, олим Алоуддин ас-Самарқандӣ (соли ваф. 1144) мебошад. Асоси фаъолияти илмии ӯ аз он иборат аст, ки дар замони худ илмҳои динӣ ва фалсафиро мукаммал омӯхта, дар рушди маданияти ислом тамоилҳои навро пеш бурдааст. Дар ин бобат Алоуддин ас-Самарқандӣ мактаби худро ташкил намудааст. Мероси илмии ин олим аз ҷониби профессори Донишгоҳи Оксфорд В. Маделунч тадқиқ карда шудааст. В. Маделунч таъкид намудааст, ки Алоуддин ас-Самарқандӣ баробари донишҳои динӣ доштан, илмҳои дунёвиро низ омӯхтааст. Андешаҳои фалсафиро оиди одам ва олам тарғиб намуда, мардумро саравваl ба некӯкорӣ – инсони комил шудан даъват кардааст.

Хулоса, мактабҳои динӣ-фалсафӣ ва илмии Самарқанд таърихи чандинҳазорсола доранд. Дар давоми солҳо ин мактабҳо ташаккул ёфта, барои болоравии илму фан ва маданияти ҷаҳон саҳми муносиб гузоштаанд. Қобили эътироф аст, ки ҳамон мактабҳои таърихӣ ба маънои том то ҳол фаъолияти худро давом медиҳанд. Инро дар мисоли фаъолияти яке аз масканҳои таълимии бонуфузи кишварамон – Донишгоҳи давлатии Самарқанд дидан мумкин аст. Дар ин боргоҳ авлоди ҷавон таълими илм намуда, зинаҳои нави донишро забт мекунанд. Аз чунин мутаффаккир ва донишмандони бузурги сарзамин ифтихор карда, ба ҷойи сухани охир ин даъвати Аввалин Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримовро меорем:

«Танҳо ифтихор кардан кофӣ нест, биёед, худи мо ҳам ба ҳамин мероси гаронбаҳо монанди онҳо саҳми худро гузорем!»

Баҳодур РАҲМОНОВ,
доктори фалсафа.
(«Овози Самарқанд», 28-уми феврали соли 2018, № 17)

# БАРОИ ТАЪМИРИ ХОНА-МУЗЕЙИ АЙНӢ ҚАРИБ ЯК МИЛЛИАРД СӮМ САРФ ШУД

Хона-музейи Садриддин Айнӣ. Даргоҳи муборaку муқаддас аст. Кошонаест, ки замоне ҳар гӯшаи он аз сӯҳбату маҳфилҳои адабии шоиру нависандагон, маърифатпарвар ва соҳибназарон мунаввар гардидааст. Ҳавлиест, ки сардафтари адабиёти муосири тоҷик, аъзои фахрии Академияи фанҳои Ӯзбекистон, академик ва нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон, арбоби ҷамоатӣ, нависанда, шоир ва олими барҷаста, муаллифи якчанд асар доир ба таърих ва адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ Садриддин Айнӣ беш аз 30 соли умри худро дар ин ҷо гузарондааст. Осорхонаест, ки ҳар гӯшаи он аз гузашти солҳо, воқеаҳо ва пасту баланди рӯзгори як адиби ҷаҳонӣ ҳикоя мекунад. Маскани муборакест, ки асарҳои нодир навишта шудаанд ва имрӯз аз дурдонаҳои адабиёти тоҷику ҷаҳон ба шумор меравaнд. Манзилест, ки аҳли фарҳанги ҷаҳонро чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашад.

Тӯли ду соли охир аз тарафи ҳукумат дар ин хона-музей корҳои таъмириву барқарорсозӣ амалӣ гардида, чанде пеш осорхона ба истифода супурда шуд.

Мо оиди корҳои таъмиру навсозие, ки дар хона-музей иҷро шуданд, шароитҳое, ки барои сайёҳони хориҷӣ ва меҳмонони маҳаллӣ муҳайё карда шудааст, бо мудири хона-музей Амриддин ПӮЛОДОВ сӯҳбат оростем.

**– Беш аз соле мешавад, ки дар расонаҳои ахбори умуми ҷумҳурӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ оиди таъмир намудани хона-музейи Садриддин Айнӣ мақолаҳо чоп шуданд.**

**То ҳол дар Хона-музей чӣ гуна корҳои таъмирӣ иҷро**

**гардиданд?**

– Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 11-уми декабри соли 2017 «Дар бораи Барномаи чораҳои такмил додани фаъолият ва мустаҳкамнамоии комплексии базаи моддиву техникии музейҳои давлатӣ дар солҳои 2017-2027» ва Барномаи мақсадноки бунёди биноҳо, реконструксия, таъмир ва таҷҳизонидани музейҳои давлатӣ дар солҳои 2018-2027, соли ҷорӣ барои реконструксия ва бозсозии Хона-музейи Садриддин Айнӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ 300 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Ғайр аз ин, аз тарафи ҳокимияти вилоят ва маъмурияти Музей-мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд ба таври илова боз маводи махсус ҷудо гардид. То ҳол барои таъмир ва навсозии музей қариб 1 миллиард сӯм маблағ сарф шуд. Рафти корҳои бозсозӣ зери назорати гурӯҳи махсуси корӣ амалӣ шуданд. Ҳангоми таъмир ҳавлии берунаро васеъ карданд. Бояд гуфт, ки дар рафти бозсозӣ композитсия дар ҳолати асл нигоҳ дошта шуд ва намуди зоҳирии он осебе надид.

**– Гузашти вакт ба ҳама чиз таъсири худро мерасондааст. Инак, ба бунёди ин ҳавлӣ низ аз як аср зиёд шудааст. Тӯли ин солҳо ба бино ягон зиёни ҷиддӣ нарасидааст?**

– Таҳкурсии ин хона 150 сол муқаддам гузошта шуда, хонаҳо бо усули чӯбкорӣ, ба таври дусинҷа бунёд гардидаанд. Ғайр аз ин, баъди ба шаҳри Душанбе рафтани устод Садриддин Айнӣ (охирҳои соли 1953) ин ҳавлӣ беш аз 10 сол бесоҳиб мемонад. Дар натиҷа он зарофати зиёд мебинад. Бояд гуфт, ки Хона-музейи Айнӣ осорхонаи оддӣ набуда, дорои аҳамияти таърихист ва дар ҳолати худ нигоҳ доштани он вазифаи муҳим мебошад. Ҳамин ҷиҳатро ба инобат гирифта, аз тарафи аъзои гурӯҳи корӣ консепсияи реконструксияи хона-музей таҳия гардид. Онро ба олимони шӯъбаи муттасадии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон пешкаш карданд. Баъди тасдиқи консепсия дар асоси он корҳои таъмиркунӣ оғоз гардид. Мувофиқи консепсия қисми шифти хонаҳо пурра аз нав бо ту-

нука пӯшонида шуданд. Дар натиҷаи боришот ва ҳодисаҳои табиӣ, сатҳи мадании замин қариб ба як метр боло рафта, синҷи хона зери хок монда буд. Дар натиҷа гардиши ҳаво дар таҳхона вайрон гардида, ин ба хонаҳои корӣ, меҳмонхона ва хонаи нишаст таъсири худро расонд. Дар рафти таъмир қариб як метр хоки зиёдатӣ гирифта шуд. Таҳхонаро тоза карда, барои «нафас» гирифтани хонаҳо чорабиниҳои зарурӣ амалӣ гардиданд. Аз тарафи устоён ҳар як қалама моҳирона бо наваш иваз карда шуд. Биноҳое, ки дар атрофи хона-музей ғайриқонунӣ қад рост карда буданд, пурра вайрон карда шуданд. Хонаи калон ба таври замонавӣ таъмир гардида, дар он аз тарафи музейшиноси шинохта Шомурод Рӯзимуродов намоишгоҳи асарҳо ва тасвирҳо аз ҳаёту фаъолияти адиб ташкил карда шуд. Инчунин, дар пешгаҳи қисми дарунии ҳавлӣ суратҳоро аз бойгонии хона-музей овехтем. Ҳар шахсе, ки онҳоро тамошо мекунад, бевосита дар бораи нависандаи барҷаста, хона-музей тасаввури амиқе мегирад.

**– Ҳоло дар тамоми соҳаҳо аз технологияҳои ахбори замонавӣ пурсамар истифода мебаранд. Дар чунин асри рушди технологияҳои иттилоотӣ мавҷуд набудани веб-сайти махсуси хона-музейро чӣ тавр эзоҳ додан мумкин аст?**

– Масъалаи боз намудани саҳифаи интернетии хона-музей ба нақша гирифта шудааст. Мо бо ташкилоти мутасаддӣ оиди барқарор намудани Wi-Fi шартнома имзо кардем. Кормандони масъул омада, тарҳи биноро омӯхтанд. Рӯзҳои наздик ин кор низ ҳалли худро меёбад. Пас аз барқарорсозии Wi-Fi фаъолияти веб-сайти хона-музейро низ ба роҳ мемонем.

**– Дар хона-музей иҷрои боз чӣ гуна чорабиниҳо дар назар аст?**

– Силсилаи корҳои таъмирӣ дар хона-музей ҳоло давом доранд. Танҳо корҳои бозсозии асосӣ ба поён расиданд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳо дар қисми дарунии ҳавлӣ, дар рӯ ба рӯйи меҳмонхона, солҳои пеш айвон будааст. Дар ҷойи худ

аз нав сохтани он ба нақша гирифта шуд. Ғайр аз ин, дар ояндаи наздик пайкараи устод ба таври замонавӣ таъмир карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар Хона-музейи Садриддин Айнӣ чӣ гуна кори таъмирие амалӣ нагардад, масъалаи бо намуди пешина нигоҳ доштани композитсияи ҳавлӣ дар ҷойи аввал меистад. Мақсад аз ин, дар дили ҳар як ташрифоваранда пайдо намудани рӯҳи ҳамон замон мебошад. Меҳмоне, ки ба ин даргоҳи муқаддас меояд, бояд дар ин манзил нафаси даври рӯзгори абармард Садриддин Айниро эҳсос кунад. Ба назараш чунин расад, ки гӯё устод бо зарурате ба кӯча рафтаанд ва ҳоли ҳозир бармегарданд. Нигоҳ доштани чунин фазои таърихӣ дар муҳит албатта барои афзудани теъдоди меҳмонон хизмат мекунад ва мақсади мо низ маҳз ҳамин аст.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
Ситора РАҲМОНБЕРДИЕВА.
(«Овози Самарқанд», 12-уми октябри соли 2019, № 81)

# МАН ДАР ИН ОИНА ХУДРО СОХТАМ ВА ҲАНӮЗ ҲАМ МЕСОЗАМ

Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Аълочии маорифи Ӯзбекистон Ҷумъа Ҳамроев аз ҷумлаи инсонҳои адабиётдӯсту фарҳангдӯст буда, солҳост, ки дар таълиму тадрис ва камолоти толибилмон саҳмгузорӣ мекунад. Ӯ инсони кушодадил, ширинсухан аст, ки аз сӯҳбаташ табъи кас болида мегардад. Ин адабиётшинос ва мунаққиди маъруф муаллифи чандин китобҳои илмӣ аст.

Ҳоло фишурдаи мусоҳибаро бо устод пешкаши хонандагон менамоем.

**– Устод, Шумо табъи нозуку диди баланд доред ва аз ҳама неъмат зеботарину беҳтаринашро меписандед. Зебоӣ аз назари шумо чист?**

– Одамизод вобаста ба синну сол зебоиро таъриф мекунад ва мафтуни он мешавад. Шояд дар ҷавонӣ ҷузъиёти зебоӣ арзишмандтар менамуд. Акнун дар ғуруби умр ба ин суол ҷавоб додани ман душвор аст. Ҳама кас ва ҳама чиз ба назарам зебо ва нотакрор аст. Ва меандешам, ки зебоӣ ҷузъӣ намешавад, куллӣ аст ва ба қадри кулл, дар вақташ бояд расид.

Ҳама чиз дар ҳаёт зебост – ҳам зиндагӣ, ҳам Ватан, ҳам хушиҳои ҳаёт. Тафаккурамон дар шинохт ва ҳифзи зебоӣ комил мешавад.

**– Шумо инсони кордону корчаллон ҳастед ва ҳама корҳоро раҳорах ба амал мерасонед. Чӣ гуна ба ин муваффақ мешавед?**

– Намедонам то куҷо «кордону корчаллон» ҳастам, вале як чизро хуб медонам, ки агар инсон дар иҷрои мушкиле, хоҳ ба манфиати худаш бошаду хоҳ ба суди дигарон, нияти нек ва та-

лоши содиқона дошта бошад, ҳам мушкили худашро ҳал мекунад, ҳам ба дигарон ёрӣ мерасонад. Дар ин замина фақат содиқона талош бояд кард. Зоҳирнамоиро хуш надорам.

**– Камоли сифатҳои неки худро натиҷаи асари кадом ҳамнишин медонед? Ё ин ҳама бар асари чашми пандҷӯву ҳикматхон ва ибратгир доштанатон бар зиндагист?**

– Дар ташаккули шахсият ва сифатҳои неки инсонӣ ин ду омиле, ки шумо зикр кардед, нақши асосӣ ва муҳим доранд. Хушбахтона, дар зиндагӣ таъсири неки ин ду омил, яъне ҳамнишини хуб ва пандгирӣ аз воқеиятҳову сарнавиштҳо дар ман зиёд будааст. Ҳамнишинони аввалини некхисоли ман калонҳои хонаводаамон, аз падар сар карда то қарибони дигар буданд.

Муҳити хонаводагӣ маро аз шарри ахлоқӣ ҳифз карда, ба камол расонд ва чашмамро ба баду неки зиндагӣ кушод. Ин муҳит барои ман ҳанӯз ҳам донишгоҳи олии ахлоқист. Маро ҳамин донишгоҳ сохт ва ба кӯи одамият ҳидоят намуд. Фақат афсӯс мехӯрам, ки дар ҷавонӣ гоҳо шогирди гапнодаро ва камфаъолияти ин донишгоҳ будаам.

Аз омили таъсиргузори дигар дар ин замина устодону рафиқони мактабиву донишгоҳӣ ва ҳамкорону шарикони зиндагӣ, ки ҳама, ба бахти ман, ба маънои томаш инсонҳои шарифу некхоҳу раҳнамо буданд, наметавонам ёд накунам.

Дар ин замина омили дигари фаъол – «чашми пандҷӯву ҳикматхон ва ибратгир»-ро, ки шумо ёд кардед, наметавонам нодида гирам. Шоире гуфтааст, ки «Зиндагӣ сар ба сар панд аст», оре, дар давоми умр бисёр ҳодисаҳо, рафтори шахсиятҳои гуногунро дида ва мушоҳида кардаам, ки дар ташаккули сифатҳои инсонии банда таъсири мусбат доштаанд. Ба ифодаи дақиқтар, аз хубиҳои одамони хуб барои худсозӣ баҳра бурдаам, амалҳои бади одамон низ бароям дарси ибрату пандгирӣ будаанд. Ман дар ин оина худро сохтам ва ҳанӯз ҳам месозам.

**– Дар ҳама вазъият салоҳи кор меҷӯед ва муросову мадоро...**

– Салоҳи кор дар ҳамаи давру замонҳо омили осоиш ва пешрафт буд ва мемонад, ҳам дар зиндагии шахсӣ ва ҳам дар ҳаёти иҷтимоӣ. Аз ин назар шиор ва ормони банда ҳамеша муросову мадоро буду мемонад.

**– Барои камоли маънавии инсон нақши муҳити хонавода муҳим аст ва ё муҳити иҷтимоӣ ҳам оё метавонад як инсони дар оила тарбият надидаро ба камол расонад?**

– Ҳар ду омиле, ки ёд кардед, дар ташаккули маънавии инсон муҳим ва таъсиргузор ҳастанд. Инро донишмандони соҳаи таълиму тарбия низ таъкид ва таъйид кардаанд. Ҳамон сухани Бӯалӣ Сино, ки мегӯяд «тарбия аз батни модар шурӯъ мешавад», маънои амиқ дорад. Хонавода зинаи аввал ва муҳим дар камолоти маънавии инсон аст.

**– Устод, биёед, дар мавзӯи нақши илм ва таълим дар ҳаёти шумо суҳбатро идома диҳем. Шумо чандин сол сарварии бахши суханшиносии тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқандро дар ӯҳда доштаед. Аз ин фаъолияти худ чӣ ҳикматҳо омӯхтаед, чӣ таҷрибаҳо андӯхтаед?**

– Солҳои зиёд, ки роҳбариро дар ӯҳда доштам, таҷрибаю малакаи сарварӣ, танзими идоракунӣ, ба роҳ гузоштани муносибати хубро бо ҳамкорон омӯхтам. Роҳбарӣ на фармондеҳӣ, балки хидматкунӣ буданашро дарк намудам. Чӣ моҳият ва чӣ заҳмат доштани номбардории миллатро фаҳмидам.

**– Агар касби муаллимӣ надоштед, ҳатман санъаткор мешудед, ё тадбиркор, ё тоҷир, ё..?**

– Агар қисмат чунин мехост, илоҷ набуд, вале ҳоло гуфта наметавонам, ки дар кадоме аз пешаҳои ёдкардаи шумо муваффақ мешудам.

**– Нақди адабии тоҷик дар Ӯзбекистон чӣ рушду нумӯе дорад?**

– Адабиёти тоҷикии Ӯзбекистон ҳамеша мавриди назари

мунаққидони соҳа қарор дорад. Дар ин замина метавон бо ифтихор аз фаъолияти олимони барӯманди кишварамон, мисли мӯҳтарам Ҳ. Қудратуллоев, Ҳ. Ҳомидӣ, С. Саъдиев, А. Абдуллоев, А. Субҳон, Э. Очил, С. Олим, М. Файзхоҷа ёд кард. Дар ин самт кӯшиш ва заҳматҳои олимони ҷавон аз қабили Н. Шоалиева, Хусрав ва чанд нафари дигар низ сазовори таҳсин аст.

**– Аз назари олими мунаққид кадом муаммоҳо имрӯз молики аҳамият ҳастанд ва бояд омӯхта шаванд?**

– Ба назари банда, мо дар шинохти ҳунарии осори адабӣ дасткӯтоҳиҳо дорем. Нақди адабӣ пеш аз ҳама бояд ба ҳунари ин ё он адиб баҳо диҳад, арзиши осори ӯро муайян кунад. Аз ин ҷиҳат масъалаҳои назарии нақд дар рӯзгори мо аҳамияти бештар пайдо карда истодаанд, ки талаби вақт аст.

**– Дар бораи рушди шеъри тоҷик дар Ӯзбекистон чандин мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, аммо масъалаи инкишофи насрро то ба ҳол касе аз олимон ҷиддан ба риштаи таҳқиқ накашидааст. Насри муосири тоҷик аз назари мунаққиде мисли шумо чӣ бурду бохтҳо дорад?**

– Воқеан ҳам, насри тоҷикии Ӯзбекистон то ҷое аз назари мунаққидон дур мондааст. Ин ҳодиса сабабҳо дорад, ки якеаш нарасидани мунаққидони касбӣ дар ин замина мебошад. Инкишофи насри тоҷикӣ нисбат ба назм дар Ӯзбекистон суст аст. Вале ин маънои онро надорад, ки наср сазовори нақду баррасӣ набошад. Дар ин замина, аз ҷумла месазад, ки аз фаъолияти қаламкашоне мисли А. Истад, Б. Ҷумъа, М. Турсунова, Ӯ. Иброҳим, Ч. Деҳнавӣ, Ш. Халил, Ю. Имомназар, М. Шодӣ ёд кунем.

Баъзе намунаҳои насри тоҷикии кишвар дар тасвири воқеиятҳои таърихӣ ва рӯзмарра дастовардҳо доранд. Нависандагон дар фарогирии воқеаву ҳодисаҳо комёбиҳо доранд. Вале вақте дар боби ҳунари тасвиргарӣ сухан ба миён меоварем, норасоиҳо зиёданд. Нависандагон, махсусан ҷавонон, бояд ба тасвири бадеӣ эътибор диҳанд. Адабиёт, хоҳ назм бошаду хоҳ

наср, бо бадеият, бо мавзӯву мундариҷа ва ғояҳои зиндагисоз адабиёт аст, вагарна суханест хушку холӣ.

**– Равобити фарҳангии тоҷику ӯзбек чӣ андоза қодир аст, ки ба инкишофи илми адабиётшиносӣ дар ин сарзамин шароит фароҳам оварад?**

– Имрӯз имконе фароҳам омадааст, ки маҳдудиятҳои касбӣ дар ин замина аз байн равад. Илм, аз ҷумла нақди адабӣ, маҳдудиятҳои марзиро намеписандад. Мо бояд таҷрибаҳои нақди пешрафтаи дунёро ба кор гирем. Ҳамчунин, робитаҳои судманди адабиву фарҳангии миёни Ӯзбекистону Тоҷикистон асоси пешрафти ин соҳаро метавонад фароҳам оварад. Таҷрибаи тарафайн дар пешрафти соҳа судманд аст, бояд аз он истифода кард.

**– Беҳтарин дастовардҳои шумо дар зиндагӣ кадомҳоянд?**

– Орзуҳоям ҷомаи амал пӯшиданд: муваффақиятҳоям дар соҳаи таълиму тарбия, илму маориф дастовардҳои ман ҳастанд. Фарзандони солеҳ, ки низ дар хидмати мардум ҳастанд, ҳадяи зиндагист барои падар.

**– Чӣ чизе дар ҳаётатон барои шумо бохти калон будааст?**

– Хатоҳое, ки дар ҷавонӣ кардам, аз ҷумла нарасидан ба қадри вақт ва умри даргузар бузургтарин бохти мананд, ки ҷуброннашавандаанд.

**– Барои рӯзҳои оянда чӣ орзую умедҳо дар дил мепарваред?**

– Осудагии халқу ободии Ватан ва саодату давлати пирӣ орзуву умеди ҳамешагии ман буду ҳаст.

Мусоҳиб Дилшоди ФАРҲОДЗОД.
(«Овози Самарқанд», 31-уми июли соли 2019, № 60)

## МУНДАРИҶА


Бачаҳоро куҷо бурда истодаем? ........ 3
Нобиғаи нобино ........ 12
Тантанаи ҳақиқат ........ 17
Шоҳидон ҳикоя мекунанд ........ 21
Хоҷа Исҳоқи Валӣ ........ 25
Хотираи дил ........ 30
Хоки муқаддаси аҷдод ........ 37
Бухоро аз мост, мо аз Бухороем! ........ 42
Модари шавҳар – душмани арӯс? ........ 48
Девори кӯндаланг ........ 51
Ҳикояҳои воқеӣ ........ 55
Китоби тирхӯрда ........ 58
Бӯстонлиқ – Шветсарияи Ӯзбекистон ........ 61
Бачаяке дар чорраҳа ........ 65
Ифтитоҳи лавҳаи ёдгорӣ ........ 68
Нақши гузару гузардорӣ дар Самарқанд ........ 78
Самарқанд: ривоят ва маънои аслӣ ........ 82
Субҳи устод ........ 85
Ба ҳалли муаммоҳо ҳиссагузор бошем ........ 89
Маданияти либоспӯшӣ,
тақлиди ноҷои лучгардӣ ва «чайлд фри» ........ 93
Рухсат ба ҳаҷ ........ 101
Моҷарои «тӯй» ........ 105
Дӯстии беназир ........ 109
«Маро барвақт ба шавҳар надиҳед!!!» ........ 113
Нақш дар дил ........ 116
Бузургонро бузургон пос медоранд ........ 119
Пул ёфтему... ........ 125
Мактабҳои аввалини фалсафӣ дар Самарқанд ........ 129
Барои таъмири Хона-музейи Айнӣ
қариб як миллиард сӯм сарф шуд ........ 137
Ман дар ин оина худро сохтам ва ҳанӯз ҳам месозам ........ 141

# 30
# НОМАИ РӮЗНОМА

Муҳаррир:
Дилшодаи Ҳазратқулиён
Мусаҳҳиҳ:
Ҳошимжон Қучқоров
Дизайнер:
Сирож Раджабов
Ҳарф терувчи:
Лола Раҳимова

Нашриёт лицензияси №AI 242, 04.07.2013 й.
Офсет қоғози. Босишга рухсат этилди 19.01.2020.
Формат 60×84 $^{1}/_{16}$. Гарнитура «Vollkorn».
Босма табоқ 14.75 Адади 500 нусха. Буюртма №22

«VNESHINVESTPROM»
масъулияти чекланган жамияти.
100029 Тошкент шаҳри, Навоий кӯчаси, 30.
Тел./факс: (+99871) 244-75-75